# Ӯ дар байни мо зиндагӣ мекунад



Хонандаи азиз, ин китоби рангин туро бо шахсияти барҷастае ки қариб 2000 сол пеш зиндагӣ мекард, бо касе ки ҳоло ҳам доимо дар байни мост, шинос мекунад. Ӯ Исои Масеҳ, Писари Худо — Наҷотдиҳандаи инсоният аст.

Ба хотири он ки ҳамагон, аз хурд то бузург, Китоби Муқаддасро беҳтар дарк кунанд, яке аз рассомони Фаронса ин расмҳоро кашидааст. Муаллиф ва тарҷумон кӯшиш кардаанд, аз иборaҳои камистеъмол худдорӣ намуда, саъй кунанд, ки матнро барои хонандаи нотайёр (беимон) ҳам осон ва дастрас бисозанд. Дар айни ҳол онҳо дар суханони ҳавворӣ Павлус дастгирии маънавиро пайдо мекарданд: „Барои нотавонон чун нотавон шудам, то ки нотавононро ҷалб намоям. Барои ҳама кас ман ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам" (1 Қӯринтиён 9:22).

Бинобар ин тасвиятҳои ғайрирасмӣ ва навишти баъзе калимаҳо, ки на бо ҳарфи калон, балки бо ҳарфи хурд навишта шудаанд, хонандаи имондорро бояд ба тааҷҷуб наоваранд. Мақсади асосии муаллифон аз он иборат аст, ки ин қиссаи ҳақиқӣ барои шиносоии боз ҳам муфассалтар бо зиндагии Исо ва таълимоти Ӯ ва барои фаҳмидани тафсилоти ба вуҷуд омадани масеҳият шавқу рағбат пайдо кунонад. Оиди ин дар Аҳди Ҷадид гуфта шудааст, ки аз он дар ин ҷо фақат баъзе порчаҳои беҳтарин ба кор бурда мешаванд. Аҳди Ҷадид инчунин маълумоти ниҳоят муҳимро дар бораи нақшаи Худо, ки ба ҳар яки мо ва ба тамоми олам дахл доранд, дар бар мегирад.

Ин китоб барои хониши Китоби Муқаддас чӣ дар доираи оилавӣ ва чӣ дар байни дӯстон имконият фароҳам меоварад. Мо ба хонандагони худ вохӯрии шахсиро бо Исо орзу мекунем, ки Ӯ гуфтааст: „Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам".

Originally published in English under the title
*He Lived Among Us.*

This book can be seen on internet in various languages
www.gospelcomics.com

Scripture taken from the HOLY BIBLE
© 2007 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Напечатано в Турции
ISBN: 978-975-462-0467

# Мундариҷа


| | Саҳ. | |
|---|---|---|
| Фаластин ва халқи яҳудӣ таҳти ҳукмронии румиён дар давраи салтанати қайсар Тибариюс | 4-5 | 10 |
| Яҳёи Таъмиддиҳанда омадани Масеҳро хабар медиҳад ва Исоро дар оби Урдун таъмид медиҳад | | 10 |
| Марями бокира аз Носира мефаҳмад, ки модари Исо мешавад | 11-12 | 28 |
| Марям дар меҳмонии хеши худ Элисобаъ. Таваллуди Яҳёи Таъмиддиҳанда | 13-17 | |
| Юсуф, номзади Марям амр мегирад, ки чӣ тавр рафтор кунад ва Марямро ба занӣ гирад | 18-19 | |
| Таваллуди Исо дар Байт-Лаҳм | 20-22 | |
| Исоро ба маъбади Ерусалим меоваранд | 23-24 | |
| Ҳикоят дар бораи ҳакимони Шарқ | 24-27 | 29 |
| Харитаи музофоти румии Фаластин дар замони Исо | 30 | |
| Исо шогирдони аввалини худро пайдо мекунад | 31-32 | |
| Тӯи арӯсӣ дар Қоно | 33-35 | |
| Мӯъҷиза ҳангоми сайди моҳӣ дар кӯли Ҷинесор (баҳри Ҷалил) | 36-39 | |
| Исо беморон, нотавонон ва махавиро шифо медиҳад | 40-41 | |
| Исо Маттои боҷгирро даъват мекунад, ки аз паси Ӯ ояд | 42-43 | |
| Исо дар Кафарнаҳум шахси фалаҷро шифо медиҳад | 44-45 | |
| Исо зани гунаҳкорро дар Маҷдал мебахшад | 46-48 | |
| Исо ҷавонеро аз Ноин зинда мекунад | 49 | |
| Яҳёи Таъмиддиҳандаро дар зиндон сар мезананд | 50-52 | |
| Мӯъҷизаи афзун шудани нон | 53-54 | |
| Петрус дар Қайсария дар бораи имони худ ба Исо арз мекунад | 55 | |
| Ҷамъияти Фаластин дар замони Исо | | 56 |
| Мӯъҷизот дар Инҷилҳо | | 57 |
| Озмоиши Исо дар биёбон | 58-61 | 80 |
| Дигаргун шудани Исо дар болои кӯҳ | 62-63 | 80 |
| Пешвозгирии ботантанаи Исо ҳангоми ворид шудан ба Ерусалим | 64-66 | 80 |
| Исо фурӯшандагонро аз маъбад пеш мекунад | 67-69 | 80 |
| Ҳукуматдорони Ерусалим қарор медиҳанд, ки Исоро ҳабс кунанд. Яҳудо нияти хиёнат карданро мекунад | 70-71 | |
| Тайёрӣ ба иди Фисҳ | 72-73 | 81 |
| Исо пойҳои шогирдонро мешӯяд | 74-75 | |
| Исо хиёнати Яҳудоро фош мекунад | 76-77 | |
| Таоми шоми пинҳонӣ | 78-79 | 81 |
| Исо вазифаи додаи Падарро қабул мекунад | 82-85 | 110 |
| Ҳабси Исо дар болои кӯҳи Зайтун Петрус Исоро инкор мекунад. Азоби виҷдон Яҳудоро ба худкушӣ меоварад | 86-91 | 110 |
| Суди Шӯрои Олӣ Исоро ба қатл маҳкум мекунад | 88-89 | 110 |
| Исоро ба назди ҳокими румӣ — Пилотус меоваранд | 92-93 | 110 |
| Тамасхур бар Исо, тоҷи хордор | 94 | |
| Бараббоси террорист афв карда шуда, ба ҷои Исо ба озодӣ мебарояд | 95-97 | |
| Дар зери фишори ҳокимони Ерусалим Пилотус Исоро ба маслубшавӣ маҳкум мекунад | 98-99 | 110 |
| Исоро таҳқир мекунанд ва мезананд | 100 | |
| Исо салиби худро ба ҷои қатл мебарад | 101-103 | |
| Маслуб кардани Исо дар Ҷолҷолто ва марги Ӯ | 104-107 | 111 |
| Ҷасади Исоро дар мақбара мегузоранд | 108-109 | |
| Субҳ рӯзи Фисҳ маълум мешавад, ки мақбара холӣ аст | 112-113 | 126 |
| Вохӯрии Исои эҳёшуда бо Маҷдалия | 114-115 | 127 |
| Вохӯрии Исои эҳёшуда бо шогирдон дар Аммоус | 116-118 | 127 |
| Вохӯрии Исои эҳёшуда бо шогирдон ва Тумои нобовар | 119-121 | |
| Вохӯрии охирин дар соҳили кӯли Ҷинесор. Насиҳати Исо ба шогирдон оиди паҳн кардани таълимоти Ӯ дар тамоми ҷаҳон | 122-125 | 127 |
| Беназирии эҳёи Исо | | 126 |
| Маънои „Имонуил“ „Худо бо мо“ аст | | 127 |
| Эзоҳ | | 128 |

Дар худуди солҳои 30-юми то милод империяи Рум аллакай 780 сол вуҷуд дошт ва дар ҳайати худ ҳамаи мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Миёназаминро аз Испания ва Галлия то Миср ва Сурия дар бар мегирифт.






Ерусалим, қасри ҳокими румӣ Понтиюс Пилотус, фармондеҳи артиши ишғолӣ.

Ерусалим пойтахти Яҳудо дар Фаластин буд ва ба ҳайати музофоти Сурияи Рум медаромад.













Барои ибриён ин баробари палид гардондани шаҳри муқаддаси онҳо буд. Ба онҳо ҳатто тасвир намудани Худои худашон ҳам мамнӯъ аст.
Онҳо ба қайсар шикоят карданд ва тасаввур кунед — муваффақ шуданд!
Онҳоро роҳбарӣ кардан бисёр мушкил аст. Дар тамоми империя аз ин дида кори нохуштар нест!
Ин рост аст! Онҳо ягона халқе дар тамоми империя мебошанд, ки худоёни Румро ибодат намекунанд!
Ғайр аз он ки онҳо дар рӯзи шанбе кор кардан намехоҳанд, онҳо ба маъбади худ даромадани ғайриибриёнро манъ мекунанд ва худро «халқи интихобшуда» эълон кардаанд.
Оҳ ин маъбад! Фалокат! Вақте ки 200000 зиёраткунандагон ба ид мебиёянд, бояд хушёр буд! Террористҳо аз паноҳгоҳи биёбонӣ мебароянд ва фурсати ба миён овардани бетартибиҳоро аз даст намедиҳанд.
Вале мо аз қалъаи Антоний амалиёти онҳоро назорат мекунем ва дар вақташ мудохила мекунем!
Хуб, капитан! Вазъиятро дар Урдун назорат кунед ва маро бохабар карда истед.
Ман худам ба он ҷо меравам.
Ҳукуматдорони Яҳудо — саркоҳин ва фарисиён ба ин Яҳёи Таъмиддиҳанда бисёр таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва худашон таҳқиқро оғоз намудаанд.

Рӯзи дигар дар назди Урдун.







**Луқо 3:1–2:** Ин дар соли понздаҳуми ҳукмронии қайсари Рум Тибариюс ба амал омад. Он гоҳ Понтиюс Пилотус ҳукмрони музофоти Яҳудо, ва Ҳиродус подшоҳи Ҷалил буд... Ҳонон ва баъдтар Қаёфо коҳинони мартабаи олӣ (саркоҳинон) дар Ерусалим буданд.

**Матто 3:1–17:** Дар ин айём Яҳёи Таъмиддиҳанда дар биёбони Яҳудо ба мавъиза сар мекунад. Мавзӯи асосии мавъизаи ӯ: Дар асоси худ тағйир ёбед! Сӯи Худо баргардед! Зеро акнун давраи салтанати Худо сар мешавад. Ишаъёи набӣ дар нубуввати худ вазифаи Яҳёро чунин тасвир кардааст: „Ман мешунавам, ки касе дар биёбон нидо мекунад: «Барои Худованд роҳро тоза кунед! Тамоми монеаҳоро аз роҳи Ӯ дур созед!»“


ДАР ИН ВАҚТ
Ман туро дар об ғӯта медиҳам.
Ва боз туро мебардорам. Ин маънои покшавӣ ва навшавиро дорад.
Оё чизе ки набӣ мегӯяд, ба шумо дахл надорад?
Мо ба дигаргуншавӣ эҳтиёҷ надорем.
Мо ба хотири гузарондани тадқиқот барои ҳукуматдорони Еруса лим — саркоҳин ва фарисиён омадем.
Ту Яҳёи Таъмиддиҳанда номида мешавӣ! Росташро гӯй, — Масеҳ ту ҳастӣ?
Не, ман Масеҳ нестам. Ман лоиқ нестам ҳатто банди пойафзоли Ӯро кушоям.
Пас, ту кӣ ҳастӣ? Ту аз куҷо омадӣ ва туро кӣ фиристод?
Ман овози нидокунанда дар биёбон ҳастам. Роҳи Худовандро рост кунед!













Яҳё китфпӯшаке аз пӯсти шутур дар бар дошт, ки бо камарбанди чармин баста мешуд. Хӯроки ӯ малах ва асал буд, ки онро дар биёбон меёфт. Бисёр одамон аз Ерусалим, водии дарёи Урдун ва аз тамоми Яҳудо ба назди ӯ меомаданд. Онҳо гуноҳҳои худро ошкоро эътироф мекарданд ва Яҳё онҳоро дар оби Урдун таъмид медод.

Вале чун ӯ дид, ки бисёр фарисиён ва садуқиён назди ӯ барои таъмид меоянд, онҳоро пеш карда гуфт: „Эй афъизодагон! Шумо умед доред, ки аз доварии наздикшудаи Худо халос мешавед? Аввал амалан исбот намоед, ки шумо ҳақиқатан дигар шудаед! Фақат фикр накунед, ки шумо худро бо он сафед мекунед, ки „Иброҳим (дӯсти Худо) падари мо буд!“ Ин шуморо наҷот намедиҳад. Худо қодир аст аз ин сангҳо барои Иброҳим наслҳо ба вуҷуд оварад. Эҳтиёт шавед! Ва алҳол теша бардошта шудааст, то ки дарахтон бо решааш бурида шаванд. Ҳар як дарахте ки меваи нағз надиҳад, бурида ва дар оташ андохта хоҳад шуд. Касонеро, ки ба назди Худо бармегарданд, ман дар об таъмид медиҳам.

Дар ин вақт аз байни тӯда одаме мебарояд.

Ин Исои носирӣ аст. Ӯ ба назди Яҳё мебиёяд.



Лекин баъди ман Касе меояд, ки нисбат ба ман бисёр тавонотар аст. Ман ҳатто сазовори ба Ӯ хизмат кардан ҳам нестам. Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид медиҳад".

Исо аз Ҷалил ба Урдун омад, то ки аз Яҳё таъмид ёбад. Аввалан Яҳё мехост Ӯро боздорад: „Ту бояд маро таъмид бидиҳӣ, ва Ту ба назди ман омадӣ?" Исо дар ҷавоб гуфт: „Бигзор он чи бояд ба амал ояд, воқеъ шавад. Мо бояд иродаи Худоро ба ҷо оварем". Ва Яҳё Исоро таъмид дод.
















Вақте ки Исо аз об баромад, осмон дар болои Ӯ кушода шуд ва Яҳё дид, ки Рӯҳи Худо чун кабӯтар бар Ӯ фурӯд омад. Ҳамзамон овозе аз осмон шунида шуд: „Ин Писари маҳбуби Ман, шодии Ман аст! Ӯ баргузидаи Ман аст!"

# Дар замони Исо Фаластин зери ҳокимияти Рум буд

Ҳисоб кардани солшуморӣ аз давраи таваллуди Исои Масеҳ барои мо ҳукми одат шудааст. Агар мо соли 1985, 1990, 2000 нависем, ин онро ифода мекунад, ки баъди таваллуди Ӯ ҳамон қадар сол гузаштааст. Таваллуди Исои Масеҳ воқеаи муҳимтарини ҷаҳон аст. Он тамоми таърихи башариятро ба ду давра ҷудо кард: то таваллуди Ӯ ва баъд аз он. Мувофиқан, дар бораи он чи то таваллуди Масеҳ рӯй дода буд, чун дар бораи воқеоти то давраи мо мегӯянд, ва дар бораи он чи баъди таваллуди Ӯ ба вуқӯъ омадааст, чун дар бораи воқеоти давраи мо гап мезананд.

Дар давраи зиндагии Исо тамоми мамлакатҳои атрофи баҳри Миёназамин зери ҳукмронии румиён қарор доштанд. Империяи Рум аз бунёдшавии Рум дар соли 753 то милод ба вуҷуд омада, оҳистоҳиста сарзаминҳои бузургро, ки Испания, Фаронса ва Марокаши ҳозираро дар бар мегиранд, ба худ ҳамроҳ кард. Ҳукмронии он то худи Миср, Сурия ва ҷануби Русия паҳн мешуд.

Дар замони таваллудшавии Исо дар роҳбарии империя қайсар Август қарор дошт. Дар солҳои сиюми замони мо, вақти марги Исо, империяи Румро қайсар Тибариюс идора мекард.

Румиён дар сарзаминҳои ишғолкардаашон соҳибони кулл буданд. Ба иқтидори лашкари ҳарбии худ такя карда, онҳо ҳар як кӯшиши шӯришро бераҳмона фурӯ менишонданд. Лекин дар мамлакатҳои тобеи онҳо норозигӣ аз румиён бисёр набуд. Румиён дар он ҷо худро ҳамчун ташкилотчиёни хуб нишон медоданд. Онҳо ҷангҳои дохилии ҳокимон ва қабилаҳои рақибро, ки барои халқҳои маҳаллӣ бадбахтӣ буданд, қатъ карда, оромӣ ва тартиботро барқарор карданд. Дар мамлакатҳои ишғолкардаи худ румиён дар сари ҳокимият мондани ҳокимони пештараро иҷозат медоданд, ки мамлакатро акнун таҳти назорати онҳо идора мекарданд. Румиён дин ва расму русуми халқҳои маҳаллиро манъ намекарданд. Вале онҳо талаб мекарданд, то ки дар маъбадҳои бутпарастии мамлакатҳои истилошуда ба худоёни румӣ саҷда карда шавад. Аз рӯи дараҷаи кӯшише ки дар роҳи парастиши Рум ва қайсари он нишон дода мешуд, эътимоднокии ин ё он халқ баҳо дода мешуд.

Дар тамоми империя халқи ягонае ки қайсари Рум ва худоёни румиро парастиш намекарданд, яҳудиён буданд. Онҳо ба нуфузи тамаддуни юнонӣ-румӣ муқобилият мекарданд ва мустақилият ва урфу одатҳои қадимаи худро сахт муҳофизат мекарданд. Онҳо бо халқи шуморааш қариб панҷ миллион нафар аз дигарон алоҳида зиндагӣ мекарданд, ки як миллиони онҳо дар сарзамини Исроил ва Фаластини ҳозира зиндагӣ мекарданд ва пойтахти онҳо Ерусалим буд, ва чор миллиони дигар дар мамлакатҳои империяи Рум — Юнон, Сурия, Миср пароканда буданд. Онҳо дар худи Рум зиндагӣ мекарданд, ки дар он ҷо худро чун тоҷирон ва дасисакорони моҳир нишон дода, дар тамоми доираҳои ҷамъияти румӣ то худи дарбори қайсари Рум эътибори калон доштанд. Бинобар ин онҳоро рӯйхотир мекарданд.

Дар таърихи олам барои халқи яҳудӣ нақши махсус муайян шудааст. Он бояд ба Замин омадани фиристодаи Худоро омода созад (Он фиристода„Масеҳ“ ба забони яҳудии қадимӣ ва „Христос“ ба забони юнонӣ номида мешавад). Дар бораи омадани Масеҳ пайғамбарони яҳудӣ аз қадим пешгӯӣ мекарданд. Маъбади ягонаи яҳудиён дар Ерусалим ҷойгир буд: дар он ҷо онҳо дуо мекарданд ва ба Худои худ қурбонӣ меоварданд. Яҳудиён тасвир кардани Худоро манъ мекарданд, дар бораи бутҳо бошад ҳоҷати гап ҳам нест, чунки онҳо ба расмҳо ва ҳайкалҳо, ки офаридаи одамон ҳастанд, балки ба Худи Худо саҷда карданро лозим медонистанд. Хусусан нигоҳ доштани ҳайкали қайсари Рум дар маъбад нораво буд. Дар натиҷаи мақоми махсуси худ ба яҳудиён муяссар шуд, ки аз ибодати худоёни румӣ озод шаванд. Дар тамоми империяи Рум ин ягона халқе буд, ки чунин имтиёз дошт.



*Уқоби румӣ, аломати империяи Рум: мансабпарасти дарранда...*

Ҳангоми таваллуди Исо дар Ерусалим писандидаи румиён подшоҳ Ҳиродуси бузург ҳукмронӣ мекард, ки дар пеши назари онҳо ду хусусияти пурбаҳоро доро буд: расман ӯ тарафдори дини яҳудӣ ҳисоб мешуд, вале бо тамоми ҷону дилаш ба Рум дода шуда буд. Баъди марги ӯ Фаластин ба якчанд қисматҳо ҷудо карда шуд, ки дар қатори онҳо Ҷалил, Сомария ва Яҳудо буданд. Яҳудо бо пойтахташ Ерусалим, ки бисёр бетартибӣ ва шӯришҳо дошт, таҳти назорати бевоситаи румиён қарор гирифт. Дар солҳои 30-юм, вақте ки Исо фаъолияти Худро оғоз кард, ҳокимият дар Яҳудо дар дасти ҳокими румӣ Пилотус буд.

## Яҳёи Таъмиддиҳанда Исоро дар оби Урдун таъмид медиҳад

Яҳёи Таъмиддиҳанда, ки оиди таваллуди ӯ дар аввали Инҷили Луқо ба мо маълумот дода шудааст, ҳанӯз дар синни ҷавонӣ ҳаёти зоҳидонаро дар биёбон ба худ интихоб кардааст. Баъдтар даъвати асроромез ӯро ба соҳили Урдун овард, то ки дар он ҷо хабарро дар бораи омадани Масеҳ паҳн кунад. Яҳё одамонро дар оби Урдун таъмид дода, бо ҳамин омодагии дилҳои онҳоро барои қабули фиристодаи Худо нишон медод. Урдун дарёи муқаддас ҳисоб мешуд ва ғӯтидан дар оби он баробари пок шудан буд.

Чӣ тавре ки маълум аст, об манбаи ҳаёт аст ва ҳамзамон гирдобест, ки ҳамаро фурӯ мебарад. Ҳамчун манбаи ҳаёт он серҳосилӣ ва шодӣ меоварад, асос барои ҷашнгириҳо мешавад. Аввалин махлуқоти зинда маҳз дар об пайдо шудаанд. Ва бозгашт ба обро аз нав барқарор шудан, аз нав таваллуд шудан ҳисобидан мумкин аст. Вале об гирдоби марговар ҳам шуда метавонад. Дар он ғарқ шудан, абадан ғайб задан мумкин аст.

Бинобар ин, ба дарё даромадан ва дар оби он ғӯта задан аломати сар кардани ҳаёти нави одамӣ мебошад. Баромадан аз об рамзи таваллуди дуюм, пайдо шудани махлуқи нави тоза мебошад. Моҳияти маросими таъмид дар об ҳамин аст.

Яҳёро ба хотири он Таъмиддиҳанда меномиданд, ки ӯ он одамонеро дар оби Ӯрдун таъмид медод, ки дар гуноҳҳои худ иқрор шуданд ва ҳамин тариқ қарор доданд ҳаёти худро дигар созанд, то ки дилҳои онҳо барои қабул кардани Масеҳ, ки Худо кайҳо ваъда карда буд, то Ӯро ба халқи Худ фиристад, тайёр бошанд. Одамон тасаввур карда наметавонистанд, ки Худо Худаш ба замин меояд. Чунин пиндошта мешуд, гӯё ҳангоми тамоси бевосита бо Худои абадӣ одамон бояд ба ҳеҷ чиз мубаддал мешуданд, яъне ғайб мезаданд. Бинобар ин, тамос фақат бо фиристодаи Ӯ мумкин аст, ки худаш бо Худо робитаи хеле наздик дорад. Ӯ доварии бузургро ба амал меоварад, одамони бадро ҷазо медиҳад ва ҳамроҳи некдилон асри тиллоии ҳукмронии Худоро дар замин барқарор мекунад. Дар ин бора Яҳёи Таъмиддиҳанда пешгӯӣ карда буд.

Вақте ки Исо ба ӯ наздик шуд, Яҳё Ӯро таъмид додан нахост, зеро ҳис кард, ки Исо бегуноҳ аст. Вале Исо ба таъмид исрор мекард. Ҳамин тавр Ӯ нишон дод, ки тамоми одамони дунёро ба қалби худ қабул кард ва бо ҳамин ҳамаи гуноҳҳои онҳоро ба гардани худ гирифт.

Баъди таъмиди Исо Яҳё ваҳӣ гирифт. Ҳангоми ин аз рӯи шаҳодатҳои фаҳмидааш ӯ пай бурд, ки Исо Масеҳ аст, ки ҳамагон Ӯро интизор буданд.

Ҳодисаи воқеъшуда дар Китоби Муқаддас бо забони тимсолҳо тасвир меёбад. Бинобар ин барои фаҳмидани забон ба кор овардани тафаккури фасеҳ зарур аст. Он гоҳ ибораи „осмонҳо кушод шуданд“ метавонад дар байни дигар тимсолҳо боиси ба вуҷуд омадани як навъ воситаи маълумот шавад, ки ба воситаи он мушоракат бо Худо ва оштӣ бо Ӯ мумкин аст — осмон дигар баста нест, монеа дар мушоракат вуҷуд надорад. Ҷумлаи „Рӯҳи Худо дар сурати кабӯтар аз осмон фурӯд меояд ва бар Исо қарор мегирад“ инчунин тимсолҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад, масалан, кабӯтареро, ки баъди тӯфони Нӯҳ аввалин шохаи сабзро ба киштии Нӯҳ оварда буд: ва ё он ногоҳ ба эҳсос намудани меҳрубонии Худо нисбат ба Исо имкон медиҳад. „Овоз“-ро ҳам тимсолан дарк кардан зарур аст, ки ба Яҳёи Таъмиддиҳанда нисбат ба муждарасони Худо муҳимтар будани Исоро хабар дода буд — Ӯ Писари ягонаи Худо аст, ки ба замин омадааст.



Исо вақте ки 30-сола буд, дар Урдун таъмид дода шуд. Ӯро писари Юсуф, дуредгар аз Носира меномиданд. Модари Ӯ Марям буд. Аз тарафи модар Ӯ ба Яҳёи Таъмиддиҳанда холабача буд.

Таваллуди Ӯ аҷоиб буд, ки дар бораи ин волидайни Ӯ шаҳодат дода метавонистанд.




Дар як рӯзи шанбе падару модари Марям аз куништ ба хона баргаштанд.










**Луқо 1:26–38.** Худо фаришта Ҷабраилро назди Марями бокира ба Носира ном шаҳри Ҷалил фиристод. Марям ба Юсуф номзад шуда буд, ки ба авлоди подшоҳи бузург Довуд тааллуқ дошт. (Ӯ 1000 сол пеш то воқеаҳои тасвиршаванда бар Исроил ҳукмронӣ мекард).

Фаришта ба вай зоҳир шуда гуфт: „Салом, эй Марям! Худо туро хушбахт кард. Ӯ туро дар миёни тамоми занон интихоб кардааст". Марям ҳаросон пурсид, ки ин суханони аҷиб чӣ маъно доранд. „Натарс, эй Марям, — фаришта вайро ором кард. — Худо туро дӯст медорад ва туро барои иҷрои нияти Худ интихоб кардааст. Ту ҳомила шуда, писаре хоҳӣ зоид ва Ӯро Исо хоҳӣ номид. Ӯ бузург хоҳад шуд ва Ӯро Писари Худо хоҳанд номид. Кори подшоҳ Довудро давом дода, Ӯ то абад бар Исроил салтанат хоҳад ронд".

„Ин чӣ тавр имконпазир хоҳад буд? — аз фаришта пурсид Марям. — Ман ҳанӯз бо шавҳар зиндагӣ намекунам". Ва фаришта ба вай ҷавоб дод: „Рӯҳулқудс бар ту хоҳад омад ва қудрати Исо дар ин ҳодиса зоҳир хоҳад шуд. Бинобар ин кӯдак муқаддас хоҳад буд ва Писари Худо номида хоҳад шуд. Ҳатто хеши ту, Элисобаъ , ки ӯро беназл мегуфтанд, акнун дар моҳи шашуми ҳомиладорӣ аст.


Ман чӣ гуна кӯдак дошта метавонам, дар ҳоле ки ҳанӯз ба шавҳар набаромадаам?
Рӯҳулқудс бар ту хоҳад омад ва қуввати Ҳаққи Таоло ба ту соя хоҳад афканд; Мавлуди муқаддас Писари Худо номида хоҳад шуд. Ана исботи он чизе ки ман гуфтам. Элисобаъ, хеши ту, гарчанде ки пир аст, кӯдак таваллуд мекунад. Вай нозой буд, ҳоло бошад ӯ дар моҳи шашум аст. Зеро барои Худо чизи имконнопазир нест!
Ман канизи Худо ҳастам! Бигзор чизе ки ту гуфтӣ, бо ман шавад!
Пас аз якчанд рӯз...
Модарҷон, ман мехостам муддате дар хонаи хешамон Элисобаъ меҳмон шавам.
Ман мебинам, ки ту ба ин хоҳиши сахт дорӣ, гарчанде намегӯӣ, ки барои чӣ?
Ташрифи ту Элисобаъ ва шавҳараш Закарёро шод мегардонад, вале онҳо хеле дур, дар Яҳудо зиндагӣ мекунанд.
Ту танҳо дар он ҳолат рафта метавонӣ, ки ба корвоне ки ба Ерусалим ба воситаи Носира меравад, ҳамроҳ шавӣ...
БА ЗУДӢ БАЪДИ ИН, ДАР РОҲ БА ЕРУСАЛИМ...
Ман туро ба ҳимояи роҳбалади боэътимод месупорам, то барои ту ғамхорӣ кунад.
Ман тамоман наметарсам, ман медонам, ки Худо маро нигаҳбонӣ мекунад.
Худо маро бо ҳузураш баракат дод ва ваъда дод, ки ман модари Масеҳ мешавам, ки Ӯро тамоми ҷаҳон интизор аст.
Мехостам бидонам, ки Элисобаъ дар он ҷо чӣ хел аст? Наход, ки ҳамаи ин рост аст?
Марям, ана роҳ ба Айнкарин, ки дар он ҷо хеши ту Элисобаъ зиндагӣ мекунад. Деҳа дар ин водӣ аст.
Ташаккур ба ту роҳбалад. Худо нигаҳбонат бошад!






Дар синни кӯҳансолӣ вай писаре хоҳад зоид. Барои Худо ягон чиз имконнопазир нест".
„Ман тайёр ҳастам иродаи Худоро ба ҷо оварам, — ҷавоб дод Марям. — Бигзор ҳама чиз аз рӯи гуфтаи ту шавад". Баъди ин фаришта аз назди вай рафт.










**Луқо 1:39–66.** Марям қарор дод ҳарчи тезтар назди Элисобаъ равад, ки ҳамроҳи шавҳараш Закарё дар кӯҳистони Яҳудо, дар деҳаи хурде зиндагӣ мекарданд. Вай ба хонаи Элисобаъ даромада, ба вай салом гуфт. Овози Марямро шунида, Элисобаъ бо таҳрики Рӯҳулқудс хитоб кард: „Худо туро дар миёни дигар занҳо интихоб карда, туро ва кӯдаки туро баракат додааст! Барои ман шараф аст, ки модари Худованд назди ман омадааст! Вақте ки ман садои туро шунидам, кӯдак аз шодӣ дар шикамам ба ҷунбиш омад! Ту хушбахттарин зан ҳастӣ, чунки имон овардӣ! Он чи аз ҷониби Худо ба ту гуфта шуда буд, ба амал хоҳад омад!"


Фаришта Ҷабраил ба ӯ зоҳир шуд ва гуфт. Шумо писардор мешавед ва ӯро Яҳё ном хоҳед монд.
Вазифаи ӯ тайёр кардани роҳ барои Масеҳ мебошад!
Дуоҳои худро ба Ту, Худои ман, менигаронам.
Аммо ин чист? Худо ба ман фаришта мефиристад, то чизеро кушояд...
Вале Закарё шубҳа кард. Ин номумкин аст, зеро ман пир ҳастам!
Барои исбот фаришта ба ӯ аломат дод: аз он вақт забони Закарё лол шуд...







Марям дар меҳмонии Элисобаъ боз 3 моҳи дигар буд ва баъд ба Носира баргашт. Баъди муддате Элисобаъ писар таваллуд кард. Дар рӯзи ҳаштум лозим буд кӯдакро хатна кунанд ва ба ӯ ном ниҳанд.










Марям Худоро сипосгузорӣ кард: „Худовандо, ман аз самими қалб Туро сипосгузорӣ мекунам. Ман хеле хушбахт ҳастам, эй Наҷотдиҳандаи ман! Ту маро — зани оддиро ба иҷрои вазифаи бузург даъват кардӣ. Дар тамоми даврҳо одамон маро хушбахт хоҳанд хонд, зеро Худои муқаддас ва қодир маро ба ниятҳои бузурги Худ ҳамроҳ кард!" Марям қариб се моҳ дар назди Элисобаъ монд ва баъд ба хонаи худ баргашт.

Дар вақти муайяншуда Элисобаъ писар таваллуд кард... Баъди таваллуд дар рӯзи ҳаштум кӯдакро хатна карданд. Дар айни ҳол аз рӯи одат ӯ бояд номи падарро мегирифт ва Закарё номида мешуд. Лекин Элисобаъ инро нахост:










„Не, номи ӯ Яҳё хоҳад буд". Ба вай гуфтанд: „Пештар дар авлоди ту ягон кас чунин ном надошт". Он гоҳ падарашро даъват карда, ӯро пурсиданд: „Писари ту чӣ ном хоҳад дошт?" Закарё (ҳоло гунг буд) тахтачаро ба даст гирифта, дар рӯи он навишт: „Номи кӯдак Яҳё аст". Ҳама хеле мутааҷҷиб буданд. Вале аз ин лаҳза забони Закарё кушода шуда, ӯ Худоро ҳамду сано хонд.

Дар бораи ин дар тамоми кӯҳистони Яҳудо мегуфтанд ва дар ҳама ҷо одамон аз ин ҳодиса дар ҳарос буданд. Онҳо ба худ мегуфтанд: „Ин кӯдак кӣ хоҳад шуд? Бешубҳа, Худо ӯро барои ягон кори махсус таъин мекунад".

Марям баъди чанд моҳ ба Носира баргашт.







**Матто 1:18–24.** Ҳамин тавр Исои Масеҳ, Писари Худо, дар сурати одамӣ ба дунё омад: модари ӯ Марям бо Юсуф номзад шуда буд. Вале пеш аз издивоҷ кардани онҳо Марям ҳомиладор шуд, зеро Рӯҳи Худо дар батни ӯ кӯдакро офарид. Юсуф дар бораи пайдоиши илоҳии кӯдак нафаҳмида, мехост аҳди никоҳро вайрон кунад. Қонуни Худо ба вай чунин мефармуд. Вай мехост Марямро ҷавоб дода, диққатро ба ин ҷалб накунад, то ки вайро нангин насозад. Боре баъди андешаронии пуразоб, ҳангоми хоб, фариштаи аз ҷониби Худо фиристода ба ӯ зоҳир шуд ва гуфт: „Эй Юсуф, писари Довуд, шубҳаро дур кун ва Марямро ба занӣ бигир!

Рӯзе, саҳарӣ...



















Ба наздикӣ, баъди ин Юсуф бо Марям тӯйро барпо мекунанд...






Писареро, ки вай интизор аст, Рӯҳи Муқаддас офаридааст. Ва Ӯ Исо номида хоҳад шуд, ки маъноаш Наҷотдиҳанда аст. Ва Ӯ халқи Худро аз гуноҳ халос мекунад". Ҳамин тавр нақшаи пешакии Худо иҷро шуд, ки Ишаъёи набӣ оиди он хабар дода буд (Ишаъё 7:14): „Бокирае ҳомила хоҳад шуд ва писареро хоҳад зоид. Ӯ Имонуил номида хоҳад шуд, ки маъноаш «Худо бо мо» аст".

Вақте ки Юсуф бедор шуд, ӯ чунон рафтор кард, ки фаришта гуфта буд ва Марямро ба занӣ гирифт (мувофиқи урфу одати яҳудиён маросими тӯии дуюмро иҷро кард).
















Марям то худи таваллуди писар бокира монд. Юсуф ӯро Исо номид.

**Луқо 2:1-20.** Дар он айём қайсар Августус фармон дод, ки аввалин саршумории тамоми сокинони қаламрави Рум ба амал оварда шавад. Ҳар як шахс бояд ба зодгоҳи худ, ба шаҳр ё ба деҳаи худ омада, дар он ҷо ба рӯйхат дароварда шавад.












Дар ин шаб дар кӯра Марям писар таваллуд кард...



Вай кӯдакро парпеч карда, Ӯро ба охур гузошт...



Азбаски Юсуф аз насли Довуд буд, ки дар Байт-Лаҳм таваллуд шуда буд, ӯ аз Носираи Ҷалил ба Байт-Лаҳми Яҳудо равон шуд ва дар он ҷо ҳамроҳи зани ҷавони худ Марям, ки ҳомиладор буд, ба рӯйхат дароварда шуд.

Ҳангоми дар Байт-Лаҳм будан онҳо дар ягон мусофирхона истода натавонистанд, чунки дар он ҷо барои онҳо ҷой ёфт нашуд ва Марям кӯдаки аввалини худро дар оғил таваллуд кард. Дар он ҷо вай ӯро парпеч карда, ба охур гузошт.

Шабона, дар наздикии
Байт-Лаҳм чӯпонон рамаи
худро нигаҳбонӣ мекунанд...










Хабар ба тамоми
гирду атроф паҳн шуд...

Дар рӯзи ҳаштум маросими хатна
аз рӯйи аҳди Худо бо Исроил гузашт...




Худи ҳамон шаб дуртар аз шаҳр дар яке аз чарогоҳҳо чӯпонон рамаҳои худро посбонӣ мекарданд. Ногаҳон дар байни онҳо фариштае пайдо шуд ва нури дурахшон онҳоро мунаввар кард. Чӯпонон ба ҳарос афтоданд, вале фаришта ба онҳо гуфт: „Натарсед! Ман барои тамоми одамон муждаи басе хурсандона дорам: имрӯз дар шаҳре ки як вақтҳо подшоҳ Довуд таваллуд шуда буд, Наҷотдиҳандаи шумо ба дунё омад. Ин Масеҳи Худованд аст. Ва инак аломатҳое ки мувофиқи онҳо шумо Ӯро мефаҳмед: кӯдаки парпечшуда, ки дар охур хобидааст“. Ва худи ҳамон лаҳза фариштагони зиёде чӯпононро иҳота карданд. Онҳо Худоро ҷалол медоданд, ки сулҳ ва осоиштагиро барои касоне ки ин ҳадяро қабул кардан мехоҳанд, ба замин фиристодааст. Вақте ки фариштагон дур шуданд, чӯпонон чунин қарор доданд: „Ба Байт-Лаҳм рафтан ва дидан даркор, ки дар он ҷо чӣ рӯй додааст...“ Онҳо ба роҳ баромаданд ва Марям, Юсуф ва кӯдакро ёфтанд, ки дар охур хобида буд. Он гоҳ онҳо дар бораи муждае ки фаришта ба онҳо оварда буд, нақл карданд. Ҳамаи касоне ки онҳоро гӯш мекарданд, хеле мутааҷҷиб шуданд. Марям бошад ҳар як суханро аз ҳикояти онҳо дар хотир дошта, баъд ҳамеша дар бораи ин фикр мекард.

Ҳангоми хатна кардани кӯдак, ки дар рӯзи ҳаштум баргузор гардид, ба Ӯ Исо ном ниҳоданд. Ин номе буд, ки фаришта ҳанӯз то ҳомиладор шудани Марям онро номида буд.

Волидайни Исо бисёр вақт хурдсолии Ӯро ба ёд меоварданд. Масалан, дар рӯзи 40-ум баъди таваллуди Ӯ...







Дар ҳавлии маъбад...




Дар ин вақт ба маъбад Шимъӯн медарояд...













**Луқо 2:22–38.** Дар рӯзи чилуми баъди таваллуди кӯдак, Марям ва Юсуф Ӯро барои бахшидан ба Худо ба Ерусалим оварданд. Онҳо мувофиқи қонуни Мусо амал карданд, ки аз рӯи он „ҳар писари нахустин дар оила бояд ба Худо бахшида шавад". Ҳангоми иҷрои маросими пешниҳод волидайни Исо ду кабӯтарро қурбонӣ карданд.

Дар он айём дар Ерусалим марде бо номи Шимъӯн зиндагӣ мекард. Ӯ аҳкоми Худоро ҳаматарафа риоя мекард ва омадани Наҷотдиҳандаи Исроил — Масеҳро бо эҳтирос мунтазир буд. Аз Худо ба ӯ маълум шуда буд, ки то ба дидори Масеҳ нарасад, ба марг дучор нахоҳад шуд. Бо ҳидояти Рӯҳулқудс ӯ ҳамон рӯз ба маъбад омад. Вақте ки Марям ва Юсуф кӯдакро дохили маъбад карданд, Шимъӯн Ӯро ба даст гирифта Худоро ҳамду сано хонд.




„Худовандо, акнун ман метавонам оромона аз дунё биравам, зеро ман Наҷотдиҳандаро дидам, ки ту Ӯро ба олам додаӣ. Ӯ нури тамоми ҷаҳониён ва ҷалоли халқи Исроили ту хоҳад буд“.

Марям ва Юсуф дар тааҷҷуб буданд. Шимъӯн онҳоро баракат дода ба Марям гуфт: „Ин кӯдак тақдири бисёр шахсонро дар Исроил муайян месозад;

Волидайни Исо инчунин дар бораи омадани хирадмандони мамалакатҳои шарқ ба Ерусалим ба хотир меоваранд.

Ин ҳодиса нишон дод, ки Исо аз тарафи бегонагон қабул шуд, вале дар байни халқи худаш рад шуд...

















Ӯ ё Наҷотдиҳандаи онҳо ё довари онҳо хоҳад шуд. Бисёр шахсон бо исрор ба Ӯ муқобилият мекунанд ва бо ҳамин нишон медиҳанд, ки онҳо муқобили Худо ҳастанд. Он гоҳ ба дили ту алами сахт мерасад“.

**Матто 2:1-15.** Исо дар замони ҳукмронии подшоҳ Ҳиродус дар Байт-Лаҳм, шаҳрчаи хурди Яҳудо таваллуд шудааст. Баъдтар баъди таваллуди ӯ мунаҷҷимони шаркӣ ба Ерусалим омада, пурсиданд: „Куҷост он подшоҳи яҳудиён, ки нав таваллуд шудааст? Мо баромадани ситораи Ӯро дидем ва ба ин ҷо омадем, то ки Ӯро парастиш кунем“. Подшоҳ Ҳиродус дар тааҷҷуб буд ва сокинони дигари Ерусалим ҳам.






Ҳакимон ба Байт-Лаҳм равон мешаванд…

… Ва дар он ҷо онҳо тифлро меёбанд.




Субҳи рӯзи дигар…







Подшоҳ Ҳиродус коҳинон ва китобдононро даъват карда, онҳоро пурсид: „Ин подшоҳи нав бояд дар куҷо таваллуд шавад?" Онҳо ҷавоб доданд: „Дар китоби пешгӯиҳо навишта шудааст: «Эй Байт-Лаҳм, ту дар ягон маврид шаҳри ночизтарини Яҳудо ҳисобида шудан наметавонӣ. Зеро ту одамеро ба миён хоҳӣ овард, ки Ӯ халқи Исроилро пеш мебарад»".

Он гоҳ подшоҳ Ҳиродус мунаҷҷимонро назди худ даъват карда, вақти пайдоиши ин ситораро фаҳмида гирифт. Баъд ӯ онҳоро ба Байт-Лаҳм равона карда гуфт: „Кӯдакро кофта ёбед ва ба ман хабар диҳед. Ман ҳам мехоҳам рафта ба Ӯ саҷда кунам".

Рӯзҳо гузаштанд... Шоҳ Ҳиродус дар қаср интизор аст...




















Чанд вақт дар бадарға зиста, Юсуф бо оилааш ба Носира баргашт.

Исо дар итоат ба волидайн, бохирадона ба воя расид.

Ӯ 30-сола буд, вақте ки ба назди Яҳёи Таъмиддиҳанда рафт ва таъмид гирифт!

Мунаҷҷимон ба Байт-Лаҳм равон шуданд. Ва ҳодисаи аҷибе рӯй дод: ситорае ки онҳо дар шарқ дида буданд, онҳоро мебурд. Он дар болои хонае ки дар он ҷо кӯдак буд, қарор гирифт. Хурсандии мунаҷҷимон ҳадду канор надошт. Онҳо ба хонае даромаданд, ки дар он ҷо кӯдак ҳамроҳи модараш Марям буд, ва Ӯро иззату эҳтиром карданд. Онҳо ба кӯдак тилло ва атриёт пешкаш карданд. Шаби дигар онҳо дар хоб фаҳмиданд, ки Худо назди Ҳиродус баргаштани онҳоро манъ мекунад. Бинобар ин онҳо роҳи дигарро барои баргаштан ба ватан интихоб намуданд.

Шабона баъди рафтани мунаҷҷимон фариштаи Худо дар хоб ба Юсуф зоҳир шуда, ба ӯ фармуд: „Фавран бархез ва кӯдакро бо модараш гирифта ба Миср бирав! То вақти даъват кардани ман дар он ҷо бош, зеро подшоҳ Ҳиродус кӯдакро куштан мехоҳад". Худи он шаб Юсуф ҳамроҳи Марям ва кӯдак ба Миср рафтанд. Онҳо то худи марги подшоҳ Ҳиродус дар он ҷо монданд. Пешгӯии аз ҷониби Худо додашуда иҷро шуд: „Ман Писари худро аз Миср хондам".



**Луқо 2:39–40.** Марям ва Юсуф ба Носираи Ҷалил баргаштанд. Кӯдак бо ҳикмати Худо пур шуда калон мешуд. Ва ҳама медиданд, ки лутфи Худо бо Ӯ аст.

## Хабари Марям

Баъзе маълумотҳо дар бораи таваллуд ва кӯдакии Исо аз Инҷили Луқо ва Матто ба мо дода шудаанд. Луқо бо аввалин масеҳиёне ки дар Фаластин зиндагӣ мекарданд ва оилаи Исоро хуб дар ёд доштанд, вохӯрдааст. Эҳтимол, ӯ бо модари Исо Марям низ ҳамсӯҳбат шудааст, ки дар бораи вай тез-тез ёдовар мешавад ва мегӯяд, ки „вай ҳамаи ин суханонро дар дили худ нигоҳ медошт“ (Луқо 2:19,51).

Ибтидои ин воқеа дар Носира, деҳаи хурде дар музофоти Ҷалил, ки қисми Фаластин аст, ба амал меояд. Бокираи ҷавон Марям ба воситаи фаришта Ҷабраил аз Худо хабареро мегирад. Он фаришта чӣ хел буд? Ин номаълум аст. Марям дар ин бора ягон чиз намегӯяд. Лекин дар бораи вуҷуд доштани фариштаҳо худи Исо ҳам мегӯяд. Ба худ тасаввур кардан мушкил нест, ки дар олами Худо мавҷудоте вуҷуд дошта метавонанд, ки ба мо монанд нестанд. Онҳо метавонанд ба баргузидагони Худо зоҳир шаванд, аммо баъди ин баргузидагон ҳангоми дар бораи онҳо нақл кардан душворӣ мекашанд. Вақте ки мо ба тасвири фариштагон дар намуди одамони болдори аз ҷониби ҳайкалтарошон ва рассомон офаридашуда назар мекунем, набояд фаромӯш кард, ки ин танҳо тасвири бадеии фиристодагони чолоки Худо аст. Дар ҳақиқат чӣ тавр будани онҳо маълум нест.

Ба воситаи қосидон — фариштагони худ — Худо метавонад дар бораи ягон воқеа хабар диҳад, барои ягон чизро фаҳмидан ёрӣ диҳад ё амри муайян фармояд.

Марям бо осонӣ мефаҳмад, ки сухан дар бораи чӣ меравад. Вай, монанди дигарон омадани Масеҳро кайҳо боз интизор аст, ки Худо ӯро бояд барои барқарор кардани адолат, барои маҳкум кардани гуноҳкорон ва тоза кардани ҷаҳон бифиристад. Акнун вай мефаҳмад, ки модари Исо мешавад. Лекин номафҳумии вазъият Марямро хавотир месозад. Волидайнаш мувофиқи урфу одат вайро ба як ҷавони носирӣ, Юсуфи дуредгар, номзад карда буданд. Лекин онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд, вай бокира аст ва ҳеҷ гоҳ бо мард алоқаи ҷинсӣ надоштааст. Пас вай чӣ тавр писар таваллуд кунад?... Вай эзоҳ мегирад: кӯдаке ки таваллуд мешавад, писари Юсуф нахоҳад буд. Худо худаш ӯро дар батни вай ба вуҷуд меоварад. Ибораи „Қуввати Ҳаққи Таоло бар ту соя хоҳад афканд“ дар Китоби Муқаддас ҳузур доштани Худоро ифода мекунад.

Дар ҳикояти худ Луқо дар бораи кӯдак асосан ду чизро мегӯяд: ӯ Масеҳ хоҳад буд, ки ӯро интизор ҳастанд ва, чун падари худ подшоҳ Довуд, ҳокими халқи худ хоҳад буд, вале бо тавофуте ки подшоҳии Ӯро охир нахоҳад буд... Дар айни замон ӯ мавҷуди илоҳӣ хоҳад буд: ӯро „Писари Худои пурқудрат“ меноманд.

Оё Марям фаҳмида буд, ки кӯдак Писари Худи Худо мешавад?... Ба ин савол ҷавоб додан мушкил аст; он вақт ибораи „Писари Худо“дар мавридҳое низ ба кор бурда мешуд, ки сухан дар бораи одамон мерафт, ки Худо онҳоро чун падар фарзандони худро дӯст медошт. Подшоҳон, ҳокимони халқи Худоро низ чунин меномиданд. Ва яҳудиёни хеле диндор ҳам он вақт ба худ тасаввур карда наметавонистанд, ки Худо ба сурати одамӣ медароияд ва дар байни онҳо зиндагӣ мекунад. Ҳатто шогирдони Исо инро фақат баъди эҳё шудани Ӯ дарк карданд.

Дар хотима фаришта ба Марям далели ҳаққонияти муждаи худро меоварад, ки Марям барои санҷидани он шитоб мекунад: хеши вай Элисобаъ, зани солхӯрда, ки то ин дам зани бенасл буд, бояд кӯдак таваллуд мекард. Зеро „барои Худо ягон чиз имконнопазир нест“, — анҷом медиҳад фаришта.

## Юсуф — аз насли подшоҳ Довуд

Вале номзади Марям Юсуф чӣ фикр мекунад ва дар бораи кӯдак фаҳмида, ӯ чӣ кор мекунад? Зеро баъди муддате худи Марям дар бораи ҳама чиз ба ӯ нақл мекунад. Инҷили Матто ҳодисаро чунин тасвир мекунад.

Юсуф мефаҳмад, ки Худо ба таври ғайриоддӣ ва якбора ба зиндагии онҳо дохил шудааст. Акнун ба занӣ гирифтани Марям онро ифода мекунад, ки ӯ мехоҳад худро падари кӯдаки илоҳӣ вонамуд кунад. Бинобар ин ӯ фикр мекунад, ки худро ба як тараф гирад ва ақди никоҳро бо Марям вайрон кунад.

Вале боре шаб ба фикрҳои ӯ равиши дуруст дода мешавад. Оё ман, ки номзади модари Масеҳ ҳастам, метавонам вайро монда биравам? — фикр мекунад ӯ. Не, барои кӯдаки илоҳӣ падари заминӣ ҳам даркор мешавад, то ӯро писархонд карда, тарбия кунад. Дар пешгӯӣ беҳуда гуфта нашудааст, ки Масеҳ бояд дар хонаводаи подшоҳ Довуд таваллуд шавад.

Юсуф ба ин авлоди подшоҳӣ тааллуқ дошт. Албатта, ӯ шоҳзода набуд; бисёр садсолаҳо гузаштанд ва аксари авлодони падари машҳури ӯ акнун мисли ӯ танҳо косиб ҳастанд. Албатта, ӯ сарватманд нест, вале бо авлоди худ метавонад фахр кунад. Кӯдаки Марямро писархонд карда, — фикр мекунад Юсуф, — ман ӯро ба авлоди қадимаи мо дохил мекунам, ки он дар байни халқи яҳудӣ машҳуртарин ва гиромитарин аст.

Юсуф тамоми шаб андеша мекунад ва то дамидани субҳ бо мадади Худо мефаҳмад, ки чӣ тавр рафтор кунад. Ӯ қарор медиҳад, ки Марямро ба занӣ гирад ва вайро назди худ оварад. Матто дар Инҷили худ қайд мекунад, ки агарчи Юсуф аллакай шавҳари Марям буд, то таваллуди кӯдак ба вай „даст нарасонда буд“. Эҳтиром дар назди самари илоҳӣ, ки дар батни Марям буд, ин парҳезгориро ба Юсуф амр мекунад. Юсуф дарк кард, ки бар дӯши ӯ чӣ гуна масъулият истодааст; ӯ фаҳмид, ки дар қиссаи илоҳӣ гӯё қаҳрамоне мешавад.

## Мағора-оғил дар Байт-Лаҳм

Бигзор ягон кас дар тааҷҷуб набошад, ки Марям ва Юсуф барои шабгузаронӣ дар оғил ҷой гирифтанд, ки он эҳтимол дар мағора ҷойгир буд. Байт-Лаҳм деҳае буд, ки танҳо 1000–2000 нафар аҳолӣ дошт. Меҳмонхонаҳо, корвонсаройҳо ва хонаҳои шахсӣ аз одам пур буданд: барои саршуморӣ якбора чунон миқдори зиёди одамон ба зодгоҳашон омаданд, ки ҳамаи онҳоро ҷо ба ҷо кардан ғайриимкон буд. Шабгузаронӣ дар оғил ё кӯра, ки одатан ба хона васл ё дар хорсанг канда мешуданд, он вақтҳо тамоман муқаррарӣ ҳисоб мешуд. Чунин оғилҳо дар замони мо ҳам дар ноҳияи Байт-Лаҳм дучор мешаванд. Барои гармтар будан, дар фасли зимистон деҳотиён бисёр вақт ҳамроҳи ҳайвонот хоб мерафтанд. Дар баъзе мамлакатҳо ин одат то ҳол боқӣ мондааст.

Охур тағораест, ки дар санг канда шудааст ё аз тахтачаҳо сохта шудааст; дар он барои чорво хӯрок мегузоранд. Охури пур аз алаф метавонад ҳамчун гаҳвора хизмат кунад. Дар хусуси тасвири курра ва барзагов дар назди охур бошад, ин одати дар назди гаҳвораи Масеҳ тасвир кардани ҳайвонот дар садсолаи 3-юм ба вуҷуд омад. Дар ин бора дар Китоби Муқаддас ягон чиз гуфта нашудааст. Чӯпононе ки бо гӯсфандон ба оғил бармегаштанд, шоҳидони аввалини таваллуди Исо шуданд.

Ҳамаи ин ҳодисаҳо ҳақиқати таърихӣ мебошанд; ин ҳангоми хондани Инҷили Луқо аён мегардад. Барои ба хонанда маълум кардани он, ки кӯдаки дар охур буда пайдоиши илоҳӣ дорад, Луқо тасвири бадеиро истифода мебарад, манзараи ба чӯпонон зоҳир шудани фариштагонро тасвир мекунад. Чӯпонон фиристодагони Худоро дар нури дурахшанда мебинанд, Худоро ҷалол дода, фариштаҳо шаҳодат медиҳанд, ки кӯдаки дар охур буда ба замин осоиштагӣ ва хушбахтиро ба ҳар касе ки Худоро ба дили худ ҷо мекунад, овардааст. Ин тасвирро бо суханон чунин баён кардан мумкин аст: „Дар шаҳре ки Довуд таваллуд шуда буд, акнун Наҷотдиҳанда ба дунё омад, ки шумо ҳамагон ӯро бесаброна интизор будед“. Ин мужда ба ҳамаи одамоне нигаронида шудааст, ки пештар дар рӯи замин зиндагӣ мекарданд ва акнун зиндагӣ карда истодаанд.

## Хатна

Хатна ҷарроҳии хурдест, ки бо мақсади гирифтани пӯсте ки нӯги узви мардонаро пӯшидааст, гузаронда мешавад. Ин аломат шаҳодат медиҳад, ки писари навзод ба халқи яҳудӣ тааллуқ дорад, бинобар ин иштирокчии аҳдномае мешавад, ки Худо бо Иброҳим ва ҳамаи наслҳои ӯ баста буд.

## Ҳакимон (мунаҷҷимон) ва ситораи онҳо

Хабар дар бораи омадани ҳакимон (мунаҷҷимон) ба назди кӯдаки дар охур хобида, ки дар Инҷили Матто ҷой дорад, ба ҳақиқати таърихӣ асос меёбад ва воқеаҳоеро тасвир мекунад, ки дар замони ҳукмронии Ҳиродуси бузург дар Фаластин рӯй додаанд. Исо ҳақиқатан дар солҳои охири ҳукмронии ӯ таваллуд шудааст. Подшоҳ Ҳиродус, ки бо мансабпарастӣ ва золимии худ машҳур буд, яҳудӣ набуд. Ӯ зулму ситам ва ҳимояи румиёнро истифода бурда, ба сари ҳокимияти Ерусалим омад. Ӯ ҳар як шахсеро, ки дар душманӣ гумонбар мешуд, ба қатл мерасонд ва ҳатто ба занон ва писарони худ ҳам раҳм намекард. Дар охири умраш дар ҳама ҷо ба хаёли ӯ суиқасд меомад ва ӯ ҳар дафъа онро дар баҳри хун ғарқ мекард.

Матто дар бораи мунаҷҷимони форсӣ ва бобилӣ ба мо нақл мекунад, ки бутпараст буда, барои парастиши Исо омаданд. Эҳтимол онҳо аз Бобил омаданд, зеро яқинан маҳз дар ҳамин мамлакат, ки пештар яҳудиён дар он ҷо дар бадарға зиндагӣ мекарданд, дар бораи Масеҳро интизор будани онҳо медонистанд. Дигаргунӣ дар ҷойгиршавии ситораҳо, ки мувофиқи тасаввуроти ситорашиносии бобилӣ барои ҳакимон метавонист таваллуди „подшоҳи яҳудиён“-ро ифода кунад, ба мутобиқати секаратаи сайёраҳои Муштарӣ ва Зуҳал дар бурҷи Ҳут мувофиқ аст, ки ҳамон сол мушоҳида шуда буд.

Дар китоби 4-уми Мусо (24,17) дар бораи пайғамбари хориҷӣ Билъом гуфта мешавад, ки пешгӯӣ мекунад: „Монанди ситорае ҳокими Исроил хоҳад омад“. Дар асоси ин пешгӯӣ халқи яҳудӣ наҷотдиҳандаро интизор буд, ба монанди он ки Мусо дар замони худ буд.

Хабардор карда шудани ҳакимон аз нияти подшоҳ Ҳиродус, ки кӯдакро куштан мехост, барои қиёс бо ҳамин гуна ҳодиса дар ҳаёти Мусо имкон медиҳад. Чӣ тавре ки он гоҳ писарбачаи хурдакак Мусо аз фиръавни Миср дар даруни сабад дар дарёи Нил пинҳон карда шуд, ҳоло ҳам Юсуф ва Марям метавонанд Исои кӯдакро аз таъқибгарони ӯ наҷот диҳанд.

Ҳакимони хориҷӣ аввалин бутпарастоне буданд, ки Исоро иззату эҳтиром карданд. Баъдтар, вақте ки Исо таълимоти худро ба таври ошкоро мавъиза мекард, бисёр роҳбарони халқи яҳудӣ Ӯро чун Масеҳ эътироф намекарданд ва оқибат Ӯро ба марг маҳкум карданд. Ва вақте ки Матто Инҷили худро менавишт, дар атроф аллакай бисёр ғайрияҳудиёнро медид, ки ба Исои Масеҳ имон меоварданд. Ҳикояти Инҷили Матто дар бораи „ҳакимони шарқӣ“, ки аз пайи ситора рафта, ба назди Исо омаданд, барои ҳамаи одамони дунё, ки Худоро меҷӯянд, намунаи ибрати фасеҳ хоҳад буд. Нуре ки онҳоро роҳнамоӣ мекунад, худи Исо аст, ки дар бораи худ гуфтааст: „Ман нури ҷаҳон ҳастам“. Ҳамин тавр Худо ба воситаи Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки Исои Масеҳ чун „Мусои нав“ Наҷотдиҳанда ва Халоскунандаи на танҳо халқи Исроил, балки тамоми инсоният мебошад.



*Оғил дар наздикии Байт-Лаҳм. Аён аст, ки чӣ тавр мағораи табиӣ бо девори дару тирезадор ҷудо карда шудааст. Роҳ аз болои мағора мегузарад.*


ФАЛАСТИН
ДАР ЗАМОНИ
ИСОН МАСЕҲ
Қайсарияи Филиппус
ҶАЛИЛ
Қоно
БАҲРИ ТАБАРИЯ
(БАҲРИ ҶАЛИЛ)
Носира
к. Тобӯр
ДЕКАПӮЛИС
СОМАРИЯ
БАҲРИ
МИЁНАЗАМИН
Қайсария
ӮРДУН
Гераза
Сухар
к. Гаризим
ЯХУДИЯ
Ериҳӯ
Амоус
ЕРУСАЛИМ
Байт-Лаҳм
Ҳебрӯн
Ғазза
БАҲРИ
НАМАК
МИСР


Рӯзе Яҳёи Таъмиддиҳанда
Исоро мебинад, ки аз наздаш мегузарад...
Шогирдонам! Шумо ин одамро мебинед?
Ӯ Барраи Худост, ки дар борааш навишта шудааст: „Чун Барра Ӯ ба куштор рафт. Ӯ гуноҳҳои ҷаҳонро ба худ хоҳад гирифт!“
Пас Ӯ Масеҳ аст!
Бале, ман дидам, чӣ хел Рӯҳ аз осмон бар Ӯ нозил шуд... Ӯ Писари Худост!
Андриёс, биёед аз паси Ӯ равем!
Шумо чиро меҷӯед?
Ту дар куҷо зиндагӣ мекунӣ? Мо мехоҳем бо ту гап занем.
Биёед ва мебинед.
Онҳо вақти зиёдро бо Ӯ гузаронданд...
Суханони Ӯ ба дили ман даромаданд...
Ман дарҳол ба бародарам Шимъӯн дар бораи Ӯ мегӯям!
Шимъӯн! Шимъӯн! Мо Масеҳро ёфтем! Тезтар, ман туро ба назди Ӯ мебарам!
Чӣ? Масеҳ? Наход!
Ту Шимъӯни моҳигир ҳастӣ, акнун номи ту Петрус аст. Маро пайравӣ кун.
Исо, ин дӯсти мо Филиппус аст. Вай ҳам аз Байт-Сайод аст.
Филиппус, аз қафои Ман биё ва шогирди Ман шав!
Филиппус дар навбати худ...




**Юҳанно 1:29–51.** Рӯзе Исо назди дарёи Урдун омад. Яҳёи Таъмиддиҳанда ӯро дида хитоб намуд: „Нигоҳ кунед, инак барра — қурбонии Худо, ки ҳамроҳи худ гуноҳҳои ҳамаи одамонро мебарад..." Яҳё дар бораи Исо гуфтааст: „Ман дидам, ки чӣ тавр Рӯҳи Муқаддас чун кабӯтар аз осмон бар Ӯ фурӯд омада, бо ӯ монд. То ин дам ман ӯро намешинохтам, вале Худо, ки маро бо об таъмид додани одамонро фармуда буд, ба ман гуфт: „Агар бубинӣ, ки Рӯҳулқудс ба ҳар кас фурӯд ояд ва бар ӯ қарор гирад, пас бидон, ин ҳамон аст, ки бо Рӯҳулқудс таъмид медиҳад". Ва модоме ки ман инро дидам, пас метавонам шаҳодат диҳам: Ин одам Писари Худо аст!"

Фардои он рӯз Яҳёи Таъмиддиҳанда бо ду шогирди Худ ба ҳамин ҷо омад ва вақте ки Исо аз он ҷо мегузашт, Яҳё Ӯро нишон дода гуфт: „Нигоҳ кунед, ин қурбонии Худо аст!" Шогирдони Яҳё ин суханонро шунида, аз пайи Исо равон шуданд. Исо ба ақиб нигоҳ карда, аз онҳо пурсид: „Шумо чиро меҷӯед?" Онҳо ҷавоб доданд: „Устод, ту дар куҷо истиқомат мекунӣ?" — „Ҳамроҳи ман биёед ва хоҳед дид", — гуфт Исо. Вақте ки онҳо ҳамроҳи Ӯ равон шуданд, соат қариб чори рӯз буд; ва онҳо то бевақтии шаб дар назди Ӯ монданд.

Дере нагузашта яке аз онҳо, ки Андриёс ном дошт, бародари худ Шимъӯнро вохӯрда, ба ӯ гуфт: „Мо Масеҳ, Наҷотдиҳандаро, ки Худо ваъда дода буд, ёфтем!" Вақте ки Андриёс бародари худро ба назди Исо овард, Исо ба ӯ нигоҳ карда, ҳамон дам гуфт: „Ту Шимъӯн, писари Юнус ҳастӣ. Акнун номи ту Петрус хоҳад буд, ки маъноаш сахра аст".
















Рӯзи дигар дар роҳ ба сӯи Ҷалил, Исо Филиппусро вохӯрд, ки ӯ ҳам мисли Андриёс ва Петрус аз Байт-Сайдо буд. Исо ба ӯ гуфт: „Аз паси Ман биё". Дере нагузашта Филиппус Натанъилро вохӯрд ва ба ӯ гуфт: „Хайрият, мо он касеро ёфтем, ки Мусо ба дигар пайғамбарон дар борааш пешгӯӣ карда буданд. Номи Ӯ Исо аст ва Ӯ писари Юсуф аз Носира аст". — „Носира? — ҷавоб дод Натанъил, — оё аз он ҷо ягон чизи хубе пайдо шуда метавонад?" „Ту бояд худат бо Ӯ шинос шавӣ. Бо ман биё!" — гуфт ба ӯ Филиппус. Вақте ки Исо Натанъилро дид, гуфт: „Инак исроилии ҳақиқӣ меояд, ки одами содиқ аст!" „Ту маро аз куҷо медонӣ?" — ҳайрон шуд Натанъил. Исо ҷавоб дод: „Ҳанӯз то вақте ки Филиппус туро даъват карда буд, ман туро дар зери дарахти анҷир дидам". „Худовандо, Ту дар ҳақиқат Писари Худо ҳастӣ! — хитоб кард Натанъил. — Ту подшоҳи Исроил ҳастӣ!" „Ту инро барои он эътироф мекунӣ, ки Ман дар куҷо будани туро то назди Ман омаданат фаҳмида будам, — ҷавоб дод Исо. — Вале ту борҳо дар ҳайрат хоҳӣ монд. Ман ба ҳамаи шумо мегӯям: шумо хоҳед дид, ки осмон кушода мешавад ва фариштагони Худо дар байни Худо ва Писари одамӣ ба боло ва поён парвоз хоҳанд кард!"




**Юҳанно 2:1-11.** Ду рӯз пас аз ин дар деҳаи Қонои Ҷалил тӯи арӯсӣ буд. Модари Исо Марям низ дар он ҷо ҳузур дошт. Исо ҳам ҳамроҳи шогирдонаш даъват шуда буд. Дар вақти ҷашн маълум шуд, ки шароб камӣ мекунад. Он гоҳ Марям ба писараш гуфт: „Шароби онҳо тамом шуд!" Исо ба вай ҷавоб дод: „Чаро ту ба ман муроҷиат мекунӣ? Ҳанӯз вақти Ман фаро нарасидааст". Ба ин нигоҳ накарда Марям ба хизматгорон гуфт: „Ҳамаи фармонҳои ӯро ба ҷо оваред!"

Дар хона шаш кӯзаи сангин барои об истода буданд. Онҳоро одатан барои таҳорат, ки мувофиқи оини яҳудиён амр шуда буд, истифода мебурданд. Ҳар як кӯза аз 80 то 120 литр обро мебурд. Исо ба одамон гуфт: „Кӯзаҳоро бо об пур кунед!" Ва онҳо зарфҳоро лабрез карданд. Он гоҳ Исо фармон дод: „Акнун бигзор роҳбари ҷашн бичашад!" Ва роҳбар шаробро, ки то ин дам об буд, чашид. Албатта ӯ намедонист, ки ин шароб аз куҷо пайдо шуд. Инро танҳо хизматгорон медонистанд.









Он вақт роҳбари ҷашн домодро назди худ хонда, маломатомезона ба ӯ гуфт: „Аввал шароби хубро додан даркор аст ва танҳо вақте ки ҳама андаке маст мешаванд, навъи бадтарро додан лозим аст! Вале ту то ҳол шароби хубро нигоҳ доштаӣ!" Ин мӯъҷиза дар Қоно рӯй дода буд. Дар он ҷо, дар Ҷалил Исо бори аввал қувваи илоҳии худро нишон дод ва шогирдонаш ба Ӯ имон оварданд.




**Луқо 4:38-41.** Исо ба Кафарнаҳум омада, ба хонаи Петрус даромад. Модарарӯси Петрус бо таби баланд хобида буд. Аз Исо хоҳиш карданд, ки ба вай ёрӣ диҳад. Ӯ назди бистари вай омада, дар болои вай хам шуд ва фармуд, ки табаш мӯътадил шавад. Зан ҳамон дам сиҳат шуд. Вай аз бистар бархост ва ба зиёфати меҳмонон машғул шуд.

Хабар дар бораи шифо додан дарҳол паҳн шуд ва онҳое ки дар оила касалҳо доштанд, онҳоро назди Исо оварданд. Ӯ дастонашро бар онҳо гузошта, ҳамаашонро шифо дод.






**Луқо 5:1–11.** Рӯзе тӯдаи калони одамон дар назди баҳри Ҷалил Исоро иҳота карданд. Ҳама каломи Худоро шунидан мехостанд. Дар соҳил ду қаиқи моҳигирӣ холӣ истода буданд. Моҳигирон дар ин вақт тӯрҳои худро соз мекарданд. Исо ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Петрус буд, савор шуда хоҳиш кард, ки ӯро андаке аз соҳил дуртар барад, то ки ҳама ӯро беҳтар бинанд ва шунаванд.







Баъд Ӯ ба Петрус гуфт: „Дуртар шино кунед ва тӯрҳои худро андозед“. „Худованд, — нобоварона ҷавоб дод Петрус, — мо тамоми шаб моҳигирӣ кардем ва ягон чиз сайд накардем. Лекин модоме ки ту мегӯӣ, ман боз меандозам“. Онҳо тӯрҳои худро андохта, чунон моҳии зиёд гирифтанд, ки тӯрҳояшон ба зӯр тоб меоварад. Бинобар ин, онҳо моҳигиронро бо қаиқи дигар даъват карда, ёрӣ хостанд. Ва ҳар ду қаиқ аз моҳӣ пур шуданд.





















Вақте ки Петрус инро дид, дар ҳарос пеши Исо зону зада гуфт: „Худовандо, аз пеши ман бирав! Ман шахси гунаҳкор ҳастам!“ Ӯ, Яъқуб, Юҳанно ва ҳамаи моҳигирони дигар аз чунин сайд ҳайрон буданд, вале Исо ба Петрус гуфт: „Натарс! Ту дигар моҳӣ нахоҳӣ гирифт. Ту барои Ман пайравонро ҷустуҷӯ карда хоҳӣ ёфт“. Баъд онҳо ба соҳил шино карда, ҳама чизро монданд ва ҳамроҳи Исо равон шуданд.













**Матто 4:23-25.** Исо дар Ҷалил гашта, дар маъбадҳо мавъиза мекард, дар тамоми ҷо хабарро дар бораи малакути Худо паҳн мекард ва беморҳоро шифо медод. Баъдтар дар бораи Ӯ дар ҳама ҷо, ҳатто дар Сурия ҳам мегуфтанд. Ба назди Ӯ ҳамаи беморонеро, ки азоби рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мекашиданд, меоварданд ва Ӯ онҳоро шифо медод. Дар ҳама ҷо аз пайи Ӯ мардуми бисёр равон мешуданд — одамон аз Ҷалил, аз Ерусалим ва дигар ноҳияҳои Яҳудо ва ҳатто аз соҳили дигари дарёи Урдун.



















**Луқо 5:12-14.** Дар яке аз шаҳрҳо, ки дар соҳили баҳри Ҷалил ҷойгир буд, Исо шахсеро вохӯрд, ки ҷисми ӯро махав пӯшонда буд. Вақте ки ӯ Исоро дид, дар пеши ӯ ба зону нишаста, илтиҷо кард: „Худовандо, агар Ту мехостӣ, маро шифо медодӣ!“ Исо даст дароз карда, ба ӯ расид ва гуфт: „Ман мехоҳам, ки ту шифо ёбӣ!“ Ва мард шифо ёфт. Исо ба вай фармуд, ки дар бораи шифо ёфтан ба ягон кас нақл накунад, балки рафта худро ба коҳин нишон диҳад ва мувофиқи фармони Мусо барои пок шудани худ қурбонӣ ба ҷо оварад.




**Матто 9:9-13.** Вақте ки Исо аз Кафарнаҳум мегузашт, Ӯ дар гумруки андозситонӣ Маттои боҷгирро дид. Исо ӯро даъват кард: „Бо Ман биё!“ Матто дарҳол бархост ва аз пайи Ӯ равон шуд.

Баъдтар Исо ҳамроҳи шогирдонаш назди Матто ба меҳмонӣ омад. Матто инчунин бисёр ҳамкорон ва шиносҳои худро даъват карда буд; ҳамаи онҳо шӯҳрати бад доштанд. „Чаро устоди шумо бо ин гунаҳкорон муносибат мекунад?“ — ба ғазаб омаданд фарисиён. Исо инро шунида ҷавоб дод: „Тандурустон ба табиб ҳоҷат надоранд, табиб ба беморон зарур аст“. Ва боз илова кард: „Охир маънои сухани Худоро дарк кунед: „На қурбонӣ ва ҳадяҳои шумо ба Ман муҳим ҳастанд, балки марҳамати шумо ба дигарон“. Ман омадам, то ки ба гунаҳкорон роҳро Худо нишон диҳам. Танҳо онҳо ба Ман эҳтиёҷ доранд“.












**Маркӯс 2:1–12.** Хабар дар бораи он ки Исо дар хонаи Петрус аст, дар як дам дар Кафарнаҳум паҳн шуд. Бисёр одамон ба ин хона шитоб мекарданд ва касоне ки ба он ҷо даромада натавонистанд, дар назди дар ҷамъ мешуданд. Исо дар бораи малакути Худо ба онҳо мавъиза мекард.










Дар ин вақт чор мард омаданд, ки шахси мафлуҷро бардошта меоварданд. Бо сабаби бисёрии мардум онҳо ба хона даромада натавонистанд. Он гоҳ онҳо қисми боми хонаро кушода, ба воситаи сӯрохӣ шахси мафлуҷро бо занбар поён фуроварданд. Чун Исо дид, ки имони онҳо ба он ки Ӯ дӯсти онҳоро наҷот медиҳад, чӣ тавр бузург аст, Ӯ ба шахси фалаҷ гуфт: „Писарам, гуноҳҳои ту омурзида шуд!"

Баъзе аз ҳакимони дин, ки дар он ҷо ҳузур доштанд, дар ин лаҳза фикр мекарданд: „Охир ин куфр аст! Ӯ чиро ба худ раво мебинад!







Танҳо Худо метавонад гуноҳҳоро бубахшад". Исо андешаи онҳоро фаҳмида, пурсид: „Ба фикри шумо, кадомаш осонтар аст — ба фалаҷ гуфтани он, ки: „Ман гуноҳҳои туро мебахшам", ё шифо додани ӯ? Ман ба шумо исбот мекунам, ки Писари Одам дар рӯи замин аллакай ҳозир қудрати омурзидани гуноҳҳоро дорад". Ва Ӯ ба шахси фалаҷ гуфт: „Бархез, бистари худро бигир ва ба хонаи худ равон шав!" Вай бархост ва занбарро гирифта, аз хона берун рафт. Одамон аз пайи ӯ ҳайрон шуда, нигоҳ мекарданд. Баъд онҳо бо ваҷд фарёд заданд: „Мисли инро ҳаргиз надидаем!" Ва онҳо Худоро ҷалол медоданд.







**Луқо 7:36–50.** Боре шахси фарисӣ Исоро ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват кард. Исо омада дар назди миз нишаст. Баъди муддате зани ҷавоне ки дар ин шаҳр зиндагӣ мекард ва фоҳиша буд, ба хона даромад. Вай фаҳмид, ки Исо ба ин хона даъват шуда буд ва зарферо бо равғани пурқимат овард. Зан назди Исо омада, дар пеши Ӯ ба зону нишаст ва чунон гиря кард, ки пойҳои Ӯ аз ашки вай тар шуданд. Сипас вай бо мӯйҳои худ пойҳои Ӯро хушк карда, онҳоро бӯсид ва равған молид.




Фарисӣ ба ҳамаи ин нигоҳ карда, фикр мекард: „Агар ин одам дар ҳақиқат пайғамбари Худо мебуд, пас Ӯ бояд медонист, ки ин зан кист". „Ман мехоҳам чизеро ба ту нақл кунам", — андешаи ӯро бурида гуфт Исо. „Ман гӯш мекунам, устод", — ҷавоб дод фарисӣ. „Боре шахси сарватманд ба ду шахс пул қарз дод. Яке аз онҳо 5000 ва дигаре 500 танга қарздор буд. Вале онҳо қарзро дар вақташ баргардонда натавонистанд ва ӯ онҳоро бахшид. Кадоме аз ин ду қарздорон барои ин бояд бештар миннатдор бошад?" —






„Албатта, он касе ки қарзаш зиёдтар буд", — ҷавоб дод фарисӣ. „Ту ҳақ ҳастӣ!" — таъкид кард Исо. Сипас ӯ ба зан нигариста гуфт: „Ба вай нигоҳ кун! Ман ба хонаи ту омадам, лекин ту барои шустани пойҳоям ба Ман об надодӣ. Вай бошад пойҳоямро бо ашкони худ шуста, бо мӯйҳои худ хушк кард. Ту бо бӯсаи дӯстона Маро пешвоз нагирифтӣ, аммо вай тамоми вақт пойҳоямро мебӯсид. Ту пешонии Маро бо равғани хушбӯй намолидӣ, чӣ тавре ки ин аз рӯи одат аст, вай бошад пойҳои Маро бо равғани хушбӯй тадҳин кард.

Ва Ман ба ту мегӯям: қарзи калони вай бахшида шуд; вагарна вай чунон дӯст доштан наметавонист. Касе ки барояш камтар бахшида шудааст, камтар дӯст медорад".

Ба зан муроҷиат карда, Исо гуфт: „Гуноҳҳоят омурзида шуданд". Он вақт меҳмонон пичиррос зада гуфтанд: „Ин чӣ гуна одам аст! Оё Ӯ қодир аст, ки гуноҳҳоро биомурзад?" Вале Исо бори дигар ба зан гуфт: „Имонат туро наҷот дод! Ба саломатӣ бирав!"

Дар Ҷалил сафар карда, Исо бо шогирдонаш ба деҳаи Ноин мебиёяд...













**Луқо 7:11-17.** Рӯзе Исо ҳамроҳи шогирдонаш ба шаҳри Ноин омад. Одатан аз паси онҳо мардуми бисёр мерафтанд. Вақте ки Исо ба дарвозаи шаҳр наздик шуд, Ӯ маросими мотамро дид. Шахси мурда писари ягонаи бевазане буд; дар маросими мотам ҳамроҳи вай бисёр сокинони шаҳр мерафтанд. Исо аз бадбахтии зани бечора хеле нороҳат шуд. „Гиря накун", — гуфт Исо ба вай. Сипас Ӯ ба тобут наздик шуда, даст бар он гузошт. Одамоне ки тобутро мебурданд, бозистоданд. Исо ба ҷавони мурда гуфт: „Ман ба ту фармон медиҳам: бархез!" Ҷавон бархост ва ба гап даромад. Ҳамин тавр Исо кӯдакро ба модараш баргардонд. Ҳама аз ҳодисаи дидаашон дар ҳарос буданд. Аз тарс ба худ омада, одамон Худоро ҳамду сано мехонданд ва ба якдигар мегуфтанд: „Худо пайғамбари пурқудратро ба мо фиристодааст. Ӯ ба халқи мо ёрӣ медиҳад!" Ба зудӣ ҳар як сокини Исроил ва кишварҳои ҳамсоя дар бораи ин воқеа фаҳмиданд.

Исо қарор дод назди Кафарнаҳум ва баҳри Ҷалил баргардад. Дар музофоти Ҷалил, ки Ӯ бо шогирдонаш аз он мегузашт, бо иҷозати румиён шоҳ Ҳиродус ҳукмронӣ мекард... Дар роҳ...

























**Луқо 13:31–33.** Якчанд фарисиён назди Исо омада, Ӯро огоҳ карданд: „Аз ин ҷо бирав, зеро Ҳиродус туро куштан мехоҳад!“ „Ба ин рӯбоҳ бигӯед, ки ман имрӯз ва фардо девҳоро берун мекунам ва беморонро шифо медиҳам ва дар рӯзи сеюм анҷом медиҳам. Баъд аз се рӯз сарнавишт ба амал хоҳад омад. Ба ғайр аз Ерусалим боз дар куҷо пайғамбар кушта шуда метавонист?“

**Маркӯс 6:17–29.** Подшоҳи Ҷалил Ҳиродуси Антипос Яҳёи Таъмиддиҳандаро ишкел зада, зиндонӣ кард. Ин дархости зани ӯ буд, ки пеш зани бародари ӯ Филиппус буд. Яҳё подшоҳро мазаммат

Гоҳ-гоҳ шоҳ Ҳиродус назди
маҳбусаш медарояд...







Пас аз чанд вақт шоҳ Ҳиродус дар дарбор рӯзи
таваллудашро ҷашн мегирад... Дар рӯзи ид назди
вай ва меҳмононаш духтари малика рақс мекунад.













мекард: „Ту ҳақ надоштӣ зани бародари худро бигирӣ". Барои ҳамин малика ба Яҳё нафрат дошт ва мехост, ки ӯ кушта шавад, лекин Ҳиродус ба ин розӣ набуд. Ӯ дар назди Яҳё тарсро ҳис мекард, зеро медонист, ки ӯ марди одил ва муқаддас аст. Ва ӯро ба зиндон андохтанд. Ҳиродус бо рағбат ӯро гӯш мекард, ҳатто агар суханони Яҳё ӯро нороҳат месохтанд. Вале ниҳоят фурсати хурсандии зани Ҳиродус фаро расид.

Ҳиродус ба рӯзи мавлуди худ дарбориён, лашкаркашон ва дигар аъёну ашрофро даъват кард. Дар зиёфати идона дар назди ҷамъомадагон духтари малика рақс мекард. Рақси вай ва худаш подшоҳ ва меҳмонро чунон мафтун кард, ки пошдоҳ ба вай ваъда дод: „Ҳар чӣ мехоҳӣ, талаб кун. Ман қасам мехӯрам, ки хоҳиши туро ба ҷо меорам, ҳатто агар нисфи қаламрави




маро хоҳӣ ҳам". Духтар ба назди модари худ рафта, пурсид: „Ман аз подшоҳ чиро талаб кунам?" — „Аз ӯ талаб кун, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда ба қатл расонда шавад!" — ҷавоб дод модараш. Он гоҳ духтараш ба Ҳиродус гуфт: „Ман мехоҳам, ки каллаи Яҳёи Таъмиддиҳандаро ба ман биёранд!"

Подшоҳ дар ҳайрат монд. Вале ӯ дар ҳузури меҳмонон иҷро кардани ҳар хоҳиши вайро ваъда дода буд ва акнун хоҳиши вайро рад карда наметавонист. Ӯ фармон дод, ки Яҳёро ба қатл расонанд ва сари ӯро дар табақ монда, оваранд. Духтар онро ба модараш дод. Вақте ки шогирдони Яҳё инро шуниданд, онҳо ҷасадро гирифта, ба хол супурданд.

**Юҳанно 6:1-15.** Исо ба соҳили дигари баҳри Ҷалил омад. Бисёр одамон, ки аз ҷониби Ӯ шифо ёфтани беморонро дида буданд, аз паси Ӯ равон шуданд. Ҳамроҳи шогирдони




Худ Исо ба теппаи хурде баромад; онҳо нишастанд ва Исо онҳоро таълим медод. Ин пеш аз иди асосии яҳудиён — Фисҳ буд. Вақте издиҳоми мардуме ки аз паси онҳо мерафтанд, наздик шуд. Исо Филиппусро пурсид: „Барои ин одамон нонро аз куҷо пайдо кунем?" Албатта, Исо медонист, ки чӣ тавр одамонро сер кунад, вале Ӯ имони Филиппусро санҷидан мехост. Филиппус фикр карда гуфт: „Мо бояд маблағи зиёд сарф кунем, то ки ба ҳар яки онҳо андаке нон диҳем". Он гоҳ Андриёс, бародари Петрус, писарбачаеро ба назди онҳо оварда ва гуфт: „Ӯ панҷ нони ҷавин ва ду моҳӣ дорад. Оё ин ба ту даркор мешавад?" Он гоҳ Исо ба шогирдонаш муроҷиат кард: „Ба одамон гӯед, ки шинанд!" Ҳама дар марғзори калон ҷо ба ҷо шуданд — тақрибан 5000 мард, ғайр аз занон ва кӯдаконе ки бо онҳо буданд — ва Исо панҷ нонро гирифт ва Худоро барои ин меҳрубониаш шукргузорӣ карда, тақсим кардани нонро фармуд. Ва бо ду моҳӣ низ ҳамин тавр кард. Ҳар як одам ба қадре ки хост, ҳамон қадар гирифт. Вақте ки ҳама сер шуданд, Исо гуфт: „Акнун боқимондаашро ҷамъ кунед, то ки ягон чиз ҳайф нашавад". Ва шогирдон аз он нонҳои ҷавин дар дувоздаҳ сабади калон боқимондаҳоро ҷамъ намуданд.

Чун одамон фаҳмиданд, ки Исо барои онҳо чӣ кор кардааст, онҳо бо шавқ мегуфтанд: „Ин ҳақиқатан пайғамбарест, ки мо Ӯро кайҳо интизор будем". Исо дарёфт, ки онҳо мехоҳанд Ӯро ҳатман

Ҳама сер шуданд...







Ҳамин вақт баҳс ба миён омад...










Вале Исо фаҳмид, ки онҳо бо зӯрӣ Ӯро подшоҳ карданианд...




дар назди худ боздоранд ва подшоҳи худ эълон кунанд. Бинобар ин Ӯ, тамоман танҳо, оҳиста ба кӯҳсор рафт.

**Матто 16:13–19.** Ба шаҳри Қайсария, пойтахти қаламрави подшоҳ Филиппус омада, Исо шогирдони худро пурсид: „Одамон Маро кӣ мепиндоранд?" Онҳо ҷавоб доданд: „Баъзеҳо Туро Яҳёи Таъмиддиҳанда мегӯянд ва дигарон — яке аз пайғамбарон меҳисобанд, масалан, Илёс

Баъди чанд вақт...
Исо шогирдони худро ба шимол, ба Қайсария, ба сӯи кӯҳи Ҳермӯн (ҳозира баландиҳои Голан) мебарад.






ё Ирмиё, ки дар бораи онҳо пештар шунида буданд". — „Шумо чӣ фикр мекунед?"— пурсид Исо. Ва Петрус ба Ӯ ҷавоб дод: „Ту Масеҳ ҳастӣ, Наҷотдиҳандае, ки Худо ваъда карда буд, Писари Худои абадзинда". „Ту одами хушбахт ҳастӣ, Петрус! — хитоб кард Исо. — Ин донишро Падари Осмонии Ман ба ту додааст, зеро аз байни одамон ҳеҷ кас чунин басир нахоҳад буд. Ва Ман ба ту мегӯям: Ту Петруси харсанг ҳастӣ. Дар ин таҳкурсии харсанг Ман мехоҳам калисои худро бино кунам, ки қувваи марг онро ҳаҷ гоҳ вайрон карда наметавонад. Ман мехоҳам калиди Малакути осмониро ба ту супорам... Касеро, ки ту дар рӯи замин дар ғурур фош мекунӣ, ӯ барои ин дар доварии осмонӣ ҷавоб хоҳад дод. Ва касеро, ки дар замин гуноҳҳояшро мебахшӣ, ӯ дар осмон ҳамчун аз гуноҳҳо озод қабул карда мешавад".

**Юҳанно 6:66-71.** Баъди суханронӣ дар куништи Кафарнаҳум бисёр одамон аз Исо рӯ гардонданд ва дигар аз паси Ӯ рафтан нахостанд. Он гоҳ Исо дувоздаҳ шогирди Худро пурсид: „Оё шумо ҳам мехоҳед Маро тарк кунед?" — „Худовандо, пас мо назди кӣ равем? — ҷавоб дод Петрус. — Танҳо сухани Ту ҳаёти ҷовидонӣ меоварад. Мо боварӣ дорем, ки Ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ". Он гоҳ Исо ба онҳо гуфт: „Ман Худам шуморо, ҳар дувоздаҳро интихоб кардам, вале бо вуҷуди ин, яке аз шумо шайтон аст". Дар айни ҳол Исо Яҳудоро дар назар дошт, ки баъди чанд вақт ӯро дар Ерусалим ба ҳукуматдорони яҳудӣ таслим кард.



*Харобаҳои куништ дар Кафарнаҳум, ки дар асри 2-юми баъд аз милод сохта шудааст. Дар худи ҳамин ҷо пештар кунеште ҷойгир буд, ки дар он Исо дар бораи „нони ҳаёт“ сухан карда буд.*

# Ҷамъият дар зодгоҳи Масеҳ ҳангоми ҳаёти Ӯ дар рӯи замин

Барои беҳтар фаҳмидани ҳикояти Инҷил дар бораи Исо, бо доираи ӯ наздиктар шинос шудан лозим аст.

Чӣ тавре ки дар боло қайд шуда буд, дар замони Исо Фаластинро румиён забт карда буданд. Вале румиён идоракунии мамлакатро бар зиммаи ҳокимони маҳаллӣ монданд; румиён танҳо онҳоро назорат мекарданд ва фақат дар мавридҳои фавқулодда дахолат мекарданд.

Маҷлиси миллии яҳудиён, ки инчунин Шӯро ё Шӯрои олӣ номида мешуд, ҳам парлумоне ки қонунҳоро қабул мекард ва ҳам Суди олӣ буд. Шӯрои Олӣ асосан аз саддуқиён ва фарисиён иборат буд. Сардори он яке аз саркоҳинон буд, ки дар байни халқ обрӯи бечуну чаро дошт ва аз ҷониби яҳудиён чун роҳбари ҳукумати миллӣ пазируфта мешуд.

САДДУҚИЁН роҳбарони оилаҳои калон буданд, ки барои гузарондани ибодат дар маъбад ҷавобгар буданд. Бояд дар назар дошт, ки дар байни яҳудиён як навъ теократия ҳукмфармо буд (Ҳокимияти Худо, дар муқобили демократия = ҳокимияти халқ) ва аз рӯи Китоби Муқаддас вазифаи онҳо ба дигар халқҳо расондани хабар дар бораи Худо ва Масеҳ буд. Бинобар ин, шуғли асосии аҳолии шаҳри муқаддаси Ерусалим ҷашнгирии идҳои динӣ ва қабули зиёраткунандагон буд, ки ба ҷашнҳо хеле зиёд меомаданд. Саркоҳин аз қатори саддуқиён интихоб мешуд, дар баробари ин номзадии ӯ аз ҷониби румиён тасдиқ карда мешуд. Вақте ки Исо маҳкум карда шуд ва ба қатл расонда шуд, Қаёфо саркоҳин буд. Дар масъалаи имон саддуқиён хеле карахт буданд. Ростӣ онҳо қонуни Мусоро эътироф мекарданд, вале навиштаи пайғамбаронро, ки худбоварии онҳоро зери шубҳа мегузоштанд, рад мекарданд ва онҳо ратсионалист буда ба эҳёшавии мурдагон бовар намекарданд. Бисёрии онҳо ба як чиз мекӯшиданд: ашрофона зиндагӣ кардан ва ғун кардани сарват аз ҳисоби савдое ки бо иҷозати онҳо дар маъбад бурда мешуд. Онҳо ба ҳузури румиён тамоман гардан фуроварданд ва танҳо аз шӯриши мардум ба муқобили Рум метарсиданд: дар ин маврид онҳо ҳокимиятро аз даст медоданд ва имтиёзҳои онҳо тамом мешуданд. Бинобар ин, дар байни омма афзудани шӯҳрати Исоро дида, онҳо ҳамон дам ӯро ба румиён таслим карданд.

Фарисиён ҳизби сиёсии диниро ташкил медоданд. Фарисиёни басе донишманд китобдонон, яъне „фақеҳон“ буданд. Онҳо дар мактабҳои калони назди маъбад ва дар куништҳо ва хонаҳои дуо ва таълим, ки ҳатто дар деҳаи хурдакаки Носира ҳам вуҷуд доштанд, дарс мегуфтанд. Фарисиён қонуни Мусоро шарҳ медоданд ва инчунин дар тамоми мамлакат доварӣ мекарданд. Онҳо дар байни мардум эътибори калон доштанд, ки ба туфайли онҳо ба дин ва урфу одатҳо содиқ буданд. Бар хилофи саддуқиён, фарисиён миллатчиёни яҳудӣ буданд; онҳо ба забт кардани мамлакати худ аз тарафи румиён бепарвоёна муносибат карда наметавонистанд ва ҳаракатҳои озодихоҳиро ҳавасманд мекарданд, ки ин ба шӯҳратнокии онҳо дар байни мардум мусоидат мекард.

Ба порсоии худ нигоҳ накарда, баъзе фарисиён бо дониш ва рафтори олии худ такаббур мекарданд ва талаб мекарданд, ки чун намунаи фазл аз онҳо ба ваҷд оянд: онҳо дастурҳои диниро қатъиян риоя мекарданд, аз ягон ибодат дер намемонданд, айёми рӯзадорӣ ва тавбаро аниқ ба ҷо меоварданд ҳар дафъа пеш аз хӯрок хӯрдан ва баъди муомила бо хориҷиён дастонро мешустанд, то ки нопок нашаванд. Гарчанде ки аксари фарисиён ба Худо самимона хизмат кардан мехостанд, дар байни онҳо риёкорон низ дучор мешуданд, ки аз халқи бесавод нафрат доштанд ва масхара кардани онҳоро дӯст медоштанд; онҳо аз мардум риоя кардани дастурҳои мушкили диниро талаб мекарданд, ки иҷро кардани онҳоро ҳеҷ кас наметавонист. Дар хусуси худи онҳо бошад, ғамхории бештари онҳо барои он буд, ки ба назари одамон порсо ва накӯ намоянд, на ин ки дар ҳақиқат чунин бошанд. Барои онҳо ҳузури Исо тоқатфарсо буд, ки ӯ ба воситаи шифодиҳиҳои мӯъҷизанок исбот мекард, ки аз ҷониби Худо фиристода шудааст. Ӯ рӯирост гап мезад ва аз мавъизаҳояш аён буд, ки ӯ илоҳиётро назар ба онҳо беҳтар медонист. Инҷилро хонда мо мебинем, ки онҳо чӣ тавр ба муқобили Исо мубориза мебаранд ва ниҳоят ӯро марг маҳкум мекунанд.

ҒАЮРИЁН ҳизби ниҳоят қатъиро ташкил медоданд; онҳо ба истилогарон ҳуҷум мекарданд ва ба муқобили румиён шӯришҳо барпо мекарданд. Онҳо сарбозони гурӯҳҳои муқобилият ва террористон буда, бисёр вақт аз гулӯи он ҳамватанонашон мегирифтанд, ки ба назари онҳо нисбат ба вазъияти мамлакат хеле бепарво буданд ва баъзе вақтҳо ҳатто онҳоро мекуштанд. Масалан, Бараббос, ки ҳангоми ба қатл маҳкум кардани Исо озод карда шуд, метавонист ғаюрӣ бошад.

БОЧҒИРОН яхудиёне буданд, ки дар хизмати румиён буданд ва барои лашкари Рум боч мегирифтанд. Дар баробари ин суиистифода аз мансаб бисёр мушоҳида мешуд: бочгирон ва зердастони онҳо нисбат ба меъёри муқарраршуда аз мардум бисёртар мегирифтанд ва тез бой мешуданд. Ин бочгиронро, ки пули ҳамватанони худро кашида гирифта, қисман ба румиён ва қисми дигарро ба кисаи худ мезаданд, мисли фоҳишаҳо бад медиданд.

Дар назари одамони пок ва диндор, яъне фарисиён, онҳо гуноҳкорони бузург буданд. Мавридҳои буданд, ки барои хизмат ба онҳо муроҷиат мекарданд, масалан, вақте ки ягон кас ба ғазаби истилогарон гирифтор мешуд; вале асосан ба бочгирон нафрат доштанд ва аз онҳо канораҷӯӣ мекарданд.

ҲАЁТИ ДИНӢ. Вақте ки Исо таълимоти худро сар мекард, на ҳамаи сокинони музофоти румии Фаластин дини яҳиудиро пайравӣ мекарданд. Он вақт дар Фаластин сарбозони қӯшунҳои ишғолӣ ҷойгир буданд; ба ғайр аз ин дар он ҷо гурӯҳҳои мухталифи муҳоҷирон буданд, ки ҳар кас ба таври худ бутҳоро парастиш мекард. Ғайрияҳудиён асосан дар Ҷалил зиндагӣ мекарданд, ки барои ҳамин онро „Ҷалили халқҳо" меномиданд.

Дар байни яҳудиён баъзеҳо хеле диндор буданд, дигаронро бошад ба зӯр диндор гуфтан мумкин буд. Яҳудиёни диндор соатҳои дуои ҳаррӯза, рӯзадорӣ ва ҳамаи он чизеро, ки қонуни Мусо талаб мекард, риоя мекарданд; ҳар рӯзи шанбе онҳо ба куништ мерафтанд ва ҳар сол барои зиёрат ба Ерусалим мерафтанд. Вақте ки писарбача 12-сола мешуд, ӯ „фарзанди қонун", аъзои калонсоли ҷамъияти динӣ мешуд, ва аз ҳамин давра сар карда ӯ бояд ҳамаи дастурҳои диниро иҷро мекард. Ҷашнҳои динӣ яке аз пайи дигаре дар давоми сол қайд мешуданд.

## Мӯъҷизаҳо

Дар Инҷилҳо дар бораи мӯъҷизаҳо бисёр маълумотҳо дучор мешаванд: шахси мафлуҷ ба по мехезад... кӯри модарзод бино мешавад... мурда эҳё мешавад... об ба шароб мубаддал мешавад... нон зиёд мешавад... бо фармон тӯфон ором мешавад. Ҳамаи ин чунон аҷиб менамояд, ки шояд шумо ба ин бовар кардан намехоҳед. Зеро бо ёрии илм ва ақл фаҳмондани мӯъҷизот мушкил аст, он ба қонунҳои табиат мухолифат мекунад. Бинобар ин, дар бисёр мавридҳо онро афсона, муболиға мешуморанд. Масалан, афзун шудани нонро бо он маънидод мекарданд, ки гӯё Исо одамонеро, ки бо худ хӯрок оварда ба дигарон додан намехостанд, розӣ кунонд, то онро ба ҳама тақсим кунанд ва баъди ин ҳама сер шуданд. Ва гӯё аз рӯи ин баъдтар қисса дар бораи зиёдшавии нон аз тарафи Исо ба вуҷуд омадааст.

Чунин маънидод кардани мӯъҷизоти Китоби Муқаддас мумкин нест ва он ба усули илмӣ мувофиқат намекунад. Ба мо маълум аст, ки ба комёбиҳои илм нигоҳ накарда, дар табиат ҳанӯз баъзе сирру асрорҳо вуҷуд доранд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки аз Исо нерӯи зиёди пурасрори қувва ва таъсири ғайриоддӣ берун меомад (Луқо 8:46). Мо дар бораи таъсири рӯҳ ба материя маълумоти ниҳоят кам дорем. Бо вуҷуди он, имкон дорад, ки масалан Исо дар ҳолати муайян қувваҳои шифодиҳандаро, ки дар тани бемор ё маъюб ҳастанд, метавонист 1000 карат зиёд кунад ва ҳамин тариқ „бемори ноилоҷ"-ро шифо диҳад.

Мӯъҷизаро аз мӯъҷизанок фарқ кардан хеле муҳим аст, ки он тааҷҷуби хурсандонаро дар мо ба вуҷуд меоварад ва дар ҳаёти ҳаррӯза дар ҳар қадам дучор мешавад. Тухмии майдаяк калон шуда, гули зебо ё дарахти калон мешавад, кӯдак, ки дар батни модар калон мешавад — аз ин мӯъҷизанок чӣ шуда метавонад? ... Вале ин ҳодисаҳо чунон тез-тез ба амал меоянд ва одатӣ ҳастанд, ки мо қариб онҳоро ба назар намеоварем. Мӯъҷиза бошад ҳодисаи ягона ва ғайриоддӣ, „аломат"-и Худо буд, паёми Худоро чунон ба одамон мерасонад, ки шахси онро дидагӣ беихтиёр ба худ савол медиҳад: „Худо бо ҳамин ба ман чӣ гуфтан мехоҳад?" Қайд мекунем, ки оиди мӯъҷизаҳои дар Аҳди Ҷадид тасвиршуда ягон кас баҳс накардааст. Ва ихтилофот дар тафсилот ҳангоми нақли ҳодиса ба моҳияти мӯъҷизот, ки дар ҳузури шоҳидони бисёр ба амал оварда мешуданд, дахл намекарданд. Душманони Исо танҳо худро мепурсиданд: „Ин қудрат дар Ӯ аз куҷост? Оё аз шайтон бошад?..."

Инак, вазифаи асосии мӯъҷиза он аст, ки дар бинанда саволеро дар бораи он пайдо кунед, ки Худо ба воситаи ин ҳодисаи фавқуллода ба мо чӣ гуфтан мехоҳад. Мисолеро дида мебароем: ба хона баргашта, ман назди дар гулдастаро мебинам ва маълум нест, ки онро бароям кӣ мондааст. Ман метавонам аз ин гулҳо ба ваҷд оям, метавонам барои муайян кардани намуди ботаникии онҳо тадқиқоти илмӣ гузаронам ва ҳоказо. Лекин яқинан ман ба худ савол медиҳам: „Ин гулдастаро ба ман кӣ овардааст?... Бо кадом мақсад?... Ин гулҳо ба ман чӣ маълумот медиҳанд? Шояд, ин изҳори муҳаббат бошад?" Дар ин маврид асосан маълумотро фаҳмидан муҳим аст. Ҳамин тавр мӯъҷиза низ ҳамеша ба шахси боимон чизеро дарак медиҳад, барои ӯ аломат аст. Агар ягон кас бо ангушт ба тарафи муайян нишон дода, маро ҷеғ занад: „Нигоҳ кун!", он гоҳ ман дасти ӯро нигоҳ намекунам, балки ба тарафе ки ӯ диққати маро ҷалб мекунонад, назар мекунам, то ки чиз шахс ё ҳодисаи ишорашударо бинам. Ба монанди ин ҳангоми мӯъҷиза диққати асосиро на ба воқеъ шудани он равона кардан даркор аст, балки ба Худо, ки ба ман аломат медиҳад, ба ман муроҷиат мекунад, ба ман маълумотеро медиҳад, ки мӯъҷиза воситаи ба ман расондани он аст.

Мӯъҷизаҳо на ҳама вақт одамро ба имон меоваранд. Дар байни шоҳидоне ки мӯъҷизаҳои офаридаи Исоро мушоҳида мекарданд, одамоне буданд, ки имон овардан намехостанд, бар замми ин душманони ошкорои ӯ буданд. Ва Исо на барои ба тааҷҷуб овардани одамон ё барои ба онҳо маъқул шудан мӯъҷиза меофарид: мӯъҷизаҳо амали меҳрубонии беғаразонаи ӯ ва хоҳиши равон кардани одамон бо роҳи ҳақиқат буданд. Мӯъҷизаҳо инчунин исботи доимии он буданд, ки Ӯ Наҷотдиҳандаест, ки аз ҷониби Худо фиристода шудааст. Вале Ӯ худаш гуфта буд, ки ҳодисаи ниҳоят ғайриоддӣ, ҳатто эҳё шудани мурда, кафолат намедиҳад, ки касе ба мӯъҷизакор бовар кунад ва ӯро дӯст дорад (Луқо 16:31). Масеҳиён ба Масеҳ на барои мӯъҷизаҳо бовар мекунанд; имони онҳо дар ҳақиқати эҳёшавии Ӯ асос меёбад.

Пас ба воситаи мӯъҷизаҳои дар Аҳди Ҷадид тасвирёфта ба мо кадом аломатҳо ва маълумотҳо дода шудаанд?... Инак чанд намуна: Шифо ёфтани кӯр ба мо тимсоли он одамонеро медиҳад, ки Исоро ёфта, чашмонашон боз шуданд...Қадамҳои аввалини шахси мафлуҷ ибтидои роҳи рӯҳонии одамест, ки пештар бо ташвишҳои моддӣ маҳдуд шуда буд. Эҳё шудани шахси мурда дар дӯстӣ бо Худо ба ҳаёт баргаштани одами рӯҳан мурдаро, ки ихтиёрро аз даст додааст, нишон медиҳад, ки асоси он бахшидани гуноҳҳо ба воситаи Масеҳ аст... Агар Исо тӯфонро ором мекунад ё дар рӯи об қадам мезанад, ин онро ифода мекунад, ки ҳамроҳи Ӯ мо метавонем қувваҳои бадиро, ки доимо фаро гирифтани моро кӯшиш мекунанд, мағлуб кунем... Зиёд шудани нон рамзи ғизои маънавӣ аст, ки он „нони ҳаёт" буда, дар давоми садсолаҳо дар тамоми ҷаҳон миқдори бузурги одамонро сер мекунад... Ва оё ҳар як имондор дар муомила, дар ҳама кори мекарда ва мегуфтааш „мӯъҷиза", аломат дар бораи Масеҳ шуда наметавонад, то ки одамони атрофи ӯ дар бораи Масеҳ андеша карда, ба Исои Масеҳи Худованд имони рӯҳафзо пайдо кунанд?




**Матто 20:20–25.**
Вақте ки Исо ба Ерусалим омад, модари Яъқуб ва Юҳанно назди Ӯ омада, аз Ӯ илтимос кард: „Писарони маро дар Малакути худ дар назди худ бимон“. Исо ҷавоб дод: „Шумо намефаҳмед, ки чӣ мехоҳед? Оё шумо аз озмоишҳоеро, ки пеши ман истодаанд, тоқат карда метавонед?“ Онҳо ҷавоб доданд: „Метавонем“. Он гоҳ Исо гуфт: „Озмоишҳои Маро аз сар хоҳед гузаронд. Вале дар назди Ман нишастани касеро на Ман, балки Падари Ман ҳал мекунад“.




**Матто 16:21-23.** Дар ин вақт Исо ба шогирдонаш дар бораи роҳе ки Ӯро дар пеш аст, нақл кард. „Дар Ерусалим пирон, саркоҳинон ва китобдонон Маро азоб медиҳанд ва баъд мекушанд. Вале баъд аз се рӯз ман аз байни мурдагон эҳё мешавам".

Петрус ба ҳарос афтода, Ӯро ба як тараф бурд ва гуфт: „Ба худ ҷабр накун. Худовандо, ин бо Ту ҳаргиз рӯй нахоҳад дод". Исо ба ӯ ҷавоб дод: „Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту мисли одам андеша мекунӣ ва нақшаи илоҳиро нафаҳмидӣ".

**Матто 4:1-11.** Рӯҳи Худо Исоро ба биёбон овард, ки дар он ҷо Ӯ бояд ба озмоиш дучор мешуд. Исо чил шабонарӯз ягон чиз нахӯрд. Гушнагӣ Ӯро азоб медод. Он гоҳ шайтон пайдо шуд ва ба Ӯ наздик шуд: „Агар Ту ҳақиқатан Писари Худо бошӣ, пас ин сангҳоро ба нон мубаддал кун!" Исо ҷавоб дод: „Одамизод на танҳо бо нон зинда аст. Фақат ҳамон кас зиндагӣ мекунад, ки каломи Худоро гӯш мекунад!"

Шогирдони дигари Исо аз ин талаби бародарон ба ғазаб омаданд... Исо онҳоро ҷеғ зада гуфт: „Ман на барои он омадам, то ки ба Ман хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунам ва ҷони худро барои аз зери ҳукми бадӣ халос кардани бисёриҳо фидо кунам".




Он гоҳ шайтон Ӯро ҳамроҳи худ ба Ерусалим бурд ва дар лаби девори маъбад гузошта, гуфт: „Агар Ту дар ҳақиқат Писари Худо бошӣ, пас Худро ба поён парто. Зеро гуфта шудааст: «Худо фариштагони худро мефиристад ва онҳо Туро бар дастҳо дошта мегиранд ва бар ягон санги дар поён истода намерасӣ»“. Исо ба вай гуфт: „Лекин инчунин гуфта шудааст: «Худованд Худои худро наозмой»“.

Он гоҳ шайтон Исоро ба қуллаи кӯҳи баланд бурд ва тамоми кишварҳои ҷаҳон ва азамати онҳоро ба Ӯ нишон дода

Баъди ин Ман бар болои кӯҳи баланд истода будам.

Иблис боз пичиррос мезад: „Ба ҳамаи салтанатҳои замин ва зебоии онҳо нигоҳ кун. Ҳамаи инҳо аз они Ту мешавад, агар Ту ба ман саҷда кунӣ!“

„Аз Ман дур шав, эй шайтон!“ ҷавоб додам Ман.



„Навишта шудааст:

Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо!“










гуфт:„Агар ба зону истода қудрати маро эътироф кунӣ, ман ҳамаи инро ба Ту медиҳам“. Исо ба вай ҷавоб дод: „Дур шав, эй шайтон!.. Зеро гуфта шудааст: «Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо»“.

Пас аз ин шайтон Ӯро вогузошт ва фариштаҳо омада, Ӯро парасторӣ мекарданд.






Нисфишабӣ Петрус, Яъқуб ва Юҳанно аз рӯшноии чашмбар бедор шуданд.

Онҳо Исоро бо либоси дурахшон диданд.

Ӯ бо Мусо ва Илёс сӯҳбат мекард.



Ҳангоме ки дурахши рӯшноӣ гум шуд, онҳо Исоро чун пештара диданд.



Субҳидам онҳо аз кӯҳ поин омаданд.

**Матто 17:1–19.** Рӯзе Исо ҳамроҳи Петрус ва ду шогирди дигар ба қуллаи кӯҳи баланд баромад. Онҳо дар он ҷо тамоман танҳо буданд. Ва нохост Исо дар пеши назари онҳо дигаргун шуд. Чеҳраи Ӯ мисли офтоб медурахшид ва либосаш чун нур сафед гардид. Ду пайғамбари қадим — Мусо ва Илёс — пайдо шуда бо Ӯ сӯҳбат мекарданд. Он гоҳ Петрус ба Исо гуфт: „Худовандо, ин ҷо барои мо хуб аст! Агар Ту хоҳӣ, мо дар ин ҷо се хайма месозем: барои Ту, барои Мусо ва Илёс". Ҳангоме ки вай сухан мегуфт, абри дурахшандае онҳоро фаро гирифт ва аз даруни абр садое шунида шуд: „Ин Писари маҳбуби ман, шодии ман аст. Ӯро гӯш кунед!" Ҳангоми шунидани ин суханон шогирдон дар ҳарос ба замин афтоданд. Исо ба онҳо даст расонд ва гуфт: „Бархезед ва ҳаросон нашавед". Вақте ки онҳо бархестанд, диданд, ки танҳо бо Исо мондаанд. Дар роҳи бозгашт Исо шогирдонро таъкид кард: „То Писари Одам аз мурдагон эҳё нашавад, дар бораи ҳодисаи дидашуда ба ягон кас нақл накунед".


Барои тасвир намудани он чи мо шаб дидем, забони ман оҷиз аст...
Як чиз аниқ аст, Исо бузургтар аз Мусо ва Илёс аст!
Ҳа! Онҳо танҳо омадани Ӯро тайёр карданд... Зеро Ӯ қисми ҷалоли Худо аст!
Ман овозеро аз осмон шунидам: „Исо Писари маҳбуби Ман аст. Аз паси Ӯ равед ва Ӯро гӯш кунед!“
Он чизеро, ки ту, Юҳанно, дида будӣ, ман ҳам дидам ва баён мекунам: Исо Масеҳ, Писари Худои Зинда аст!
Петрус, ту бошӣ гуфтӣ, ки „Худовандо, ин ҷо бароямон хуб аст. Агар хоҳӣ, мо се чодир мемонем — яке барои Ту, яке барои Мусо ва яке барои Илёс...“
Дӯстон, ман гуфтани он чизеро, ки шумо имшаб дидед, манъ мекунам... то он даме ки Писари Одам аз мурдагон эҳё шавад!
Ман на он қадар фаҳмидам, лекин мо ваъда медиҳем, ки гап намезанем!
Яъқуб, Юҳанно ва ман, Петрус, боварӣ дорем, ки Худо бо мост.
Дӯстон, биёед! Роҳи мо ба Ерусалим аст!

Исо қарор дод ба Ерусалим ба Фисҳ биёяд.Онҳо ба кӯҳи Зайтун дар наздикии Ерусалим мебиёянд...

Дар ин ҷо онҳо гурӯҳи зиёраткунандагони ҷалилоро вохӯрданд, ки ба ид мерафтанд.






**Матто 21:1-17.** Чун Исо ба Ерусалим наздик шуд, ду шогирди худро ба деҳаи наздиктарин фиристод: „Шумо дар он ҷо модахареро баста хоҳед ёфт, ки курраааш низ назди вай аст. Онҳоро назди Ман биёред. Агар касе шуморо боздорад, бигӯед: «Худованд ба онҳо эҳтиёҷ дорад». Он гоҳ ягон кас ба шумо монеъ намешавад.

Зеро дар пешгӯӣ гуфта шудааст: „Халқи Ерусалимро огоҳ кунед: ‹Подшоҳи ту бар курра савор шуда, бо фурӯтанӣ назди ту меояд›»".

Шогирдон мувофиқи гуфтаи Ӯ амал карданд. Онҳо модахар ва курраро оварда, либосҳои худро бар онҳо гузоштанд ва Исо савор шуд.




Мардуми зиёде Ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Онҳо дар пеши Ӯ либосҳои худро чун гилем мегустурданд ва ё шохаҳои дарахтонро бурида, дар роҳи Ӯ паҳн мекарданд. Одамон хурсандӣ ва нидо мекарданд: „Зинда бод подшоҳи мо, писари Довуд, ки Ӯро Худо ба мо фиристодааст! Файзи Худованд бо Ӯ бод! Худованди моро ҷалол бод!" Вақте ки Исо ба шаҳр ворид шуд, дар атроф ҳама ба ҳаракат омад. „Ин шахс кист?" — мепурсиданд одамон. „Ин Исо аст, пайғамбар аз Носираи Ҷалил", — ҷавоб медоданд шахсоне ки Ӯро ҳамроҳӣ мекарданд.







Роҳпаймоии ботантана то маъбад расид... Камбағалон, касалон ва маъюбон аз қафои Исо мерафтанд.






Дар ин ҷо кӯдакон ҳам Исоро ҷалол додан мегиранд...







Мешунавӣ, ки ин кӯдакон чӣ фарёд мезананд? Онҳоро ба хомӯш шудан маҷбур кун ва ба макони муқаддас эҳтиром зоҳир намо!
Ба макони муқаддас эҳтиром зоҳир намудан?
Магар ҳамаи ин савдо, мубодилаи пул ва даву ғеҷ дар маъбади муқаддас расвоӣ нест?




Исо ба маъбади Ерусалим даромад ва ҳамаи фурӯшандагону харидоронро аз он ҷо пеш кард, мизҳои саррофон ва курсиҳои кафтарфурӯшонро чаппа кард. Ва ба онҳо мегуфт: „Худо гуфтааст: «Бигзор хонаи Ман хонаи ибодат бошад», вале шумо дар ин ҷо қароргоҳи роҳзанонро барпо кардаед“. Дар маъбад шахсони нобино ва маъюб Исоро иҳота карданд ва Ӯ онҳоро шифо медод. Вақте ки саркоҳинон ва китобдонон мӯъҷизаҳои офаридаи Исоро диданд ва шуниданд, ки чӣ тавр кӯдакон дар маъбад хитоб мекарданд: „Ҷалол бар ту бод, писари Довуд!“, онҳо хашмгинона аз Исо пурсиданд: „Оё Ту намешунавӣ, ки кӯдакон чӣ хитоб мекунанд?“ — „Ман мешунавам, — ҷавоб дод Исо. — Лекин оё шумо ҳеҷ гоҳ нахондаед: «Ҳатто кӯдакон Ӯро мадҳ хоҳанд кард!»?“ Ва Ӯ онҳоро тарк карда, аз шаҳр ба Байт-Ҳинӣ рафт ва шабро дар он ҷо гузаронд.




Ин дар ҳақиқат муаммо буд. Исо дар бораи бадани Худ — маъбади нави Худо мегуфт! Ӯ кушта шуда, вайрон шуда, дар рӯзи сеюм эҳё мешавад.

Шогирдони Ӯ ба ин муаммо баъди эҳёшавии Исо сарфаҳм рафтанд.

Баъди ин воқеаҳо роҳбарияти маъбад — саркоҳин Қаёфо ва фарисиён ба машварат ҷамъ шуданд...



















**Юҳанно 11:47-54.** Пас аз ин саркоҳинон ва фарисиён дар шӯро ҷамъ шуданд. „Чӣ бояд кард? — ба худ савол медоданд онҳо. — Ин шахс ҳақиқатан мӯъҷизаҳо меофарад. Баъди чанд вақт тамоми халқ ба Ӯ имон хоҳанд овард ва Ӯро пайравӣ хоҳад кард. Он гоҳ румиён мебинанд, ки мо худамон тартиботро барқарор карда наметавонем, ва маъбадро забт карда, халқи моро нобуд мекунанд". — „Дар ин ҷо фикри бисёр кардан даркор нест, — гуфт саркоҳин, ки Қаёфо ном дошт. — Чаро тамоми халқ нобуд гардад, бигзор як шахс барои халқ бимирад". Ин суханони саркоҳин пешгӯие ба ӯ аз ҷониби Худо буд, ки бо иродаи Ӯ Исо бояд барои тамоми халқ мемурд; ва на танҳо барои халқи Исроил, балки барои ҳамаи фарзандони Худо дар рӯи замин. Дар ин машварат роҳбарони яҳудӣ қарор доданд Исоро бикушанд. Бинобар ин, Исо... ҳамроҳи шогирдонаш ба шаҳраке дар канори биёбон равон шуд.




**Матто 26:3–5, 14–16.** Саркоҳинон ва пирон дар машварат ҷамъ шуданд. Онҳо ҳабс кардан ва куштани Исоро муҳокима мекарданд. Онҳо як чизро яқинан мефаҳмиданд: „Ин бояд дар вақти иди Фисҳ ба амал наояд, вагарна рӯй додани ошӯби мардум аз эҳтимол дур нест". Баъдтар яке аз дувоздаҳ шогирдон, Яҳудои Искарьют назди саркоҳинон омада пурсид: „Агар Исоро ба шумо таслим кунам, ба ман чанд пул хоҳед дод?" Онҳо ба ӯ 30 тангаи нуқра доданд. Аз он лаҳза Яҳудо фурсати муносибро меҷуст, то ки Исоро таслим кунад.


Хизматгорони саркоҳин Исоро ҷустуҷӯ намуданд, вале Ӯ бо шогирдонаш дар ҷои хилват паноҳ ёфта буд...
Дӯстон, имрӯз иди Фисҳ аст. Петрус ва Юҳанно, биравед ва ҳамаи чизи заруриро барои ид омода кунед.
Вале дар куҷо, Худовандо? Дар хонаи кӣ?
Ман дар Ерусалим ҳуҷраи калонро иҷора гирифтам... биравед ва онро ёбед...
Вақте ки ба шаҳр медароед, мардеро бо кӯза хоҳед дид. Аз қафои ӯ равон шавед ва ӯ шуморо ба ҷои даркорӣ мебарад!
Ана ҳамин хел! Ба ман аллакай боварӣ намекунанд. Дар асл, чун хазиначӣ, ҳуқуқи тайёр намудани Фисҳро ман дорам. Он гоҳ ман мефаҳмидам, ки ҷамъшавӣ дар куҷо мешавад...
Ва ба ҳукуматдорон хабар медодам, ки Ӯро ҳабс кунанд.
Баъди чанд соат...
Занҳо бо кӯзаҳо — ҳама чиз ба таври маъмулӣ...
Вале ана ман мардро бо кӯза мебинам, ин ғайриоддист! Шояд ин ӯ бошад!
Аниқ! Биё аз пасаш равем...










**Луқо 22:7-16, 24-26.** Иди Фисҳ фаро расид. Исо Петрус ва Юҳанноро фармуд, ки ба ид омодагӣ бинанд... „Ба Ерусалим биравед, — гуфт ба онҳо Исо, — дар он ҷо шумо мардеро кӯза дар даст вомехӯред. Дар хонае ки ӯ ба он медарояд, шуморо ба утоқи калон мегузаронанд, ки он ҷо болиштҳо густурда шудаанд. Дар он ҷо барои мо хӯрок тайёр кунед... “ Чун вақти зиёфати рӯзи ид фаро расид, Исо ҳамроҳи шогирдонаш ба сари миз нишаст. „Бисёр мехостам пеш аз сар шудани азобҳоям ҳамроҳи шумо зиёфати фисҳ бихӯрам, — гуфт Ӯ. — Шумо бояд бифаҳмед: чунин зиёфати фисҳи навбатӣ танҳо дар Малакути Худо хоҳад буд“. Шогирдон пурсиданд, ки дар байни онҳо кӣ аввалин хоҳад буд. Исо ба онҳо гуфт: „Дар ин ҷаҳон подшоҳон бар халқҳо ҳукмронӣ мекунанд, ва ҳокимон худро чун валинеъмат нишон медиҳанд.


Онҳо дар гирди миз ҷо ба ҷо мешаванд ва ногаҳон баҳс ба миён меояд...
Ман дар ин ҷо мешинам! Ман ҳақ дорам дар паҳлӯи Исо шинам...
Умед накун! Ман дар ин ҷо мемонам! Магар мо аз як гурӯҳ нестем?
Дуруст, мо имтиёзнокҳо надорем!
Дӯстон, ба ҷой ишғол кардан шитоб накунед...
Шумо медонед, ки подшоҳони замин бо ёрии шамшер ва қувват халқро идора мекунанд. Вале аз шумо набояд ин тавр бошад!
Баръакс, шумо бояд ба ҳамдигар хизмат кунед!
Баъди ин...
Бин, Ӯ чӣ кор мекунад!
Нофаҳмост... Ӯ чизеро шустанӣ барин...



















Баъд аз он ки Исо пойҳои ҳамаи шогирдонро шуст, ба онҳо гуфт...




Шумо бояд чунин накунед. Аввалин дар байни шумо бояд ба дигарон итоат кунад ва касе ки мехоҳад бар шумо ҳукмронӣ кунад, бигзор ба шумо хизмат кунад".

**Юҳанно 13:2–15, 21–30.** Дар ин шом, вақте ки шайтон Яҳудоро барои таслим кардани Исо аллакай фирефта буд..., Исо аз сари миз бархоста, либоси болоиро кашид ва сачоқро гирифта, камарашро бибаст. Ӯ ба тағора об рехта, ба шустани пойҳои шогирдонаш шурӯъ кард ва сипас онҳоро бо сачоқ мехушконид. Чун Ӯ ба Петрус наздик шуд, ӯ эътироз кард: „Худовандо, оё Ту пойҳои маро мешӯӣ?" — „Ту алҳол намедонӣ, ки Ман чӣ кор мекунам, лекин баъдтар хоҳӣ фаҳмид". — „Ман ҳеҷ гоҳ розӣ намешавам, то ки Ту пойҳои маро бишӯӣ!" — „Агар Ман инро накунам, муносибати ту бо Ман қатъ мешавад".

Дар аввали хӯроки шом Исо бо шогирдонаш алафҳои талхро мехӯранд...

Ин рамзи дарду аламест, ки гузаштагони онҳо дар ғуломии Миср то Хуруҷи Бузург доштанд!...












— „Худовандо! Пас на танҳо пойҳои ман, балки дастон ва рӯи маро низ бишӯй!“ Исо ҷавоб дод: „Касе ки ғусл кардааст, ӯ пок аст. Маро лозим аст, ки фақат гарди кӯчаро аз пойҳоятон бишӯям. Шумо ҳама, ба ғайр аз як кас, пок ҳастед“. Исо аллакай медонист, ки таслимкунанда кист. Бинобар ин Ӯ гуфт: „Шумо на ҳамаатон пок ҳастед“. Пас аз он ки Исо пойҳои онҳоро шуст, боз либосашро пӯшида, нишаст ва шогирдони худро пурсид: „Оё мефаҳмед, ки Ман ҳозир чӣ кор кардам? Шумо маро Устод ва Худованди мегӯед. Ин дуруст аст. Ман ҳам ин ва ҳам он ҳастам. Пас, агар Ман, Устод ва Худованди шумо, ҳоло пойҳои шуморо шуста бошам, шумо ҳам бояд бо якдигар чунин рафтор кунед. Ман намунаро ба шумо нишон додам. Онро пайравӣ кунед!“






















Пас аз он ки Исо инро гуфт, Ӯ ғамгинона такрор кард: „Бале, ин рост аст: яке аз шумо Маро таслим хоҳад кард!“ Шогирдон бо ҳарос ва тааҷҷуб ба якдигар нигоҳ карда, кӯшиш мекарданд фаҳманд, ки Ӯ дар бораи кӣ мегӯяд. Дар сари миз, дар паҳлӯи Исо Юҳанно менишаст... Петрус ба ӯ ишорат кард, то аз Исо пурсад, ки Ӯ дар бораи кӣ мегӯяд. Юҳанно ба назди Исо хам шуда, оҳиста пурсид: „Худовандо, дар бораи кӣ мегӯӣ?“ Исо ба ӯ ҷавоб дод: „Ин касест, ки ҳоло Ман нонро тар карда ба ӯ медиҳам“. Исо луқмаи нонро тар карда, онро ба Яҳудо дод. Пас аз ин Яҳудо аллакай тамоман ба ҳукми шайтон дода шуд. „Шитоб кун, Яҳудо! Ниятатро иҷро кун!“ — гуфт Исо ба ӯ. Ҳеҷ кас дар сари миз нафаҳмид, ки Ӯ маҳз чиро дар назар дошт. Баъзеҳо гумон карданд, ки Исо Яҳудоро, ки хазинадори онҳо буд, ба хотири харид кардани чизу чора барои ид ё барои ба мискинон додани пул мефиристад. Яҳудо нонро гирифта, дарҳол берун рафт. Аллакай шаб шуда буд.












**Луқо 22:19-20.** Он гоҳ Исо нонро гирифт. Ва Худоро шукргузорӣ карда, онро пора кард ва ба онҳо дода гуфт: „Ин ҷисми Ман аст, ки барои шумо қурбон мешавад. Минбаъд низ ҳамин тавр кунед, то ки ҳеҷ гоҳ азобҳо ва марги Маро фаромӯш накунед".

Сипас Ӯ косаи шаробро гирифта, ба шогирдонаш дод ва гуфт: „Ин хуни Ман аст, ки бо он байни Худо ва одамон аҳди нав баста мешавад. Он барои бахшидани гуноҳҳои шумо рехта мешавад".

Пас аз ин Исо косаи шаробро мебардорад ва онро баракат дода мегӯяд...




Ва илова мекунад...







Онҳо шоми Худовандро бо сурудҳои Фисҳ тамом мекунанд...





## *Шайтон Исоро меозмояд*

Ҳамроҳони Исо — шогирдони Ӯ — дар Ӯ фиристодаи Худоро медиданд. Онҳо гумон мекарданд, ки Ӯ бо тавоноӣ ва қудрате амал мекунад, ки Худо ба Ӯ додааст ва вазифаи Ӯ на танҳо барқарор кардани тартиботии Худо дар рӯи замин, балки ба халқи яҳудӣ баргардондани шӯҳрати гумкардаи он мебошад. Дар он вақте ки онҳо оиди юриши ғалабаовар орзу мекарданд, Исо онҳоро ба ҳақиқати ғамангез оварда, равшан кард, ки Ӯ ба азобу уқубат, ҳабс ва марг наздик мешавад. Барои нишон додани фарқияти байни орзуҳои онҳо ва ҳақиқат Ӯ ба онҳо нақл кард, ки Ӯ кадом озмоишҳоро аллакай аз сар гузаронидааст: васвасаи бозидани нақши мӯъҷизакори некдил, ки ба мардуми худ нон ва некӯаҳволиро медиҳад, васвасаи дар байни халқ ба даст овардани шӯҳрат бо ёрии найрангҳои ғайриоддӣ, васвасаи ба даст овардани ҳокимият ва воситаи табаддулоти давлатӣ ва бо ҳамин ба халқи худ ҳукмронӣ бар ҷаҳонро таъмин кардан.

Агар Исо худаш дар бораи ин васвасаҳо сухан намекард, ҳеҷ кас ягон вақт дар бораи онҳо намедонист. Ӯ онҳоро чун муборизаи рӯҳонӣ бо шайтон тасвир кардааст. Набояд фикр кард, ки шайтон назди Ӯ дар намуди даҳшатнок ё хандаовар пайдо шуд, чӣ тавре ки рассомон ва ҳайкалтарошон ӯро одатан тасвир мекунанд. Ҳамаи ин озмоишҳоро Исо ботинан аз сар гузаронд, чуноне ки бо мо ҳам рӯй медиҳад, вақте ки мо васвасаи кардани кори бадро ҳис мекунем. Вале Исо бар ин мубориза ғолиб баромад.

Фикр кардан лозим нест, ки шайтон қаҳрамони сохта, хаёлӣ аст. Исо дар бораи ӯ чун дар бораи махлуқи ҳақиқӣ мегӯяд ва ӯро ҳатто „ҳокими ин дунё“ меномад. Ӯ душмани ашаддии Худо ва тамоми некӯӣ аст. Қувваҳои рӯҳии бад ба ӯ итоат мекунанд, ки онҳо муносибатҳои байни одамон ва халқҳо, ва одамони алоҳидаро вайрон кардан мехоҳанд. Ва Исо маҳз барои аз шайтон наҷот додани мо омадааст. Лекин ҳар яки мо бояд ин наҷотро худамон хоҳем. Вале ба ҳар як шахс қувваҳои бади фиребанда таъсир мекунанд, ки аксар вақт моро ба фикре водор мекунанд, ки ба онҳо итоат кардан ба нафъи мо аст.

## *Исо дар болои кӯҳ дар намуди дигаргуншуда пайдо мешавад*

Исо се шогирди наздиктарини худро ба болои кӯҳ меоварад, ки аз ташвиши шаҳрҳо дуртар ҷойгир буд. Дар он ҷо чунин менамояд, ки осмон ва замин бо ҳам меоянд... Нисфи шаб се шогирд аз хоб бедор шуда, Исоро дар партави дурахшон мебинанд. Ва Ӯ танҳо набуд — дар назди Ӯ Мусо ва Илёс шахсиятҳои барҷастаи таърихи Исроил буданд, ки дар замони худ дар болои кӯҳи Сино бо Худо вохӯрда буданд. Онҳо шоҳидони мавҷудияти олами Худо ҳастанд, зеро онҳо акнун дар он ҷо зиндагӣ мекунанд.

Се ҳаввориӣ (шогирдони Исо) эътироф мекунанд, ки Исо ба олами Худо тааллуқ дорад ва дар сурати Ӯ Худо ба назди халқи худ омадааст, чӣ тавре ки ин ба онҳо ваъда дода шуда буд. Лекин Худо ба кулба, коза (ё маъбад) эҳтиёҷ надорад, то ки дар он ҷо зиндагӣ кунад, чӣ тавре ки Петрус ҳанӯз дар бораи ин фикр мекунад. Худо дар Исо ҳузур дорад ва Ӯ Исоро Писари маҳбуби худ эълон мекунад, ки шогирдонаш бояд Ӯро гӯш кунанд. Рӯҳи Худо дар ҳар имондоре ки Исоро Худованд ва Наҷотдиҳанда эътироф мекунад, ҳузур дорад. Вале ин танҳо баъди эҳё шудани Исо ва баъди воқеае ки дар рӯзи Пантикост рӯй дод, ба шогирдон равшан мешавад.

Дигаргуншавӣ дар болои кӯҳ барои ҳар як пайрави Исо аҳамиятнокии наздик будан Худоро таъкид мекунад. Танҳо дар ҳузури Ӯ ҳар як шахс метавонад нури рӯшноиро дар рӯзи хира, дилбардориро дар бадбахтӣ, фаҳмидани моҳияти роҳи душворро ва дастгирии муҳимро дар мубориза ҳис кунад. Ба назди Худо дар вақти „гӯш кардани Исо“, яъне ҳангоми хондани Китоби Муқаддас ва дар дуо меоянд. Ҳар як пайрави Исо барои ин вақти муайянро ҷудо мекунад, ки барои ӯ хеле пурқимат хоҳад шуд.

## *Халқ Исоро бо тантана пешвоз мегирад*

Чанд рӯз пеш аз иди Фисҳи охирини худ Исо бо шогирдонаш ба кӯҳи Зайтун омад, ки дар наздикии Ерусалим, дар тарафи шарқии он ҷойгир аст. Дар он ҷо Ӯ ба ду шогирдаш фармуд, то барояш курраеро оваранд, ки онро пеш аз ин ҳеҷ кас савор нашуда буд. Дар ҳар чор Инҷил воридшавии ботантанаи Исо ба Ерусалим тасвир ёфтааст, ки ҳангоми он Ӯ бо тӯдаи одамон иҳота шуда буд, ки Ӯро шодбош мегуфтанд ва фарёд мезаданд: „Подшоҳи мо, писари Довудро ҷалол бод! Ӯро Худо ба мо фиристодааст! Худоё, Ӯро баракат деҳ! Худоро ҳамду сано!“

Дар Инҷили Матто пешгӯии Закарёи набӣ зикр мешавад (тақрибан соли 520 то милод): „Шод бош, эй Ерусалим, кӯҳи Сион! Нигоҳ кун, подшоҳи ту бар хар савор шуда, бо фурӯтанӣ назди ту меояд...“ Ва боз дар пешгӯӣ омадааст: „Баъд Ман (Худо) аробаҳои дучарха ва аспҳоро дар Ерусалим нобуд мекунам, камони ҷангиро мешиканам. Ва Ӯ (фиристодаи Худо) осоиштагиро бар халқҳо эълон мекунад...“

Гарчанде Исо пешакӣ медонист, ки Ӯро чун ворисии Довуд бо тантана пешвоз мегиранд, лекин хусусиятҳои ворид шудани Ӯ ба таври равшан нишон доданд, ки Ӯ чун ҳокими фурӯтани некӣ ва осоиштагӣ омадан мехост, на чун фиристодаи Худо — ишғолгар, ки бо зӯрӣ ва маҷбуркунӣ амал мекунад. Бинобар ин, Ӯ бар аспи афзолаш боҳашамат савор нашуд, чуноне ки инро фармондеҳи баландрутбаи румӣ мекард, балки мисли як одами оддӣ аз байни мардум, бар курра нишаст. Эътибори подшоҳии Ӯ, обрӯи Ӯ бар салоҳияте ки аз ҷониби Падари осмонӣ ба Ӯ дода шуда буд, асос меёфтанд.

## *Исо фурӯшандагонро аз маъбад пеш мекунад*

Маъбади Ерусалим ҷои ягонае буд, ки дар он яҳудиёни аз тамоми ҷаҳон омада идҳои худро ҷашн мегирифтанд, ки онҳо барояшон аҳамияти амиқ доштанд. Дар ин ҷо онҳо чун нишонаи парастиши Худо ё барои омурзиши гуноҳҳо қурбониҳо меоварданд. Дар айни ҳол аз рамаи худ ҳайвони беҳтаринро интихоб мекарданд ё онро дар Ерусалим харид мекарданд, то ки қурбонӣ дар ҳавлии маъбад ба ҷо оварда шавад.

Қудси маъбад бинои баланде буд, ки қисми пешаш бо тилло пӯшида шуда буд. Танҳо коҳинон ҳуқуқ доштанд, ки барои сӯхтани моводи атрафшон ва нигоҳ доштани оташ дар чароғдони ҳафтчароғдор, ба он ҷо дохил шаванд. Аз паси пардаи ғафс, ки қисми ибодатгоҳро ҷудо мекард, „Қудси Қудсҳо“, хонаи пурасрор воқеъ буд, ки ба он танҳо саркоҳин даромадан метавонист ва танҳо соле як маротиба, то ки ба Худо барои гуноҳҳои тамоми одамон қурбонии хунин оварад. Пештар дар ин хонаи муқаддас сандуқи аҳди зарандуд бо лавҳҳо меистод, ки дар онҳо қонунҳои Мусо навишта шуда буданд: аз давраи харобшавӣ ва барқароркунии маъбад хона холӣ буд. Дар он ҷо гузоштани ягон хел ҳайкали Худо иҷозат дода намешуд, чунки тасвир кардани Худо номумкин аст! Ӯ аз ҳама чизе ки одам ба худ тасаввур карда метавонад, бештар аст. Лекин Худо ба халқи Исроил ҳузури худро дар хонаи пурасрори ибодатгоҳ ваъда карда буд.

Дар назди ибодатгоҳ дар ҳавлии васеъ, зери осмони кушод, қурбонгоҳи бузург ҷойгир буд, ки дар рӯйи он ҳайвонҳои барои қурбонӣ овардашуда сӯхта мешуданд. Дар маъбад қариб 2000 коҳин навбат ба навбат хизмат мекарданд; ба онҳо боз ҳамон қадар ходимон аз сибти Левӣ кӯмак мекарданд. Ҳавлии дигар барои мардони яҳудӣ, ва боз як ҳавлии дигар, сеюм, барои занон буд. Хориҷиён ва одамони ғайр ба ин ҳавлиҳо, ки дар даромадгоҳи Қудс буданд, даромада наметавонистанд. Барои вайрон кардани қонуни муқаддас ҳукми қатл пешбинӣ шуда буд.

Дар гирди Қудс ва ҳавлиҳои ҷудокардашуда айвони калон бо сутунҳо ҷойгир буд, ки ҳудуди маъбадро тарҳрезӣ мекард. Дар он на фақат хонаҳо барои ҷамъомадҳо, балки бозори доимии ҳайвонот барои қурбонӣ ҷойгир буд. Ҳангоми идҳои муҳим ба Ерусалим аз 100 то 200 ҳазор зиёраткунандагон аз тамоми империяи Рум ҷамъ мешуданд. Ҳар кас барои Худо қурбонии худро овардан мехост. Бинобар ин фурӯшандагоне зарур буданд, ки чорвои калони шохдор, гӯсфандон ва кафтарҳоро мефурӯхтанд ва инчунин саррофон лозим буданд, ки барои зиёраткунандагони мамлакатҳои дигар пулро иваз мекарданд. Ҳангоми ин тиққаву танбаи бозорӣ, вақте ки дар ҳама ҷо бо ҷӯшу хурӯш дар бораи нарх мунозира мекарданд, ягон кас дуо карда наметавонист. Ягон гӯшаи ором хилват пайдо намешуд, ки ба он ҷо рафта, хушу хаёли худро ба як ҷо овардан мумкин мебуд.

Қаҳру ғазаби Исо барои ҳамаи ин масхарабозӣ ва садои ҷарангоси пул дар гирди Қудс пурра бамаврид буд. Ӯ чун пайғамбари даврахои пеш дахолат кард ва ҳамаи фурӯшандагонро аз маъбади Худо пеш кард.

Роҳбарони яҳудиён, ки барои гузарондани ибодатҳо дар маъбад ҷавобгар буданд, аз даст додани фоидаи худро, ки он дар намуди боҷ аз ҳамаи ин савдо гирифта мешуд, намехостанд, ва аз Исо далел талаб карданд. Ӯ ҷавоби асроромез дод: агар онҳо маъбадро вайрон кунанд, Ӯ дар муддати се рӯз онро барқарор хоҳад кард. Ӯ бинои маъбадро дар назар надошт, балки маъбади навро, хонаи нави Худоро, ҷои нави ҳузури Худоро дар рӯи замин — Бадани худро. Ҳақиқатан дере нагузашта, роҳбарони халқи яҳудӣ бо розигии халқ Исоро ба қатл расонданд. Ҳангоми дар рӯи салиб ҷон додани Ӯ дар маъбад пардае ки „Қудси Қудсҳо"-ро ҷудо мекард, дарид. Маъбади бо дасти одамон сохташуда нақши худро аллакай бозид. Исо ба сифати „Барраи Худо" барои гуноҳи ҳар шахс қурбонии умумӣ буд. Ва касе ки ин қурбониро аз они худ меҳисобад ва худро ба ихтиёри Писари эҳёшудаи Худо месупорад, ӯ „имон меоварад", яъне ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад ва қисми Бадани нави Ӯ, қисми Калисои умумиҷаҳонӣ мебошад.

## Фисҳ дар Ерусалим дар замони Исо

Иди Фисҳ то як андоза иди миллии Исроил буд: иди озодшавӣ ва истиқлолият. Он ёдоварӣ мекард, ки қариб 1270 сол пеш аз милод бо сарварии Мусо, фиристодаи Худо, исроилиён аз асорати мисриён баромаданд. Фиръавн бо вуҷуди нӯҳ бадбахтии бузурге ки ба Миср равона шуда буданд, халқи яҳудиро раҳо кардан намехост. Он гоҳ Мусо ӯро дар бораи бадбахтии даҳум огоҳ кард: марги ҳамаи нахустфарзандоне ки дар Миср таваллуд шудаанд. Дар баробари ин, ҳар як оилаи яҳудӣ бояд як барраи беиллатро кушта, хуни онро ба пахлӯдарӣ молида, нишона кунад, то ки фариштаи марг бар ин хона раҳм кунад. Вақте ки барои баромадан аз Миср ҳама чиз тайёр шавад, барраро бирён карда, онро бо алафҳои талх ва нони фатир (яъне бе хамиртуруш пухташуда) хӯрдан лозим буд.

Дар даврони Исо ҷашнгирии иди Фисҳ ба таври зайл мегузашт: он рӯзҳои 14–15-уми моҳи нисон сар мешуд, ки бо моҳи нави баҳорӣ фаро мерасид (бинобар ин Фисҳи масеҳӣ, ки бар иди яҳудӣ асос ёфтааст, вобаста ба тақвими қамарӣ сол аз сол тағйир меёбад). Рӯзи 14-уми моҳи нисон баъд аз нисфирӯзӣ дар ҳавлии маъбад барраҳоро ба қурбонӣ меоварданд. Коҳин бо хуни қурбонӣ косаро пур карда онро дар пояи қурбонгоҳ, ки барои сӯхтани қурбонӣ хизмат мекард, холӣ менамуд. Дар зимни он ходимони маъбад ба ҷалоли Худо таронаҳои 113–118-и Забурро мехонданд. Ҳар қавм ё гурӯҳи зиёраткунандагон пас аз ин барраи фисҳи худро бо нони фатир мехӯрданд.



*Баландии зинадор ба сӯи хона дар боғи Ҷатсамонӣ дар Ерусалим, ки тариқи он Исо ба таоми шоми охирин омад.*

## Таомхӯрии муқаддаси Аҳди Ҷадид

Исо аз Фисҳи охирини худ на танҳо таомхӯрии охиринро барпо кардан мехост, балки ба ин ид умуман моҳияти нав доданӣ буд. Дар ду лаҳзаи тантанавии махсус, вақте ки Ӯ дуо мекард, — дафъаи аввал бар нон ва дафъаи дуюм — бар косаи шароб, — Ӯ суханони ҳайратангезро талаффуз кард: „Ин нон ҷисми Ман аст, ки барои шумо шикаста мешавад"; „ин шароб хуни Ман аст, ки барои шумо рехта мешавад".

Ҳангоми ин таомхӯрӣ Исо гӯё дар ҳузури шогирдон аз марг гузаш. Пиндоштан мумкин аст, ки азобҳои сахти Ӯ аллакай сар шуда буданд: Яҳудо барои таслими Ӯ аллакай дар роҳ буд ва ҳамаи шахсоне ки дар ҳабси Ӯ, маҳкум кардан ба қатл, азобу шиканҷаи Ӯ иштирок мекарданд, аллакай ба кор тайёр буданд. Дар паси онҳо гуноҳҳои тамоми инсоният буданд, ки барои онҳо бояд ҳаёти Писари Худо қурбон мешуд. Тамоми гуноҳҳои инсониятро ба худ гирифта, Исо гӯё ки барраи ягонаи Фисҳ шуд, ки қурбонӣ кардани он ҳаёти ҳар имондорро наҷот медиҳад. Чӣ тавре ки Ишаъёи набӣ пешгӯӣ карда буд: „Ҷазои ӯ қимати осоиштагӣ дар ботини мо ва омурзиши Худост". Ҳангоми таомхӯрии Фисҳи охирин бо ёздаҳ шогирди содиқи худ Исо дар бораи ин чунин гуфт: „Касе ки бадани Маро мехӯрад ва хуни Маро менӯшад, ӯ ҷовидон зиндагӣ хоҳад кард". Ва боз илова кард: „Хуни Ман чун шаҳодати аҳди нави байни Худо ва одамон рехта мешавад".

Дар гузаштаи дур, бо ҷашнгирии иди Фисҳ дар болои кӯҳи Сино, Мусо байни Худо ва халқи яҳудӣ аҳд баст. Лекин дар давоми таърихи худ ин халқ аҳдро бо Худо зуд-зуд вайрон мекард. Исо акнун гуфт, ки хуни Ӯ аҳди навро мебандад, ки онро Худо аллакай на танҳо бо халқи баргузида, балки бо одамони дигар низ, ки тайёранд ҳаёти худро бо иродаи аз нав созанд, мебандад.

Набояд фикр кард, ки Исо хуни худро барои нарм кардани Худои хашмгиншуда рехт, то ки ҳамин тавр интиқомро пешгирӣ кунад. Худо худаш Исоро ҳамчун қурбонии кафораткунанда фиристод ва бо ҳамин муҳаббати худро ба одамон исбот кард. Дар дили Исо муҳаббат бадиро мағлуб мекунад, бар гуноҳ ғолиб меояд. Исо мехост, то ки қурбонии Ӯ шогирдон ва пайравони Ӯро бо Ӯ бипайвандад. Бинобар ин Ӯ ба онҳо гуфт: „Ин нон бадани Ман аст, ки барои шумо қурбонӣ мешавад; онро бихӯред. Ин шароб хуни Ман аст, ки барои шумо рехта мешавад, ҳама онро бинӯшед..."

Дар он айём муқаррар шуда буд, то ки ҳар як шахси яҳудӣ пораеро аз гӯшти баррачае ки барои қурбонӣ ба Худо ба маъбад оварда мешуд, бихӯрад. Қурбонии оварда ӯро бо Худо наздик мекард, мепайваст. Таомхӯрии Худованд (Шоми Худованд) ин одатро комилан табиӣ пайравӣ мекард ва дар ягон бобат онро вайрон накарда, ҳамзамон ба он маънои амиқ медод. Зеро марги Исо, ба ҳаёти ҷовидонӣ дар мувофиқат бо Худо роҳ кушод. Дар охир Исо ба шогирдонаш фармуд: „Ба хотири Ман ҳамин тавр кунед!", яъне: „Таоми шоми охиринро бо нон ва шароб қайд кунед, то ки азобҳо ва марги Маро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед".

Агар Ӯ ба шогирдон тамоман аниқ чунин рафторро намефармуд, онҳо худашон ҳеҷ гоҳ ҷуръат намекарданд дар шикастани нон ва аз як кас ва каси дигар додани косаи шароб ба Ӯ тақлид кунанд. Бинобар ин, то анҷоми тамоми замонҳо ҳамаи пайравони Худованди мо Исои Масеҳ бояд дар ин хӯрокхӯрии идона иштирок кунанд. Дар хӯрокхӯрии Худовандӣ иштирок карда, шахси имондор бо Исои Масеҳ аз ду ҷиҳат мушоракат мекунад: аз як ҷиҳат — бо Наҷотдиҳандаи худ, ки ӯро аз ҳаёти пештараи пургуноҳ халос кардааст, чунки қурбоние ки аз ҷониби Наҷотдиҳанда оварда шуд, дар давоми умри ҳар шахси масеҳӣ гарави абадии омурзиши ҳар як рафтори ношоями ӯ хоҳад буд; аз ҷиҳати дигар — бо Худованди худ, ки иродаи дар Навиштаи Муқаддас ифодаёфтаи Ӯро шахси имондор барои худ роҳнамои ҳатмӣ меҳисобад ва дар баробари ин медонад, ки дар ҳамон ҷо Худованд ба ӯ ёрӣ додан ва дар тамоми даврҳо то охири дунё бо ӯ буданро ваъда додааст.
















**Маркӯс 14:26–72.** Пас аз ин онҳо аз шаҳр берун омаданд ва ба кӯҳи Зайтун баромаданд. Дар роҳ Исо ба шогирдон гуфт: „Ба зудӣ шумо рафторҳои Маро дигар нахоҳед фаҳмид ва аз Ман шубҳа хоҳед кард. Ҳанӯз пайғамбарон гуфта буданд: «Рама чӯпонро гум мекунад ва гӯсфандон пароканда хоҳанд шуд». Пас аз эҳё шуданам Ман ба Ҷалил меравам ва дар он ҷо боз ҳамдигарро мебинем". Он гоҳ Петрус Ӯро бовар кунонд: „Ҳатто агар ҳама Туро рад кунанд ҳам, ман ба Ту содиқ мемонам!" „Петрус, — ҷавоб дод ба ӯ Исо, — як чизро ба ту гуфта метавонам: имшаб пеш аз он ки хурӯс ду бор чеғ занад, ту се бор Маро инкор хоҳӣ кард". „Чунин ҳаргиз нахоҳад шуд! — эътироз кард Петрус. — Ҳатто агар ҳамроҳи Ту мурданам лозим ояд, Туро рад намекунам". Шогирдони дигар низ ба Ӯ ҳамроҳ шуданд.

Исо бо шогирдонаш ба боғи Ҷатсамонӣ омад. Дар он ҷо гурӯҳи асосии шогирдонро монда, ба онҳо гуфт: „То вақте ки Ман дуо мекунам, Маро дар ин ҷо интизор бошед",

Исо се шогирдро бо Худ бурд...














Исо ба назди шогирдон бо умеди дастгирӣ мебиёяд, вале...




ва Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро ҳамроҳи худ гирифта, дур шуд. Андӯҳ ва даҳшат Исоро фаро гирифтанд. „Ман дар зери бори гароне ки ба Ман гузошта шудааст, қариб ба хок яксон шавам, — гуфт Ӯ. — Дар ин ҷо бимонед ва бедор бошед".

Исо якчанд қадам дуртар рафт ва ба зону нишаста, дуо кард: „Эй Падарам, агар мумкин бошад, Маро аз ин азобҳо халос кун. Ту ба ҳама чиз қодир ҳастӣ. Лекин бигзор на мувофиқи хоҳиши Ман, балки чизе ки Ту мехоҳӣ, ҳамон шавад".

Сипас Ӯ назди се шогирди худ баргашт ва онҳоро хуфта ёфт. Ӯ Петрусро бедор кард: „Эй Петрус, ту хуфтаӣ? Оё ту наметавонӣ ақаллан як соат ҳамроҳи Ман бедор бошӣ? Бедор бошед ва дуо гӯед, вагарна шумо ба душвории рӯҳои наздик тоб нахоҳед овард. Ман медонам, шумо ҳарчи беҳтарро мехоҳед, вале бо қувваи худ шумо ба ин ноил намешавед".







Дар ин вақт дар назди дарвозаи боғ...











Ӯ боз онҳоро танҳо гузошт ва аз Худо мадад талаб карда, ҳамон дуоро такрор кард. Вақте ки Ӯ баргашт, шогирдон боз хуфта буданд. Исо хитоб кард: „Бедор шавед! Дафъаи дигар аз хоб сер мешавед! Акнун Писари Одамро ба дасти гуноҳкорон медиҳанд. Бархезед, меравем: инак таслимкунандаи Ман наздик омад".

Ва ҳанӯз Исо суханашро тамом накарда, Яҳудо бо одамони зиёд пайдо шуд, ки шамшерҳо ва калтакҳо дар даст доштанд. Онҳоро саркоҳинон, китобдонон ва пирони яҳудӣ ба ин ҷо фиристода буданд. Яҳудо қаблан бо онҳо маслиҳат карда буд: „Шахсеро, ки ман мебӯсам, ҳамонро дастгир кардан лозим аст". Ӯ ба Исо наздик шуда гуфт: „Салом, эй Устод!" Сипас ӯ Исоро бӯсид. Худи ҳамон дам сарбозон ба Исо ҳамла оварда, Ӯро дастгир карданд.

Баъди чанд лаҳзаи саросемагӣ шогирдони Исо ба худ мебиёянд...















Яке аз одамон, ки дар назди онҳо истода буд, мехост ба ин муқобилият кунад. Ӯ шамшери худро кашида, гӯши яке аз ғуломони саркоҳинро бурида партофт. Исо ба сарбозон гуфт: „Оё ман роҳзани хавфнок ҳастам, ки шумо калтакҳо ва шамшерҳо гирифта, барои ҳабси ман омадаед? Ман ҳар рӯз дар маъбад ошкоро мавъиза мекардам. Чаро шумо Маро дар он ҷо дастгир накардед? Лекин чизе ки ҳоло ба амал меояд, иҷро шудани пешгӯиҳо мебошад". Шогирдон аз ин воқеа ба ҳарос омаданд ва Исоро монда гурехтанд.

Исо имкон медиҳад, ки Ӯро ҳабс кунанд. Инро дида шогирдонаш Ӯро тарк мекунанд ва мегурезанд.




Гурӯҳи сарбозон Исоро аз кӯҳи Зайтун ба Ерусалим мебаранд...
Ӯро ба куҷо бурда истодаанд?
Ман ноаён аз паси онҳо меравам...
Ба ҳавлӣ медароям ва аниқ мекунам, ки онҳо бо Ӯ чӣ кор карданианд...
Онҳо Ӯро ба хонаи саркоҳин burданд...
Худи ҳамон дам Исоро назди саркоҳин оварданд, ки дар ин вақт роҳбар буд. Ҳамаи саркоҳинон, китобдонон ва пирони яҳудӣ назди ӯ ҷамъ меомаданд.
Петрус дар масофаи бехатар аз пайи посбонон равон шуд. Ӯ ба ҳавлии хонаи саркоҳини калон даромада, ба сарбозоне ки назди оташ худро гарм мекарданд, ҳамроҳ шуд.
















Дар ин вақт дар хонаи саркоҳин...












Дар айни замон саркоҳинон ва аъзоёни дигари палатаи судӣ мехостанд бо ёрии шоҳидони дурӯғгӯй Исоро дар ҷиноятҳои вазнин гунаҳкор карда, Ӯро ба қатл маҳкум кунанд. Лекин ин ягон натиҷа надод. Шоҳидоне ки ба муқобили Исо тасдиқҳои бардурӯғ медоданд, бисёр буданд, лекин гуфтаҳои ҳамаи онҳо бо ҳамдигар мувофиқ набуданд. Ниҳоят баъзе аз онҳо гуфтанд: „Мо шунидем, ки ҳамин Исо мегуфт: «Ман ин маъбади бо дасти одам сохташударо вайрон кардан мехоҳам ва дар се рӯз дигареро зеботар бино мекунам»“. Лекин ин тасдиқҳо ҳам чунон мухолиф буданд, ки саркоҳинон онҳоро истифода карда наметавонистанд.






Он гоҳ саркоҳини калон ба мобайн баромад ва Исоро пурсид: „Ту ба ин чӣ мегӯӣ? Ту ҳамин тавр гуфтаӣ ё не?“ Вале Исо хомӯш буд. Он гоҳ саркоҳин боз Ӯро пурсид: „Оё рост аст, ки Ту Масеҳ — Писари Худо ҳастӣ?“ — „Бале, — ҷавоб дод Исо, — ин рост аст. Шумо Писари Одамро хоҳед дид, ки дар тарафи рости Худо нишастааст ва бар абрҳои осмон бармегардад“.

Он гоҳ саркоҳин ба ғазаб омад ва ҷомаи худро даронда, фарёд зад: „Ҳаминаш басанда аст! Ба мо дигар шоҳидон лозим нестанд. Шумо ҳам куфр гуфтани Ӯро шунидед. Ҳукми шумо чӣ гуна хоҳад буд?“




Ин вақт назди гулхан дар ҳавлӣ...







Ва онҳо бо як овоз қарор доданд: „Ӯ бояд ба қатл маҳкум карда шавад“...

Дар ин вақт Петрус дар рӯи ҳавлӣ дар назди оташ менишаст. Дар ин ҷо яке аз канизони саркоҳин ӯро дид. „Ту низ ҳамроҳи Исои Носирӣ будӣ“, — гуфт вай. Петрус ба ҳарос афтода, ҷавоб дод: „Ман намедонам ту дар бораи чӣ мегӯӣ“, ва зуд ба қисми пеши ҳавлӣ рафт. Ва ҳамон дам хурӯс бонг зад. Вале дар ин ҷо ҳам хизматгорзан ӯро дид ва ба ҳама муроҷиат карда, бо овози баланд гуфт: „Ин яке аз одамони Исо аст!“ Петрус ин дафъа низ қатъиян рад кард. Лекин баъди чанд муддат атрофиёни ӯ ҳам мегуфтанд: „Албатта, ту яке аз дӯстони Ӯ ҳастӣ; зеро ту ҳам аз Ҷалил ҳастӣ“. Он гоҳ Петрус ба савганду қасам хӯрдан оғоз кард: „Ман дар бораи одаме ки шумо мегӯед, ягон чиз намедонам!“ Ва ҳамон дам хурӯс бори дуюм ҷеғ зад. Дар ин лаҳза Петрус суханони Исоро ба ёд овард: „Пеш аз он ки хурӯс ду бор бонг занад, ту се бор Маро инкор хоҳӣ кард“. Ва ӯ гиря кард.












**Матто 27:3-5.** Вақте Яҳудои хиёнаткор фаҳмид, ки Исо ба марг маҳкум шудааст, ӯ аз кардааш хеле пушаймон шуд ва пулро ба саркоҳинон ва пирон бурда дод. „Ман шахси бегуноҳро таслим кардам ва хеле гунаҳкорам“, — гуфт вай. „Моро ба ин чӣ кор? — ба ӯ ҷавоб доданд онҳо. — Ин кори худат!“ Он гоҳ Яҳудо пулро гирифта дар маъбад партофт ва рафта, худро ба дор кашид.







**Юҳанно 18:28–19:16.** Субҳи барвақт Исоро аз назди Қаёфо ба қасри ҳокими румӣ оварданд. Яҳудиён худашон ба ин бино надаромаданд, зеро мувофиқи дастури диниашон аз ин нопок мешуданд ва аз имкони ҷашнгирии иди Фисҳ маҳрум мешуданд. Бинобар ин, Пилотус назди онҳо баромада, пурсид: „Шумо ин одамро дар чӣ айбдор мекунед? Ӯ чӣ кор кардааст?" „Агар ӯ ҷинояткор намебуд, мо Ӯро назди ту намеовардем", — ҷавоб доданд онҳо. „Пас Ӯро бигиред ва мувофиқи шариати худ доварӣ кунед" — эътироз кард Пилотус. „Вале мо ҳаққи куштан надорем", — ҷавоб доданд онҳо ба ӯ. Ҳамин тавр амалӣ шудани суханони Исо дар бораи чӣ тавр мурдани Ӯ сар шуд. Пилотус ба иморат баргашт ва фармуд, ки Исоро наздаш оваранд. „Ту подшоҳи Яҳудо ҳастӣ?" — пурсид ӯ Исоро. „Инро ту чун ҳокими румӣ донистан мехоҳӣ ё яҳудиён инро фаҳмидан мехоҳанд?" — ҷавоб дод Исо. „Оё ман яҳудӣ ҳастам? — пурсид Пилотус. — Пирон ва саркоҳинони халқи худат Туро ба ин ҷо оварданд, то ки ман Туро доварӣ кунам. Инак, Ту чӣ кор кардаӣ?" Исо ҷавоб дод: „Подшоҳии маро бо ҳеҷ кадом подшоҳии ин ҷаҳон баробар кардан мумкин нест. Агар Ман подшоҳи заминӣ мебудам, одамони Ман Маро аз душманон ҳимоя мекарданд. Лекин подшоҳии Ман тамоман дигар аст". Он гоҳ Пилотус Ӯро пурсид: „Пас Ту подшоҳ ҳастӣ?"


Пас, Ту ба ҳар ҳол подшоҳ ҳастӣ?
Бале, Ман Шоҳ ҳастам!
Ман ба ин ҷаҳон омадам, то ки дар бораи ҳақиқат шаҳодат диҳам. Касе ки ҳақиқатро фаҳмидан мехоҳад, ба Ман гӯш медиҳад!
Ҳақиқатро? Кӣ медонад, ки ҳақиқат чист?
Маълум, ки Ӯ иғвогар нест. Яқинан мутаассиб ё хаёлпараст... Вале фарисиён чизе зидди Ӯ доранд. Аниқ кардан даркор, ки чӣ... Ман иҷозат намедиҳам, ки маро фиреб диҳанд!
Ӯро ба қаровулхона баред!
Ӯй, нигоҳ кун, ана шоҳ омад!
Шоҳ?
Наздиктар, тақсирам! Мо мехоҳем дилхушӣ кунем!







Исо ҷавоб дод: „Ту ҳақ ҳастӣ, Ман подшоҳ ҳастам. Ман ба ин ҷаҳон омадаам, то ки дар бораи ҳақиқат шаҳодат бидиҳам. Ҳар кас ҳақиқатро гӯш кардан бихоҳад — ӯ Маро гӯш мекунад". — „Ҳақиқат? Ин чист?" — пурсид Пилотус.

Сипас ӯ назди яҳудиён баромад ва гуфт: „Ба фикри ман, ин одам беайб аст. Ман акнун ният дорам, ки мувофиқи одат ба муносибати иди Фисҳ як зиндониро озод кунам. Агар шумо хоҳед, ман ин «подшоҳи яҳудиён"-ро озод мекунам»". Вале яҳудиён бо овози баланд фарёд мезаданд: „Не, ӯро не! Бараббосро озод кун!" Бараббос бошад як роҳзан буд (намояндагони ҳизби ғаюриёнро чунин меномиданд, ки ба муқобили румиён терроро ба кор мебурданд). Он гоҳ Пилотус фармуд, ки Исоро бурда тозиёна зананд. Сарбозон тоҷе аз хор бофта, онро ба сари Ӯ ниҳоданд (тоҷи аз шохаҳо бофташуда, ки аз хорҳо пур аст). Онҳо ба китфи Ӯ ҷомаи арғувон партофтанд ва дар назди Ӯ истода, бар рӯи Ӯ мезаданд ва Ӯро таҳқир карда, фарёд мезаданд: „Салом, эй подшоҳи яҳудиён!"


Шанбеи бузург — иди муқаддаси Фисҳ фаро мерасад...
Ҳавлии қаср аз одамоне ки баромади туро интизоранд, пур шудааст...
...Онҳо мехоҳанд, ки ту як маҳкумшударо бо интихоби онҳо озод кунӣ!
Ман медонам ва ин ҳуқуқро истифода мебарам!
Маслиҳат ҳамин... Озод кардани Бараббосро хоҳиш мекунем!
Розӣ ҳастед, Бараббосро!
Иғвогари ҳақиқӣ, ҳатто ба куштор тайёр аст, то ки аз румиён қасос гирад!
Шаҳрвандони Ерусалим! Умедворам, ки иди бузурги шумо бо осоиштагӣ мегузарад, ва меҳмонон аз Рум ва мамлакатҳои дигар бо дилхушӣ қабул карда мешаванд...
Барои мо, ғаюриён (ошӯбгарон), ин Бараббос хеле даркорӣ аст.


Ба ёдатон мерасонам, ки қушуни Рум дар қалъаи Антоний мебошад. Он ҳодисаҳоро назорат мекунад ва тайёр аст ҳар бетартибиро қатъ кунад!
Ва аз рӯи маросими иди Фисҳ, бо интихоби шумо, яке аз маҳкумшудагонро озод мекунам!
Ҳар ду хуб машҳуранд: Исо ва Бараббос... Кадоми онҳоро озод кунам?
Бараббосро озод кун!
Аҳсан ба Бараббос!
Озодӣ ба Бараббос!
Оё ман хато кардам? Вай Исои Носириро ёдовар шуд. Магар Ӯ ҳабс шудааст?
Кай? Барои чӣ?
Дар ин ҷо фақат ғаюриён ва бегонагон ҷамъ омадаанд! Афсӯс!
Онҳо ҳеҷ чизро намедонанд! Вагарна Исоро тарафдорӣ мекарданд!
Чӣ хел халқи аҷоиб! Ғоратгарро аз шахси бегуноҳ афзал меҳисобанд!
Вале ман фикр кардам, ки бар фарисиён механдам...


Хомӯш! Ҳозир онҳоро назди шумо мебиёранд ва шумо интихоб мекунед!
Посбон! Исо ва Бараббосро биёред!
Нигоҳ кунед! Ана одам!
Исоро не! Бараббосро! Бараббосро меҳоҳем!
Бараббосро барои мо озод кун!
Мехкӯб кун! Исоро мехкӯб кун! Марг ба Ӯ!
Ҳамин тавр, Бараббосро талаб кунед! Ба халқи худ хизмат кунед!
Исо халқро фиреб мекунад! Ӯ сазовори марг аст!
Бараб-босро!
Бараб-босро!
Магар шарм намекунед, ки марги Исоро талаб доред?...
Пайғамбареро, ки беморон, кӯронро шифо медод? Ба камбағалон ва бечорагон умед мебахшид?




Пилотус боз назди яҳудиён баромад ва гуфт: „Ман мехоҳам бори дигар Ӯро ба шумо нишон диҳам, то бидонед, ки ман Ӯро айбдор ҳисоб намекунам“. Исоро боз ба ҳавлӣ баровարданд. Ӯ тоҷе аз хор дар сар ва ҷомаи арғувон дар бар дошт. Пилотус ба издиҳом муроҷиат кард: „Ба Ӯ нигоҳ кунед, инак он одам!“ Лекин чун саркоҳинон ва арбобон Исоро диданд, фарёд зада гуфтанд: „Ба салиб каш! Ба салиб каш Ӯро!“ „Пас худатон Ӯро бигиред ва таслиб кунед, ман бошам Ӯро айбдор ҳисоб намекунам“ — ҷавоб дод Пилотус. „Мувофиқи қонуни мо Ӯ бояд бимирад, зеро Ӯ худро Писари Худо мепиндорад“, — мегуфтанд арбобон. Пилотус инро шунида ба ҳарос афтод. Ӯ фармуд, ки Исоро боз ба даруни бино баранд ва Ӯро пурсид: „Ту аслан кистӣ?“ Исо хомӯш буд. „Ту бо ман гап задан намехоҳӣ? — таҳдидомез пурсид Пилотус. — Оё ту фаромӯш кардӣ, ки ман ҳам қудрати маслуб кардани Ту ва ҳам озод кардани Туро дорам?“ Акнун Исо ба ӯ ҷавоб дод: „Агар Худо ба ту қудрат бар Ман намедод, ту нотавон мебудӣ. Бинобар ин, гуноҳи одамоне ки Маро таслим карданд, аз гуноҳи ту бештар аст“.








Он гоҳ Пилотус боз як бори дигар кӯшиш кард, ки Исоро озод кунад. Лекин ҷамъомадагон фарёд мезаданд. „Агар ту Ӯро озод кунӣ, қайсар аз ту норозӣ хоҳад буд, зеро касе ки даъвои подшоҳӣ кунад, ба қайсар муқобил аст!“ Вақте ки Пилотус инро шунид, овардани Исоро фармуд. Ӯ худаш дар курсии доварӣ нишаст. Соат қариби нӯҳи субҳ буд ва шоми он рӯз иди Фисҳ фаро мерасид ва ҳама бо омодагии ид машғул буданд. Пилотус ба арбобон ва саркоҳинон гуфт: „Инак подшоҳи шумо!“ „Ӯро нест кун! — фарёд мезаданд онҳо, — маслуб кун!“ „Оё ман дар ҳақиқат ба салиб кашидани подшоҳи шуморо фармон диҳам?“ — пурсид Пилотус бори дигар. „Мо ғайр аз қайсар дигар подшоҳ надорем!“ — фарёд заданд саркоҳинон. Ва ниҳоят Пилотус ба салиб кашидани Исоро фармон дод.


Ана ба шумо ба ҷои Бараббос!
Хавотир нашав, мо барои Ӯ ғамхорӣ мекунем!
Ӯ Худро шоҳ меномад? Канӣ Ӯро ҳамчун шоҳ эҳтиром кунед!
Дар он рӯз бояд се одам кушта мешуданд. Аз рӯи одат ҳар як роҳзанро бояд тозиёна (қамчим) мезаданд...
Ана ба ту, шоҳи яҳудиён! Фикр мекунам, ки барояш басанда аст!
Акнун ӯ бояд чӯби уфуқии салибро бардошта барад. Дар гарданаш тахтачае бо қарори суд овезон аст.


Роҳпаймоии ғамангез...
Пароканда шавед! Роҳ диҳед!
Ин кист?
Ба Исои Носирӣ, ба пайғамбар монанд аст...


Ана одаме ки фақат некӣ мекард, беморонро шифо медод ва камбағалонро ҳимоя мекард. Оҳ чӣ хел беадолатии даҳшатнок!
Фарисиён Ӯро бад медиданд, чунки Ӯ онҳоро дар дурӯягӣ мазаммат мекард.
Вой бар ҳоли онҳо! Онҳо аз барои нафрат Ӯро ба румиён фурӯхтанд!
Яке аз онҳо афтид!
Бисёр беқувват аст, ки салибро барад. Хуни Ӯ бисёр рехтааст...
Эй ту, қишлоқӣ! Ту салиби ин ҷинояткорро ба Ҷолҷолто мебарӣ!
Ман? Вале ман аз ин ҷо нестам, аз Қайравон ҳастам. Ман одами дурусткор ҳастам, на ғулом!
Муқобилат накун. Онҳо туро маҷбур мекунанд, пушаймон мешавӣ. Ва Ҷолҷолто ҳам аз ин ҷо дур нест!
Ман онро мебарам! Хез!
Ба Ӯ ёрдам кун.
Ӯ айбдор нест. Ин Исои Носирӣ, пайғамбар аст!












**Луқо 23:26–49.** Дар роҳ ба сӯи макони қатл посбонон деҳқонеро, ки аз саҳро меомад, бо худ гирифтанд ва салибро бар ӯ гузошта маҷбур карданд, ки онро бардошта аз паси Исо барад. Мардуми зиёд аз паси онҳо мерафтанд: дар байни онҳо бисёр занон буданд, ки барои Исо гиря ва навҳа мекарданд. „Барои Ман гиря накунед, — гуфт Исо. — Барои худ ва фарзандонатон гиря кунед. Замоне фаро мерасад, ки хоҳанд гуфт: «Хушо заноне ки фарзандон надоранд“. Ва одамон хоҳиш мекунанд, то ки кӯҳҳо бар онҳо резанд ва теппаҳо онҳоро бипӯшанд ва азобҳои онҳоро қатъ кунанд (Ӯ инро дар бораи муҳосираи оянда ва харобшавии Ерусалим гуфт). Агар шахси бегуноҳ чунин азоб бинад, пас гуноҳкоронро чӣ дар пеш аст?»“

Исоро дар ҷои косахонаи сар ба салиб кашиданд. Дар болои салиб лавҳачаеро мехкӯб карданд, ки дар он чунин навишта шуда буд: „Ин аст подшоҳи яҳудиён“.


Ба Ҷолҷолто расида,
либосҳои Исоро дағалона
аз Ӯ кашида мегиранд...
Ҳамаи либосҳояшро
кашида гир. Дар он ҷо мо
онро тақсим мекунем!
Ҳамроҳи
Исо ба
ҷои қатл боз
ду ҷинояткорро
оварданд ва
онҳоро аз тарафи рост
ва чапи Ӯ маслуб карданд.
Исо дар дуо хоҳиш кард:
„Эй Падар, азобдиҳандагони
Маро бубахш, онҳо намедонанд
чӣ кор мекунанд!“
















Дар зери салиб сарбозон либосҳои Ӯро тақсим карданд. Тӯдаи ҳангоматалабон дар наздикӣ меистоданд. Роҳбарони яҳудӣ Исоро масхара карда, мегуфтанд: „Ӯ дигаронро наҷот медод! Агар Ӯ ҳақиқатан Наҷотдиҳандаи баргузидаи Худо бошад, пас бигзор худро акнун наҷот диҳад!" Сарбозон истеҳзо карда, сиркоро бардошта ба Ӯ наздик мекарданд, то ки Ӯ тавонад ташнагиашро бишканад ва мегуфтанд: „Агар Ту подшоҳи яҳудён бошӣ, пас акнун худатро наҷот деҳ!" Ҳатто яке аз ҷинояткороне ки ҳамроҳи Ӯ маслуб шуда буд, тамасхур карда мегуфт: „Охир, Ту Масеҳ, баргузидаи Худо ҳастӣ! Пас инро исбот кун! Ҳам худ ва ҳам моро наҷот деҳ!" Дигаре аз ҷинояткорони маслубшуда кӯшиш мекард ӯро ором кунад. „Ақаллан акнун пеш аз марг аз Худо битарс! Мо ба ҷазои худ сазовор ҳастем, Ӯ бошад ягон кори бад накардааст, Ӯ бегуноҳ аст". Ва ба Исо муроҷиат карда, гуфт:
















„Худовандо, вақте ки ба Малакути худ бирасӣ, маро ба ёд овар!“ Исо ба ӯ ҷавоб дод: „Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки имрӯз ҳамроҳи Ман дар биҳишт хоҳӣ буд“.

Нисфирӯзӣ якбора торик шуд. Дар муддати се соат ҳама ҷоро торикӣ фаро гирифта буд. Пардаи маъбад аз боло ба поён якбора ду пора шуд... Исо бо овози баланд нидо кард: „Эй Падар, рӯҳи худро ба дасти Ту месупорам!“... ва ҷон дод.

Афсари румӣ, ки ба ҷо овардани қатлро мушоҳида мекард, бо ҳаяҷон гуфт: „Ин одам ҳақиқатан бегуноҳ буд!“ Шахсоне ки барои тамошои манзараи қатл омада буданд, маъюсона ба шаҳр бармегаштанд.









Одамоне ки Исоро мешинохтанд ва дар байни онҳо заноне ки аз Ҷалил Ӯро пайравӣ мекарданд, аз дур истода инро тамошо мекарданд.

**Юҳанно 19:25–42.** Дар назди салибе ки Исо дар рӯи он маслуб шуда буд, модари вай ва шогирдаш Юҳанно истода буданд. Пеш аз маргаш Исо ба модараш муроҷиат карда гуфт: „Акнун ӯ писари ту хоҳад буд" ва ба шогирдаш гуфт: „Ин модари ту". Ва аз он лаҳза Юҳанно вайро ба хонаи худ гирифта бурд... Ҳамаи ҳодиса як рӯз пеш аз иди Фисҳ ба амал омад. То ки дар рӯзи ид ҷасади қатлшудагон дар рӯи салибҳо намонад, пирони яҳудӣ аз Пилотус иҷозат пурсиданд, то пойҳои қатлшудагонро бишкананд ва бо ҳамин марги онҳоро тезонда, аз салиб поён фуроваранд.

Пилотус сарбозонро фиристод ва онҳо пойҳои ҳар ду роҳзанро, ки ҳамроҳи Исо маслуб шуда буданд, шикастанд. Вақте ки онҳо ба Исо наздик шуданд, диданд, ки Ӯ аллакай мурдааст. Бинобар ин, сарбозон пойҳои Ӯро нашикастанд, вале яке аз онҳо паҳлӯи Ӯро бо найза зада сӯрох кард ва аз он хун ва об ҷорӣ шуд. Муаллиф ин ҳодисаро бо чашми худаш дидааст, бинобар ин навиштаи мазкур тамоман аниқ аст. Сарбозон худашон надониста, мувофиқи Навиштаҳо амал карданд, ки дар он гуфта шудааст: „Ҳеҷ як устухони Ӯ шикаста нахоҳад шуд" ва „Онҳо ба он касе ки найза заданд, назар хоҳанд дӯхт".




Ин аллакай мурдааст!
Бо найза паҳлӯи Ӯро сӯрох кун, барои дилпурӣ!
Аз дили Ӯ об ва хун мечакад...
Дар ин ҳангом...
Юсуфи Ҳаромотӣ, ман қувват надорам...
Бишитоб, Никӯдимус, бегоҳ шуд...
Исо чун ҷинояткор мурд. Ман бошам бовар кардам, ки Ӯ Масеҳ аст.
Пилотус ба ман иҷозат дод, ки ҷасади Исоро гирам ва Ӯро дафн кунам...
Дар наздикии ин ҷой боғи ман аст ва дар он ҷо қабри нав ҳаст. Ман қарор додам Исоро дар он ҷо дафн кунам...
Ман доруро аз алафҳои хушбӯ тайёр кардам.
Юсуф бошад барои дафнкунӣ матои катонӣ мебиёрад...
Тезтар, ҳанӯз, ки карнай дар бораи саршавии шанбеи Фисҳ хабар надодааст.
Баъди ин дафн кардани Ӯ бароямон манъ аст.
Дере нагузашта Юсуф аз Ҳаромот, ки яке аз тарафдорони Исо буд ва аз тарси роҳбарони яҳудӣ ба Ӯ имон доштани худро пинҳон мекард, барои аз рӯи салиб гирифтани ҷасади Исо аз Пилотус иҷозат гирифт. Ба ӯ Никӯдимус ҳамроҳ шуд, ки боре шабона ба назди Исо омада буд; акнун ӯ қариб сад қадоқ марҳамҳои хушбӯй оварда буд. Онҳо ҷасади Исоро мувофиқи урфу одати яҳудиён бо матои дар атриёт таркарда парпеч карданд.













Дар наздикии ҷои қатл боғе воқеъ буд, ки дар даруни он дар танаи кӯҳ мақбарае канда шуда буд, ки пештар онро ягон кас истифода накарда буд. Бо сабаби фарорасии иди Фисҳ шитоб кардан лозим буд ва онҳо Исоро дар он ҷо дафн карданд.

Дар охир санги вазнин дар даромадгоҳи қабр монда шуд...



# Муборизаи сахти ботинии Исо дар боғи Ҷатсамонӣ

Исо одами ҳақиқӣ буд, вале ҳамзамон Писари Худо низ буд. Ҳолатҳои вазнинро Ӯ ҳамчун ҳар як одами дигар аз сар мегузаронд. Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ фақат нақши ба Ӯ додашударо намебозид. Ҳодисае ки дар боғ ба амал омад, воқеаи таърихӣ мебошад. Ҳеҷ кас ба Исо тарси бениҳоятро мансуб намедонист; се шоҳиди боэътимод дар бораи воқеъшуда ба мо маълумот медиҳанд.

Муборизаи Исо дар замири қалби Ӯ ба амал меояд. Ин муборизаи шадид аст, ки ҳангоми он тамоми бадани Ӯ бо арақ пур мешавад ва он мисли хун ба замин мечакад. Писари Худо ба сирру асрори бадӣ муқобилият мекунад ва Ӯ бадиро бо тамоми амиқии бениҳояташ чунон мебинад, ки ба мо ҳеҷ гоҳ ҳамин тавр дидан муяссар намешавад. Таърихи олам бо тамоми гуноҳҳо, ҷиноятҳо, ҷангҳо ва азобҳои он дар пеши назари Ӯ мегузарад.

Мувофиқи Инҷили Матто, Исо дар дуо ба Худо, Падари Худ муроҷиат карда Ӯро „Аббо„ меномад. Ин сухани латиф (ба забони арамӣ) монанди „Дада" аст, ки ҳангоми нидо кӯдакон онҳоро истифода мебаранд. Ҳеҷ гоҳ ягон шахси яҳудии дигар ҷуръат намекард, ки ба Худо чунин муроҷиат кунад.

Лекин Исоро бо Падари осмонии Ӯ муносибатҳои бемонанд пайваст мекунанд.

Инҷили Луқо ба мо дар бораи фариштаи Худо, ки ба Исо қувват мебахшад, маълумот медиҳад. Бо ҳамин офарандаи Китоби Муқаддас — Рӯҳи Худо — ба хонанда нишон медиҳад, ки Худо дар ин соатҳои озмоишҳои вазнин ҳам ба Писараш ёрӣ медод (Луқо 22:43).

# Петрус Исоро инкор мекунад

Воқеаи мавриди назар дар ҳар чор Инҷил махсусан муфассал тасвир ёфтааст ва ин исботи ҳақиқати ривоятҳои аз ҷамоати аввалин ба мо расида, ҳақиқати бешубҳаи Инҷил мебошад, ки дар бораи онҳо ба мо нақл мекунад. Вагарна ин воқеа, ки ба ҳавворихи пешрав ягон обрӯ намеовард, аз мо пинҳон мебуд. Мо бошем дар бораи ҳодисаи воқеъшуда бо тамоми тафсилоташ медонем. Петрус худаш дар бораи воқеаи бо ӯ рӯйдода ба мо нақл мекунад. Аз ҳамин мисол мо метавонем ёд гирем, ки ба худ бисёр умед доштан лозим нест. Зеро мо ҳам метавонем Исоро рад кунем... вақте ки хоҳишҳои шахсии мо бо иродаи Худо мувофиқат намекунанд.

Петрус барои гуноҳи худаш хеле пушаймон шуд ва Исо на танҳо ӯро тамоман афв кард, балки вазифаи хусусан муҳимро супурд — шубони Калисои нав бошад, ки Исо онро бунёд кардааст.

# Исо дар назди Шӯрои Олӣ

Шӯрои Олӣ мақоми олии қонунбарор ва суди яҳудиён буд. Он аз 71 аъзо иборат буд. Онро саркоҳин, ки дар ҳамин вақт „дар сари ҳокимият" буд, сарварӣ мекард. Қонунбарории онвақтаи яҳудиён дар таърихи ҷаҳон вазифаи динии онҳоро инъикос мекард. Бинобар ин, ҷиноят ба муқобили асосҳои дин аз тарафи Шӯрои Олӣ бисёр вазнин ҳисобида мешуд ва одатан бо ҳукми қатл ҷазо дода мешуд.

Гарчанде ки мамлакат аз тарафи қушунҳои румӣ ишғол шуда буд, ҳамаи корҳои дохилиро, бо розигии ҳокими қайсар, Шӯрои Олӣ идора мекард. Ҳокими румӣ танҳо ҳуқуқи баровардани қарори қатъиро дар корҳое ки бо ҳукми қатл алоқаманд буданд, нигоҳ медошт. Ба ҷо овардани чунин ҳукм кори румиён буд.

Исо барои он маҳкум шуда буд, ки Ӯ худро Писари Худо номида буд. Он гоҳ ягон довари Шӯрои Олӣ дар Исо ба он маъное ки акнун мо масеҳиён, Худои воҳиди сегонаро медонем: Падар, Писар ва Рӯҳулқудс (Матто 28:19), Писари Худоро дида наметавонист. Ҳатто худи ҳавворхиён ҳам кӣ будани Исоро танҳо баъди эҳё шудани Ӯ фаҳмиданд. Бинобар ин, гумон доштан хато мебуд, ки роҳбарони яҳудӣ Исоро ба марг маҳкум карда, „худоро куштан" мехостанд. Дар суд Исо худро бо номи барои аъзоёни Шӯрои Олӣ фаҳмо муаррифӣ кард — Ӯ худро Писари Одам номид. Он вақт пешгӯии паййғамбар Дониёл ба ҳамагон хуб маълум буд. Дар он Дониёл гуфтааст, ки бо омадани Масеҳ халқи баргузидаро на ҳукмфармоёни хунхор ва мансабпараст, балки Писари одам идора мекунад, ки Ӯ одами ҳақиқист, чуноне ки Худо дар вақти офариниш ӯро ба нақша гирифта буд. Дониёли набӣ зикр кардааст, ки ӯ писари одамро дидааст, ки бар рӯи абрҳо назди Худо меравад.

Ба доварон маълум буд, ки Исо дар бораи худ на танҳо чун дар бораи фиристодаи Худо мегӯяд — то омадани Ӯ инро дигарон ҳам мекарданд — вале Ӯ ба асли илоҳӣ ва аҳамияти Худ ишора мекунад. Ин дар назари онҳо куфри бениҳоят ва пас ҷинояти вазнин буд. Бо қалбҳои барои некӣ басташуда, пур аз ғурур ва риёкорӣ, ин роҳбарони динӣ асосан аз худи аввал ба ҳамаи далелҳои овардаи Исо нигоҳ накарда, ба асли илоҳии ӯ бовар кардан намехостанд.

Саркоҳин Қаёфо қаҳру ғазаби ҳамагонро ифода карда, бо хашм „либоси худро даронд". Ин аксуламали одатии он давра ба куфр буд. Китфпӯшакҳое ки мардон дар тан доштанд, дарзи суст басташуда доштанд, ки махсус барои чунин ҳолатҳо ба назар гирифта мешуданд. Аз ин дарз китфпӯшак бе ягон зарар барои матоъ пора мешуд. Баъди ин аломати саркоҳин ҳукм барои Исо зуд муайян шуд: „Марг! Ӯ сазовори марг аст!"

# Яҳудо

Шогирди Исо Яҳудо имкон дод, ки ӯро чун воситаи бадӣ ба кор баранд. Лекин ӯро бефикрона бадном кардан лозим нест. Албатта, ӯ пулро дӯст медошт. Лекин 30 тангаи нуқрагин танҳо музди рамзӣ буд, ва ба андозаи мукофоте ки барои дастгир кардани чунин шахсияти муҳим, ба монанди Исо, муқаррар мешуд, ҳеҷ мувофиқат намекард. Эҳтимоли зиёд аст, ки Яҳудо дар шахсияти Исо қаҳрамон — инқилобчиро медид, ва ӯ мисли дигарон дар бораи чунин фиристодаи Худо орзу мекард, ки ӯ сиёсатшинос ва ҷанговар шуда, ишғолгарони румиро аз мамлакат меронад. Яҳудо барои шӯҳратпарастӣ Исоро пайравӣ мекард.

Лекин ба зудӣ ӯ пай бурд, ки хато кардааст. Малакути Худо, ки Исо онро эълон мекард, бо барномаи бародарӣ ва муҳаббати умумии он, ба нақшаҳои сиёсии Яҳудо барин одамон мувофиқат карда наметавонист.

Ҳамчун пайрави Исо, Яҳудо ба илтифоти роҳбарони кишвар аллакай умед баста наметавонист. Бинобар ин, барои боз дар қатори одамони мавриди илтифоти онҳо мақом гирифтан, ӯ ба хиёнат ҷуръат кард. Шояд ӯ ба онҳо бовар кард, ки гӯё Исоро таслим карда, ӯ ба халқи худ хизмати бузург мекунад. Яҳудо гумон надошт, ки Исоро ба марг маҳкум мекунанд. Зиёда аз он, ӯ инро фаҳмида, аз ҳукм ба қаҳр омад ва барои баргардондани пули соҳибони риёкори худ шитоб кард. Ин низ ба фоидаи ӯ шаҳодат медиҳад. Танҳо Худо метавонад рафтори Яҳудоро ҳукм кунад, ки кирдораш қисми иҷрошавии пешгӯӣ дар бораи Исо буд.

Вақте Исо ҳангоми хӯрокхӯрии охирин дар бораи таслимкунанда хабар дод, ҳар яке аз дувоздаҳ шогирд аз Ӯ мепурсиданд: „Оё он шахс ман ҳастам?" Ягон кас аз байни онҳо ба худ боварӣ надошт. Ва ҳангоме Исо дастгир ва маслуб шуд, ҳамаи онҳо рафтори ҳақирона доштанд. Ҳар як қалби одамӣ ҳам ба хиёнат ва ҳам ба садоқат қобил аст.



*Яҳудо саломгӯии анъанавии дӯстони наздикро истифода бурд, то Исоро ба роҳбарони динӣ таслим кунад (саҳ.84).*

# Дар доварии ҳокими румӣ Пилотус

Дар он айём, вақте ки Исоро ҳукм мекарданд, музофоти Яҳудо ва пойтахти он Ерусалим аз тарафи қӯшунҳои румӣ ишғол шуда буд. Ҳокими румии музофот Понтиюс Пилотус одами суст ва якрав, нодон ва мағрур буд. Ӯ мансаби душвор дошт. Аз як тараф вазифаи ӯ лаҷом задани ғаюриён — партизанҳо буд, ки ба ҳузури румиён дар мамлакат гардан намефуроварданд ва доимо шӯришҳо барпо мекарданд ва душманони худро мекуштанд; аз тарафи дигар ӯ мебоист ба табақаи роҳбарикунандаи яҳудиён эҳтиёткорона муносибат мекард, ки онҳо аз дасисакорони моҳир ва савдогарони зирак иборат буданд ва дар тамоми доираҳои ҷамъияти румӣ, то худи дарбори қайсар дар Рум, соҳиби эътибор буданд.

Гарчанде ки Пилотус қонунан барои марги Исо ҷавобгар аст, вале гунаҳкори ҳақиқӣ ӯ нест. Вақте Пилотус дар бораи ҳабси Исо фаҳмид, барои ягон чора ҷустан баҳри наҷоти Ӯ аллакай хеле дер шуда буд. На Пилотус „Ба салиб каш! Ӯро маслуб кун!“ — гуфта фарёд мезад, балки якчанд ҷосусон ва роҳзаноне ки аз тарафи Шӯрои Олӣ маблағгузорӣ шуда, барои озод кардани яке аз одамони худ — Бараббос, ки шояд сардори роҳзанон буд, ба як қарор омада буданд.

Гуноҳи асосӣ барои ҳодисаи воқеъшуда бар гардани одамон аз доираи Ҳонон ва Қаёфо меафтад, ки рафтори Исо ба худписандӣ ва фоидаи онҳо таҳдид мекард ва инчунин бар китобдонон-фарисиён, ки Исо ба онҳо исбот кард, ки таълимоти онҳо иродаи Худоро нодуруст маънидод мекунад. Бадбахтии асосии халқи яҳудӣ аз он иборат буд, ки дар замони Исои Масеҳ онҳо роҳбарони он қадар сазовор надоштанд. Инчунин суханони Масеҳро, ки дар рӯи салиб гуфта буд, ба хотир меоварем: „Эй Падар, онҳоро бубахш, онҳо намедонанд чӣ кор мекунанд“.

Масеҳӣ айбдорони ҳукм бар Исоро ҷустуҷӯ намекунад. Зеро ҳар як шахси масеҳӣ медонад, ки пургуноҳии шахсии ӯ ва ҳамаи гуноҳҳои содиркардаи ӯ дар ниҳояти кор сабаби азобҳо ва марги Исо мебошанд.

# Исо дар Ҷолҷолто дар рӯи салиб ҷон медиҳад

Агар ба воситаи дарвозаҳои шимолӣ аз Ерусалим бароед, он гоҳ роҳ ба сӯи баландии серхарсанг меоварад, ки он Ҷолҷолто (косахонаи сар) ном дорад. Дар он ҷо барои қатл якчанд сутунҳо истода буданд. Ин ҷои ҷазо буд.



*Маълумот дар бораи ҳолати маслубшуда — шахсе бо номи Йӯҳонон, писари Аггоп — дар садсолаи якум. Ин скелети нагз маҳфуз монда дар наздикии Ерусалим ёфт шудааст.*

Дастони маҳкумшудагон ба болори уфуқии салиб, ки онро бояд худашон ба Ҷолҷолто мебурданд, баста ё мех зада мешуданд. Дар он ҷо ин болорҳоро якҷоя бо ҷисмҳои дар онҳо овезон мебардоштанд ва дар сутунҳои семетра маҳкам мекарданд. Баъзан барои нигоҳ доштани ҷисми одамон мехи чӯбинро „барои нишастан“ истифода мебурданд ё пойҳои рӯи ҳам мехзадаи маҳкумшудагон ба тахтача такя мекарданд. Марг дар рӯи салиб баъди соатҳои зиёд ё ҳатто баъди рӯзи дароз фаро мерасид ва дар муддати тамоми ин вақт шахси маслубшуда азоби сахт мекашид. Дар болои сари маҳкумшуда тахтачае бо нишондоди сабаби қатл мех зада мешуд. Дар Китоби Муқаддас дар бораи чунин тахтача дар болои салиби Исо маълумот дода шудааст. Дар рӯи он бо забонҳои маъмултарини он давра — юнонӣ, яҳудии қадим ва лотинӣ навишта шуда буд: „Ин подшоҳи яҳудиён аст“.

Дар Инҷилҳо инчунин дар бораи суханони гӯё душворфаҳми Исо гуфта мешавад, ки онҳоро дар рӯи салиб такрор карда буд: „Худои ман, Худои ман, чаро Ту маро тарк кардӣ?“ Вақте ки одами навмед дар рӯ ба рӯи марг худро фаромӯшшудаи ҳамагон мебинад, ӯ ҳам метавонад ҳамин тавр бигӯяд. Вале Исо, гарчанде ки барояш хеле душвор буд, навмед набуд, зеро Ӯ медонист, ки Худо Ӯро тарк намекунад. Суханони овардаи Исо огози таронаи 21-ум мебошад, ки онро яҳудиёни диндор ҳар гоҳ такрор мекарданд ва аз ёд медонистанд. Дар он шахси бегуноҳ азиятдодашуда аз азобу уқубати худ ба Худо шикоят мекунад. Вале дар худи ҳамин тарона дар бораи Масеҳи маслубшуда ақидаҳои пайғамбарона ҳам ҷо дода шудаанд ва тарона бо изҳори боварӣ ба ғалабаи Худо анҷом меёбад. Бешубҳа, Исо барои пурра такрор кардани ин тарона қувват надошт.

Исо дар рӯи салиб ҷон дод. Дар ин бора андеша кунед. Зеро дар Ҷолҷолто наҷоти ҳақиқии мо рӯй дода буд. Исо барои гуноҳҳои мо ҷон дод. Тамоми башарият бояд аз ҳолати ноумедонаи худ халос мешуд. Ва бе қурбонӣ ягон касро аз ғуломӣ озод кардан мумкин нест. Худо наҷотдиҳанда буда, мехоҳад, ки ҳар як шахс ва ҳар халқ ҳодисаи муҳими таърихи ҷаҳонро донад ва дар он нақши сазовори таҳсинро иҷро кунад.

Фисҳи аввалин дар замони Мусо аз ғуломӣ озод шудани тамоми халқи Яҳудо буд, ки онҳо дар асорат хусусияти миллӣ, урфу одатҳои муқаддаси худ ва худогоҳии худро аз даст дода буданд. Хоҳиши Худо ҳамеша озодӣ аст, озодии халқ ва озодии ҳар яки мо, озодие ки хизмат ба Худоро имконпазир мегардонад. Ба ёд меорем, ки фиръавни Миср маҷбур буд халқи Исроилро маҳз барои ибодат раҳо кунад.

Фисҳи дуюм бо Ҷолҷолто алоқаманд аст. Исо бо азобу шиканҷаи худ, бо марг ва эҳёи худ тамоми башариятро аз асорати вазнинтарин ва дуру дароз халос кард: асорати гуноҳ ва марг, ки оқибати дур шудан аз Худо аст. Танҳо Масеҳ, Писари Худо тавонист ба ин вартаи дастнорас поён фарояд ва дар он ҷо қувваҳои бадиро ба мубориза даъват карда, онҳоро мағлуб кунад. Шайтон, ки қувваҳои бадиро идора мекард, акнун шикаст хӯрд.

Ғалаба дар шарораҳои ҳаёти илоҳӣ аён аст, ки онҳо барои шифо додан аз марги рӯҳонӣ қобил ҳастанд. Ғалаба бадӣ ва тамоми гуноҳҳоро нобуд мекунад ва моро ба мушоракат бо Худо оварда, аз зиндагии ҳақиронаи бемаънӣ наҷот медиҳад. Ин наҷот аст. Он „одамони нав“-ро меофарад, ки Масеҳ аз байни онҳо аввалин буд. Касе ки ба Ӯ ҳамроҳ мешавад, ба башарияти нав тааллуқ дорад. Фоҷиаи дунё аз он иборат аст, ки ин ғалабаи Масеҳ барои касе ки имон овардан намехоҳад, метавонад бефоида монад. Худо барои қабули ин ё он қарор ба мо озодӣ медиҳад.

Муаллифони Инҷилҳо ба хонандагони худ равшан нишон медиҳанд, ки воқеаи Ҷолҷолто аҳамияти кайҳонӣ дорад ва акси садои он оламӣ моро ба ҷунбиш овард: „Офтоб тира шуд... замин ба ларза омад, ва кӯҳҳо пора шуданд...“ Чунин ҳодисаҳои табиат, ба монанди заминҷунбӣ ва тӯфони рег, ки ҳангоми онҳо рӯзона чун шаб торик мешавад, дар ин ҷойҳо кам нестанд. Лекин дар ин ҷо мо дарк мекунем, ки онҳо аъмоли Худоро ҳамроҳӣ мекунанд ва тақвият медиҳанд.

Матто ва Маркӯс гуфтаҳои афсари румиро меоваранд, ки маросими қатлро мушоҳида карда буд. Ӯ бутпараст буда, албатта маънои шаҳодати худро намефаҳмид: „Ин одам (Исо) ҳақиқатан Писари Худо буд“. Баъд аз эҳёи Исо масеҳиён дар тӯли асрҳо инро дар қалбҳои худ нигоҳ медоранд ва ба дигарон мерасонанд: Исои Масеҳ Писари Худо аст!

Рӯзи дигар баъд аз Фисҳ занҳо ба сӯи қабр мераванд.
















**Маркӯс 16:1–8.** Пас аз гузаштани иди шанбе Марями Маҷдалия ҳамроҳи ду зани дигар равғанҳо ва марҳамҳо харида, барои тадҳини ҷасади Исо рафтанд. Субҳи рӯзи якшанбе, чун офтоб тулӯъ кард, занон назди қабр омаданд. Дар роҳ онҳо бо ташвиш ҳамдигарро мепурсиданд: „Оё мо сангеро, ки дари қабрро пӯшидааст, дур карда метавонем?" Вақте ки онҳо ин сангро аллакай ғелида диданд, ҳаяҷони онҳо дучанд зиёд шуд. Онҳо ба мақбара даромаданд ва дар он ҷо ҷавони сафедпӯшеро диданд, ки дар тарафи рости даромадгоҳ менишаст. Занон ба ҳарос афтоданд. Вале ӯ ба онҳо гуфт: „Натарсед! Ман медонам, шумо Исоро меҷӯед, ки дар рӯи салиб кушта шуда буд. Ӯ дигар ин ҷо нест. Ӯ эҳё шуд! Нигоҳ кунед — Ӯ дар ҳамин ҷо хобида буд. Ва акнун назди шогирдонаш, назди Петрус рафта, ба онҳо гӯед, ки Исо онҳоро дар Ҷалил интизор хоҳад буд. Дар он ҷо онҳо Ӯро мебинанд, чуноне ки Ӯ ба онҳо ваъда карда буд..." Занон аз мақбара баромада, бо даҳшат тозон давида рафтанд. Онҳо чунон дар ҳарос буданд, ки ба касе ягон чиз нагуфтанд.






**Юҳанно 20:1–18.** Дар рӯзи аввали баъде шанбе, ки ҳанӯз торик буд, Марями Маҷдалия назди қабр омад. Сангро аз пеши даромадгоҳ ғелида дида, вай давида рафт ва Петрус ва Юҳанноро ёфта, бо ҳаяҷон ба онҳо гуфт: „Ҷасади Исоро аз қабр гирифта бурдаанд ва маълум нест, ки Ӯро куҷо гузоштаанд!“

Онҳо ба сӯи қабр шитофтанд. Юҳанно пештар давида расид ва ба дарун надаромада, нигоҳ кард. Ӯ дар он ҷо парпечи матоъгинро гузошта дид. Петрус ҳам давида расид ва ба даруни қабр даромад. Ӯ низ парпеч ва рӯймолеро ки сари Исоро пӯшонда буд, дар як сӯ гузошта дид. Рӯймол печонда шуда дар як сӯ гузошта шуда буд. Он гоҳ Юҳанно ҳам даромада нигоҳ кард ва фаҳмид, ки Исо аз байни мурдаҳо эҳё шудааст. То ин дам барои онҳо фаҳмидани қисме аз Навишта душвор буд, ки дар он оиди ба ҳаёт баргаштани Ӯ гуфта мешуд. Онҳо аз қабр баромаданд ва ба Ерусалим баргаштанд.



Марями Маҷдалия бо чашмони пурашк
ба назди чоҳ баргашт...












Дар ин вақт Марями Маҷдалия боз ба назди қабр омад ва дар пеши даромадгоҳ маъюсона қарор гирифт. Вай гиря карда ба дарун нигарист ва нохост дар он ҷо ду фариштаро дар либоси сафед дид. Яке аз онҳо дар тарафи сар ва дигаре аз тарафи пойҳои он ҷое менишастанд, ки пештар ҷасади Исо хобида буд. „Чаро гиря мекунӣ?" — пурсиданд аз ӯ фариштаҳо. „Барои он ки Худованди маро бурдаанд ва ман намедонам, ки Ӯро куҷо гузоштаанд". Баъди ин суханон Марям ҳис кард, ки аз пасаш касе истодааст ва ба ақиб рӯ овард. Ин Исо буд, лекин Марям Ӯро нашинохт.

„Чаро гиря мекунӣ? — пурсид Ӯ. Киро ҷустуҷӯ мекунӣ?" Вай гумон кард, ки ин боғбон аст. „Агар ту Ӯро бурдаӣ, ба ман бигӯ, ки Ӯ дар куҷост ва ман рафта Ӯро мегирам", — гуфт Марям ба Ӯ. Он гоҳ Исо гуфт: „Эй Марям!" Вай якбора ларзид ва Ӯро шинохт. „Устод!" — хурсандона хитоб кард вай. „Ба Ман даст нарасон, — вайро огоҳ кард Исо, — зеро Ман ҳанӯз назди Падарам барнагаштаам. Лекин назди бародаронам рафта ба онҳо бигӯ: Ман назди Падари худ, назди Худои Ман ва шумо бармегардам". Марями Маҷдалия назди шогирдон шитоб кард ва ба онҳо гуфт: „Ман Худовандро дидам!" ва ҳамаи он чизеро, ки Исо гуфта буд ба онҳо нақл карда дод.




Оғоям!
Ба Ман нарас...
... зеро Ман бояд назди Падари Осмонии Худ биравам...
Бирав ва ба шогирдонам хабар деҳ!
Дӯстон, ман Худованд Исоро дидам. Ӯ зинда аст, Ӯ эҳё шуд! Гӯш кунед, Ӯ ба ман чӣ гуфт!
Марям ҳиссиётат туро фиреб медиҳад!
Худат фикр кун — ин номумкин аст!
Гапи бофта! Хаёлоти занона!


Бегоҳии ҳамон рӯз ду нафари онҳо аз Ерусалим ба Аммоус равон мешаванд...
Ҳай афсӯс, охир ман чунон бовар кардам, ки Исо Масеҳи ваъдашуда аст, ки тамоми ҷаҳон интизори Ӯст!
Ба ҷои ин Ӯ чун ҷинояткори оддӣ дар салиб мурд...
Ҳа, Қлеюпос, ман низ на камтар аз ту ғамгинам
Салом ба шумо, дӯстон! Аз чӣ шумо ин қадар ғамгин ҳастед?
Бифаҳмонед, шояд Ман ба шумо ёрдам карда тавонам!
Наход Ту аз воқеае ки ин рӯзҳо дар Ерусалим рӯй додааст, бехабарӣ. Дар бораи Исои Носирӣ?
Мо умед доштем, ки Ӯ халқи моро озод мекунад...
Бале, Ӯ Масеҳ буд! ... лекин ҳоло ҳама чиз барбод рафт...
Аллакай рӯзи сеюм аст, ки Ӯ мурдааст.
Гарчанде ки занони мо воқеаҳои ҳайратовар накл мекунанд...
Имрӯз саҳар онҳо ба сари қабр рафтаанд...










Пас аз як соат…



**Луқо 24:13–35.** Худи ҳамон рӯз ду нафар аз шогирдони Исо ба деҳае равон шуданд, ки 10 километр аз Ерусалим дуртар буд. Дар аснои роҳ онҳо дар бораи ҳодисаҳои рӯзҳои охир гап мезаданд. Исо ба онҳо наздик шуд ва дар баробари онҳо равон шуд. Онҳо Ӯро нашинохтанд. „Шумо дар бораи чӣ гап мезанед? Ва чаро чунин ғамгин ҳастед?" — пурсид Ӯ онҳоро. Онҳо бозистоданд ва яке аз онҳо бо алам ба Ӯ ҷавоб дод: „Ту шояд ягона одаме дар Ерусалим бошӣ, ки дар бораи ҳодисаҳои рӯзҳои охир нашунидаӣ". — „Ту дар хусуси чӣ мегӯӣ?" — „Наход ту дар бораи Исои Носирӣ нашунидаӣ? Ӯ пайғамбаре буд, ки аз ҷониби Худо фиристода шуда буд. Гуфтор ва кирдори Ӯ ҳар як шахсро аз миёни халқ ба ин мӯътақид месохтанд. Лекин саркоҳинон ва пирони мо Ӯро ба румиён таслим карданд. Ӯ ба қатл маҳкум шуда, дар рӯи салиб маслуб шуд. Лекин мо бисёр умед доштем, ки Ӯ фиристодаи Худо Наҷотдиҳандаи Исроил аст. Ин ҳодиса парерӯз рӯй дода буд, вале субҳи имрӯз ҳикояти занони мо моро ба ҳайрат овард. Пеш аз тулӯи офтоб онҳо назди қабр рафтанд, вале Ӯро дар он ҷо наёфтанд. Онҳо мегӯянд, ки фариштагонро дидаанд, ки ба онҳо гуфтаанд: „Исо зинда аст!" Баъзе аз мо худи ҳамон дам назди қабр давиданд. Чуноне ки занон нақл карда буданд, он ҳақиқатан холӣ буд. Лекин онҳо Исоро надиданд".Исо гуфт: „Шумо чӣ тавр бефаросат ҳастед! Чаро пешгӯиҳои пайғамбаронро ё намефаҳмед, ё ба онҳо бовар намекунед? Оё Масеҳро лозим набуд ҳамаи ин азобҳоро аз сар гузаронад ва баъд Худо Ӯро бар сари ҳамаи одамон бимонад?" Ва Исо ҳамаи ин чизро, ки дар Навиштаи Муқаддас дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод.








Дар сари хӯроки шом Ӯ нонро гирифта, онро баракат дод ва пора карду ба онҳо дод...



Он гоҳ чашмони онҳо кушода шуд, ва онҳо Ӯро шинохтанд...



Вале Исо аз назарашон нопадид шуд...



Дар зимни ин онҳо ба деҳа наздик шуданд. Онҳо гумон карданд, ки Исо роҳро давом додан мехоҳад ва онҳо аз Ӯ хоҳиш карданд: „Илтимос, бо мо бимон, зеро ба зудӣ тамоман торик мешавад“. Он гоҳ Ӯ ҳамроҳи онҳо ба хона даромад. Вақте ки онҳо ба сари таом нишастанд, Исо нонро гирифта баракат дод ва онро пора карда, ба онҳо тақсим кард. Дар ин лаҳза, ниҳоят, онҳо Ӯро шинохтанд. Вале Ӯ барои онҳо ноаён шуд. Ва он гоҳ гӯё парда аз чашмони онҳо афтод: „Охир, мо ҳис мекардем, ки ин Исо буд, вақте ки Ӯ дар роҳ бо мо гап мезад ва пешгӯиро аз Навиштаи Муқаддас ба мо фаҳмонда медод“. Фурсатро аз даст надода, онҳо ба Ерусалим баргаштанд. Дар он ҷо шогирдон ва дӯстони Исо ҷамъ шуда, онҳоро пешвоз гирифтанд: „Худованди мо эҳё шуд! Петрус Ӯро дидааст!“ Он гоҳ онҳо ба ҷамъшудагон нақл карданд, ки дар роҳ ба сӯи деҳа бо онҳо чӣ рӯй дод ва чӣ тавр ҳангоми тақсим кардани нон онҳо Исоро шинохтанд.









**Луқо 24:36–48.** Онҳо ҳанӯз ҳикоятро тамом накарда, ногаҳон Исо дар байни онҳо зоҳир шуд. „Осоиштагӣ бар шумо бод", — салом дод Ӯ ба онҳо. Онҳо ба даҳшат афтода, қарор доданд, ки рӯҳро мебинанд. „Шумо аз чӣ метарсед? — пурсид Исо. — Чаро шумо шубҳа мекунед, ки ин Манам? Маро ламс кунед ва бовар хоҳед кард, ки Ман рӯҳ нестам. Рӯҳ бо ҷисм ва хун намешавад". Ва Ӯ дастон ва пойҳои худро ба онҳо нишон дод. Лекин онҳо аз хурсандии бениҳоят ҳанӯз сарфаҳм намерафтанд, ки дар назди онҳо Исо меистод. Ниҳоят Ӯ онҳоро пурсид: „Оё дар ин ҷо ягон чизи хӯрданӣ доред?" Онҳо порчаи моҳии бирёнро ба Ӯ оварданд ва Ӯ дар пеши назари онҳо онро хӯрд... Сипас ба онҳо фаҳмонда дод, ки суханони пешгӯишударо дар бораи азобҳо, марг ва эҳёи Ӯ чӣ тавр фаҳмидан лозим аст... ва гуфт: „Ҳамаи халқҳои рӯи замин бояд бишнаванд: ҳар касе ки назди Ман бармегардад, гуноҳҳои Ӯ омурзида хоҳанд шуд. Инро аввал дар Ерусалим хабар диҳед... Шумо бо чашмони хеш дидед, ки ваъдаи Худо иҷро шуд. Шумо шоҳидони Ман ҳастед".

Шаби аввали баъди Фисҳ Исои эҳёшуда ба шогирдонаш зоҳир шуд. Як ҳафта пас онҳо боз вохӯрданд...



















**Юҳанно 20:19-29.** Дар ин шоми якшанбе ҳамаи шогирдон дар як хона ҷамъ шуданд. Аз тарси фарисиён ва саркоҳинони яҳудӣ ҳамаи дарҳо сахт баста шуда буданд. Ва нохост Исо дар байни онҳо пайдо шуд ва бо суханони „Осоиштагӣ бар шумо бод" ба онҳо салом гуфт. Сипас Ӯ захмҳои дастон ва пойҳои худро ба онҳо нишон дод. Вақте ки шогирдон Исоро диданд, хурсандии онҳо ҳадду канор надошт. Ва Исо боз ба онҳо гуфт: „Осоиштагӣ бар шумо бод! Чуноне ки Падар Маро ба ин дунё фиристод, Ман низ шуморо мефиристам. Сипас Ӯ бар онҳо дамид ва гуфт: Рӯҳулқудсро қабул кунед! Агар шумо гуноҳҳои касеро афв кунед, онҳо омурзида хоҳанд шуд, лекин касеро, ки афв накунед, ба ӯ бахшида намешавад".

Яке аз дувоздаҳ шогирд, ки Тумо ном дошт, дар он ҷо ҳузур надошт. Ва чун онҳо ба ӯ гуфтанд: „Мо Худовандро дидем!", ӯ ба ин бовар кардан намехост. „Ман фақат он гоҳ бовар мекунам, ки дастони бо мех сӯрохкарда ва захми паҳлӯи Ӯро мебинам. Ман мехоҳам онҳоро бо дастони худ ламс кунам".













Баъд аз 8 рӯз шогирдон боз дар ин хона ҷамъ омаданд ва ин дафъа низ Тумо ҳамроҳи онҳо буд. Дарҳо боз баста буданд, лекин чун пештара Исо дар байни онҳо пайдо шуда, бо суханони „Осоиштагӣ бар шумо бод!" ба онҳо салом дод. Сипас Ӯ ба Тумо гуфт: „Ангуштони худро бар дастони сӯрохкардаи Ман гузор. Дасти худро ба захми паҳлӯи Ман бимон! Ва дигар шубҳа накун, балки имон овар!" — „Худованди ман ва Худои ман!" — хушнуд шуда, хитоб кард Тумо. „Ту ба хотири он ки Маро дидӣ, имон овардӣ. Вале дар ҳақиқат хушбахтанд касоне ки Маро надида, имон меоваранд", — ҷавоб дод Исо.
















**Юҳанно 21:1–24.** Баъд аз чанд вақт Исо боз як бори дигар дар назди баҳри Ҷалил ба шогирдонаш зоҳир шуд. Чанд нафар аз шогирдонаш, аз ҷумла Петрус, Тумо, Яъқуб ва Юҳанно дар он ҷо ҷамъ шуданд. „Ман барои сайди моҳӣ меравам“, — гуфт Петрус. „Мо ҳам меравем“, — дигарон низ ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Онҳо ба қаиқ нишастанд ва аз соҳил дур шуданд. Вале дар давоми тамоми шаб ягон чиз сайд накарданд. Бомдодон онҳо шахсеро диданд, ки дар соҳил меистод, вале нафаҳмиданд, ки Ӯ Исо аст. Ӯ онҳоро пурсид: „Оё шумо ягон чиз сайд кардед?“













Баъдтар, тӯрҳоро кашида бароварда...




— „Не“, — ҷавоб доданд онҳо. Он гоҳ Ӯ гуфт: „Тӯрҳоро ба тарафи рости қаиқ биандозед ва шумо сайди хубро ба даст хоҳед овард!“ Онҳо мувофиқи маслиҳати Ӯ амал карданд ва он қадар моҳии зиёд сайд карданд, ки тӯрро ба қаиқ кашида натавонистанд. Он вақт Юҳанно ба Петрус гуфт: „Ин Худованд аст!“ Инро шунида, Петрус ба об ҷаҳид ва ба соҳил шино кард. Соҳил тақрибан дар масофаи сад метр дуртар воқеъ буд. Шогирдони дигар аз пайи ӯ бо қаиқ шино карда, тӯри пури моҳиро аз паси худ мекашиданд. Вақте ки қаиқ ба соҳил расид, онҳо дар он ҷо гулхани афрӯхта ва моҳии дар он бирёншударо диданд.





Дар назди он нон гузошта шуда буд. „Аз моҳие ки ҳозир сайд кардед, якчандторо гирифта биёред“, — хоҳиш кард Исо аз шогирдон. Петрус ба назди қаиқ рафта, тӯрро ба соҳил кашид. Дар он 153 моҳии калон буд. Ва гарчанде ки тӯр аз моҳӣ пур буд, он надарид. „Акнун биёед ва бихӯред“, — гуфт Исо. Ягон шогирд ҷуръат накард, ки Ӯро пурсад: „Ту кистӣ?“ Вале ҳамаи онҳо медонистанд: ин Худованд аст. Ин бори сеюм буд, ки Исо баъди аз байни мурдагон эҳё шудан бо шогирдонаш вохӯрд.










Пас аз нониишта Исо Петрусро пурсид: „Бигӯ, Петрус, оё ту маро аз онҳо бештар дӯст медорӣ?" „Оре Худовандо, — ҷавоб дод Петрус, — Ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам". „Пас барраҳои Маро бичарон", — гуфт Исо ба ӯ. Ва Исо боз як бори дигар саволи худро такрор кард: „Петрус, оё ту ҳақиқатан Маро дӯст медорӣ?" „Оре, Худовандо, ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам", — боз ҷавоб дод Петрус. „Пас барои гӯсфандони Ман ғамхорӣ намо!" Ва Исо бори сеюм ӯро пурсид: „Петрус, ту дар ҳақиқат Маро дӯст медорӣ?" Петрус ғамгин шуд, ки Исо бори сеюм аз ӯ пурсид, ва ҷавоб дод: „Худовандо, Ту ҳама чизро медонӣ. Ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам". Ва Исо боз ба ӯ гуфт: „Гӯсфандони Маро бичарон... ва ба ӯ фармуд: — Аз паси Ман биё!"

Дар наздикии Ерусалим дар кӯҳи Зайтун Исои эҳёшуда бори охирин бо шогирдони Худ ва бо занҳои содиқ вохӯрд.




**Матто 28:16–20.** Ёздаҳ шогирд дар Ҷалил ба кӯҳе баромаданд, ки Исо ба онҳо гуфта буд. Ҳангоме ки Ӯро дар он ҷо диданд, онҳо дар назди Ӯ ба зону афтода ба Ӯ дуо карданд. Лекин баъзе аз онҳо шубҳа мекарданд, ки оё ин Исо буд ё не. Он гоҳ Исо ба онҳо наздик шуд ва гуфт: „Ман аз ҷониби Худо тамоми қудратро бар замин ва осмон гирифтаам. Назди тамоми халқҳо равед ва таълимоти Маро ба онҳо расонед ва ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс онҳоро таъмид диҳед. Ба ҷо овардани ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба онҳо таълим диҳед. Шумо метавонед боварӣ дошта бошед: Ман ҳамеша ва дар ҳар ҷо то охирзамон бо шумо ҳастам".

## *Мақбараи муқаддас дар Ерусалим*

Баъди аз рӯи салиб гирифтани ҷасади Исо дар дафни Ӯ ду шахс иштирок карданд: китобдони фарисӣ Ниқӯдимус, ки шогирди махфии Исо буд ва Юсуф аз Ҳаромот, яке аз одамони обрӯманди Ерусалим, ки инчунин Исоро бисёр қадр мекард.

Дар теппаи наздикии Ҷолҷолто Юсуф мақбараи дар даруни кӯҳ кандашударо дошт, ки даромадгоҳи он бо санги калони осиё пӯшида мешуд. Ин мақбара пештар ҳеҷ гоҳ истифода нашуда буд. Ҷасади Исоро дар даруни он гузоштанд.

Дар давоми садсолаҳое ки аз он замон гузаштаанд, бисёр халқҳо барои соҳиб шудан ба ин мақбараи машҳуртарини ҷаҳон мубориза мебурданд. Дар соли 320-уми милодӣ қайсари Рум Константин дар болои он калисои бузургро бунёд кард, ки он баъдтар аз тарафи форсиён хароб карда шуд.

Ҳоло аз мақбара танҳо таҳкурсии он боқӣ мондааст. Дар болои он калисои хурде сохта шудааст, ки дар даруни калисои садсолаи 12-ум воқеъ аст. Масеҳиёни кишварҳои зиёд ба ин ҷо барои зиёрат меоянд. Барои ҳар як имондор албатта, на тамошои мақбара, балки орзуи дидани Исои эҳёшуда, дар дили худ ҷо додани тимсоли Ӯ муҳим мебошад.

## *Эҳёи Исо*

Рассомони сершумор Исои аз мақбараи худ бо байрақи ғалаба намудоршударо тасвир мекарданд. Ин расмҳо, албатта, ҳеҷ гоҳ наметавонистанд он воқеаи субҳи фисҳро акс кунонанд. Зеро эҳёшавии Исо воқеаи олами Худо буд, оламе ки ба тафаккури мо номафҳум аст, воқеае ки онро дидан номумкин буд. Он бе шоҳидон ба вуқӯъ омад — одамон онро надиданд. Ва бо вуҷуди ин, ҳодисаи мазкур дар таърихи инсоният тамоман ҳақиқӣ аст ва аз ҳар як ҳодисаи дигар дар он равшантар нақш бастааст. Инҷили Матто (28:2–4) танҳо дар бораи он чи то эҳёшавӣ ва баъди он рӯй дода буд, зикр мекунад: фариштаи дурахшони Худо санги калонро аз даромадгоҳ дур мекунад, посбонон барои баромадани Исо аз мақбара монеъ шуда наметавонанд ва мисли мурда ба замин меафтанд. Ин посбонон гӯё рамзи душманони Ӯ мебошанд, ки беимонанд ва зиндагиро, ки дар сари он Исои эҳёшуда истодааст, рад мекунанд ва бинобар ин, дар ҳолати марги рӯҳонӣ ҳастанд.

Сипас Матто мегӯяд, ки чӣ тавр фаришта занони маъюсро таскин дода, ба онҳо мегӯяд: „Натарсед! Ман медонам, шумо Исоро ҷустуҷӯ мекунед, ки дар рӯи салиб кушта шуда буд. Ӯ дигар дар ин ҷо нест. Ӯ эҳё шуд; пешгӯии Ӯ ба амал омад“.

Марқӯс ҳам дар бораи фаришта (ҷавоне бо либоси сафед) ва Луқо низ дар бораи „ду мард бо либоси сафеди дурахшанда“ сухан меронад. Фариштаҳо фармони Худоро иҷро карда, ба шоҳидоне ки мақбараро холӣ ёфта буданд, дар бораи дахолати Худо хабар медиҳанд ва дар айни замон тасдиқ мекунанд, ки Исо „Ҳокими Ҳаёт“ шудааст.

# „Исо эҳё шуд“ чиро ифода мекунад?

Ҳавввориён ва масеҳиёни аввалин, ки таассурот ва ақидаҳои онҳо дар Инҷилҳо аниқ инъикос ёфтааст, соҳиби далелҳо буда, боварӣ доштанд, ки Исо дар зери ҳукми марг намонд, балки ба ҳаёти нав гузашт; аз ҳамин вақт сар карда ӯ дар ҳузури Худо зиндагӣ мекунад. Ҷисми Ӯ, ки аз ҷониби Худо боз офарида шуд, бо вуҷуди ин, дар як вақт ҷисми маслубшуда низ мебошад. Дар ҳаёти нави худ Исо аллакай ба қонунҳои замон ва макон, ки дар Замин амал мекунанд, тобеъ нест, Ӯ дигар ба дарҳои кушод эҳтиёҷ надорад, то ки мақбараро тарк кунад ё ба хона дарояд. Ӯ метавонад дар зиндагии ҳар яки мо ба таври нонамоён ҳузур дошта, бо нерӯи худ ҳар шахсро мунтазам дастгирӣ кунад.

Ғалабаи Исо бар марг аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаёт баъд аз он ҳам давом дорад. Ҳар касе ки бо имон ва итоат бо Исо алоқаманд аст, аз мурдагон эҳё мешавад, бо ҷисми нав, ки бар хилофи ҳозира, ба фаношавӣ тобеъ нест. Баъди эҳёи худ имондорон ҳамроҳи Исо зиндагӣ хоҳанд кард. Ӯ „аввалин эҳёшуда аз мурдагон“ мебошад. Ҳар як одам ба вазифаи мӯъҷизавӣ — дохил шудан ба беинтиҳоии малакути Худо даъват шудааст.

Бар хилофи Лаъзор, ки баъди марг ба ҳаёт оварда шуд ва боз чанд сол зиндагӣ карда аз нав вафот кард, Исо дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳад мурд. Ӯ ба ҳолати тамоман нав гузашт. Мо ин ҳаёти навро ба худ муфассал тасаввур карда наметавонем; он дар андозаи дигар аст ва ба малакути Худо тааллуқ дорад. Лекин барои қабул кардани даъват ба ин ҳаёти нав, дар бораи он ба тамоми тафсилотҳояш тамоман аниқ фаҳмидан лозим нест. Агар мо аз Китоби Муқаддас маълумот ва дар бораи ҷиддияти марг ва доварии баъди он тасаввурот дошта бошем ва агар мо ба эътибор гирем, ки на фақат марги ҷисмонӣ, балки „марги дуюм“ — абадӣ ҳам вуҷуд дорад, ин басанда аст.

Ба масеҳиёни аввалин муроҷиат карда, ҳавворӣ Павлус мегӯяд: „Агар Исо дар ҳақиқат эҳё нашуда бошад, пас имони шумо беасос аст, хаёли хом аст“ (1 Қӯринтиён 15:14). Дар ҳақиқат масеҳӣ будан, яъне ба Исои эҳёшуда имон овардан аст. Павлус, ки ин номаро ҳанӯз пеш аз навишта шудани Инҷилҳои аввалин навишта буд, дар он ҳамаи вохӯриҳоро бо эҳёшуда зикр мекунад ва бештар аз 500 шоҳидро номбар мекунад, ки он вақт аксарияти онҳо ҳанӯз зинда буданд (ва пас метавонистанд гуфтаи Павлусро тасдиқ кунанд).

Дар замони мо бисёр одамон ба эҳёи Исо шубҳа мекунанд. Магар чизе ки ба илм ва таҷрибаи мо мухолифат мекунад, рӯй дода метавонад? Шогирдони Исо ҳам шубҳа доштанд. Инҷилҳо (масалан, Луқо 24:11–14) дар бораи ноуствории онҳо ва хавфи қурбонии фиреби ҳис шудан маълумот медиҳад. Маҳз барои ҳамин Тумо мехост ба захми ҷисми Исо ҳатмат даст расонад.

Дар давоми 20 садсолаи гузашта борҳо кӯшиш карда шуд, ки ҳодисаи эҳёшавии Исо аз ҳақиқати воқеӣ бароварда шавад. Масалан, мегуфтанд, ки ибораи „Исо эҳё шуд“ он ҳақиқатро тасвир намекунад, ки Исоро баъди маргаш зинда ва дар шакли аввала диданд, балки танҳо онро ифода мекунад, ки ӯ дар хотири шогирдонаш зинда мондааст, мақсадҳои олӣ ва таълимоти ӯ зинда ҳастанд ва дигар сохтани қалбҳои одамон ва ҳаёти рӯи заминро давом медиҳанд.

Азбаски ин ақидаҳо ба маълумотҳои дар Инҷилҳо овардашуда мухолиф ҳастанд, тарафдорони онҳо мураттибони Инҷилҳоро дурӯғгӯ ва хаёлпараст мешуморанд. Ба муқобили ин беимонон миллионҳо имондорони ҳақиқӣ дар тамоми ҷаҳон бо имони худ ба Исо шаҳодат медиҳанд: агар Исо монанди дигарон танҳо шахсияти таърихии машҳур ва кайҳо аз дунё рафта мебуд, масеҳиён метавонистанд ақаллан бо таълимот ва фаъолияти ӯ ба ваҷд оянд, вале наметавонистанд ӯро чунон дӯст доранд ва тайёр бошанд барои ӯ ҷон нисор кунанд. Танҳо шахсияти ҳақиқатан зиндаро чунин дӯст доштан мумкин аст. Дар имони масеҳӣ аз ҳама муҳимтарин шахсияти абадзинда — Исо аст.

Инҷилҳо, дар бораи вохӯриҳо бо Исо нақл карда, хусусан ду намуди маълумотро қайд мекунанд, ки шогирдони Ӯ гирифта буданд. Дар баъзе маълумотҳо таъкид карда мешавад, ки Исоро баъди маргаш зинда дидаанд ва аз ӯ далелеро пайдо кардаанд, ки Ӯ шабаҳ нест: Ӯ дар намуди одатӣ буд, ба худ даст расонданро иҷозат медод, гап мезад, мехӯрд, аз як ҷо ба ҷои дигар пиёда роҳ мегашт. Гарчанде ки ҷисми нави Ӯ ба қонунҳои фазо ва замон вобастагӣ надошт, вале метавонист худро ба онҳо тобеъ кунад. Дар айни замон Исо нишон медод, ки аллакай ба олами дигар тааллуқ дорад — Ӯ ногаҳон дар хонае пайдо мешуд, ки дарҳои он баста буданд ва ҳамчунон якбора нопадид мегашт.

Дар маълумотҳои дигар, дар навбати аввал диққати асосӣ ба мақоми баланд ва аҳамияти шахси эҳёшуда дода мешавад. Пас аз ғалабаи Худ бар марг, Ӯ Ҳокими дунё гардид. Чунончи, ҳангоми вохӯрӣ бо шогирдонаш дар Ҷалил, Исо дар бораи Худ мегӯяд: „Ба Ман тамоми қудрат бар замин ва дар осмон дода шудааст“ (суханони охирини Инҷили Матто).

Ҳар ду намуди маълумот якдигарро мукаммал месозанд. Исои эҳёшуда на танҳо ҳамсӯҳбати шиноси хуб, балки Худованд ва Худо, Ҳокими дунё ва таърих низ мебошад.

## Вохӯриҳо бо Исо пас аз эҳёи Ӯ

Он ҳақиқат, ки мақбара холӣ буд, худ аз худ ҳанӯз исботи эҳёи Исо намебошад. Ин аз саволи Марям ба „боғбон“ низ бармеояд. Аммо далелҳои эҳё даркор мебошанд. Ба қатори онҳо ҳақиқати чанде дертар зикркардаи ҳаворӣ Петрус дохил мешавад, ки мувофиқи он, ҷисми Исо дар мақбара ба вайроншавӣ дучор нашуда буд (Аъмоли Ҳаввориён 2:24–32).

## Вохӯрии Исо бо Марями Маҷдалия

Исои эҳёшударо якбора нашинохтанд. Лекин як сухани Ӯ (чунончи ба Марям), як аломат (чунончи ҳангоми пора кардани нон дар назди шогирдон дар Аммоус) кифоя аст, то ки ба Ӯ бовар кунанд ва дар Ӯ Исои эҳёшударо эътироф кунанд. Исо ягон касро маҷбур намекунад; ҳар як шахс озод аст ва метавонад имон наоварад...

Вақте ки Марями Маҷдалия Исоро мешиносад, мехоҳад ба Ӯ даст расонад ва Ӯро нигоҳ дорад. Вай фикр мекунад, ки акнун Ӯ бо шогирдонаш мемонад ва ҳама чиз чун пештара мешавад. Исо чизи дигарро ба вай мефаҳмонад. Минбаъд Ӯро дидан, ба Ӯ даст расондан, бо Ӯ гап задан, пойҳои Ӯро бӯсидан мумкин нест. Ин онро ифода намекунад, ки Исо шогирдони худро тарк мекунад. Ӯ ҳамеша ҳамроҳи онҳо хоҳад буд; ҳузури Ӯ дигар, аммо бо вуҷуди ин ҳақиқӣ хоҳад буд; шахси имондор аллакай Исоро намебинад, вале ҳузури Ӯро ҳис мекунад. Вохӯрии Ӯ бо Марями Маҷдалия инро ба мо таълим медиҳад.

## Вохӯрӣ бо шогирдон аз Аммоус

Чӣ тавре ки аз ин маълумот бармеояд, Луқо дар маҷлисҳои ҷамоати масеҳиёни аввалин иштирок кардааст. Қисми аввали он маҷлисҳо ба амиқ гардондани маҷмӯи маълумотҳо дар бораи фиристодаи Худо бахшида мешуд; ба монанди он ки Исои эҳёшуда дар роҳ ба сӯи Аммоус Худаш ба ҳар ду ҳамроҳони худ пешгӯиҳои Аҳди Ҷадидро, ки ба Масеҳ дахл доштанд, баён мекард.

Мо ҳам имрӯз дар қисми аввали ибодати худ чунон рафтор мекунем, вақте ки дар асоси Китоби Муқаддас — Аҳди Қадим ва асосан Аҳди Ҷадид бо Ӯ наздиктар шинос мешавем. Лекин донистан дар бораи Ӯ басанда нест — бо Ӯ шахсан вохӯрдан лозим аст.

Вақте ки фикрҳои шогирдони Ӯ бо матнҳои муқаддас равшан ва қалбҳои онҳо рӯҳбаланд шуданд, Исо нонро пора кард ва дар хӯроккӯрии онҳо иштирок кард. Дар қисми дуюми ибодати ҷамоати аввлин низ чунон буд — дар вақти „пора кардани нон“ суханони Исо дар бораи нон ва шароб такрор мешуданд. Мо дар хӯроккӯрии якҷоя — таоми шоми пинҳонӣ иштирок карда, ин одатро имрӯз ҳам давом медиҳем. Имон дарк карданро имкон медиҳад, ки дар баробари ин, Исо, чун замоне дар Аммоус, бо мо хӯрок мехӯрад, дар байни мо ҳузур дорад. Луқо маҳз ҳаминро ба мо фаҳмондан мехост.

*Ин сурати мақбараи замони Исои Масеҳ дар бораи он ҷое ки ҷасади Исо дафн шуда буд, маълумоти равшан медиҳад; он имконияти „дидан“-и онро медиҳад, ки чӣ тавр субҳи иди фисҳ занон сангро, ки даромадгоҳро мепӯшонад, ба як сӯ гузошташуда ёфтанд.*



### Маънои Имонуил „Худо бо мо“ аст

Дар муддати 20 рӯз баъди эҳёшавӣ Исоро қариб 500 шоҳид дар ҷойҳои гуногун мебинанд. Набояд фикр кард, ки Исо ин вақтро барои интизории гузаштани худ ба малакути Худо мегузаронад. Ӯ аллакай аз лаҳзаи эҳёшавиаш дар олами Худо, дар назди Падари худ мебошад.

Луқо Инҷили худро бо вохӯрии охирини Исо бо шогирдонаш дар наздикии Ерусалим дар кӯҳи Зайтун анҷом медиҳад (24:50–53). Дар он ҷо Ӯ „шогирдонро баракат дода, аз онҳо ҷудо шуд ва ба осмон баромад“. Мо инро сууди Исо меномем.

Ба худ тасаввур кардан нодуруст мебуд, ки Исо чун кайҳоннавард ба кайҳон парвоз кард. Дар маълумоти дуюми худ (Аъмоли Ҳаввориён), Луқо ин ҳодисаро тасвир карда, мегӯяд: „Абр Исоро фаро гирифта, аз назари шогирдон пинҳон кард“. Ду фариштаи Худо ба ҳаввориёни боқимонда мегӯянд, ки „чӣ тавре Исо ба осмон сууд кард, боз ҳамон тавр хоҳад баргашт“. Матто аз тарафи худ дар охири маълумоташ қайд карданро зарур мешуморад, ки видои зоҳирӣ бо Исо дар ҳақиқат онро ифода намекунад, ки Ӯ шогирдонашро тарк мекунад. Исо ба онҳо ваъда медиҳад: „Ман ҳамеша ва дар ҳама ҷо, то охирзамон бо шумо хоҳам буд“. Бовар доштан — дар ҳар вазъият ваъдаҳои Исоро ба назар гирифтан аст.

Дар аввали Инҷили Матто гуфта мешавад, ки пешгӯии пайғамбар Ишаъё дар бораи Исо иҷро шуд: „Бокирае ҳомила хоҳад шуд ва писаре хоҳад зоид. Ӯро Имонуил меноманд, ки маънояш «Худо бо мо» аст“.

Инҷил чуноне ки оғоз шуд, боз ҳамон тавр ба анҷом мерасад. Исо Имонуил аст; ба воситаи Исо „Худо бо мо“ мешавад. Саргузашти Исо дар рӯи замин ба охир расид. „Ӯ дар байни мо зиндагӣ мекард“, — шаҳодат медиҳанд ҳаввориёне ки танҳо дида ва шунидаи худро навиштаанд. Ва мо, масеҳиёни ҳозира метавонем тасдиқ кунем: Ӯ дар байни мо ноаён, вале ба таври эҳсосшаванда зиндагӣ мекунад. То вақте ки Ӯ чун Худованди дидашавандаи тамоми ҷаҳон биёяд.

# Эзоҳ

**Гуноҳ** — амал ва андешае ки ба талаботҳои Худо нисбати рафтори одам мувофиқат намекунад.

**Имон** — боварӣ ба Худо ва таълимоти Ӯ, ки дар Китоби Муқаддас ифода ёфтааст. Имон ба он, ки Худо ва таълимоти Ӯ манбаъҳои боэътимодтарини қоидаҳои рафтор, манбаъҳои ҳаёт мебошанд.

**Фаришта** — фиристодаи Худо бо супориши махсус ба шахси муайян. Ба забони юнонӣ „ангелос" — сафири давлат дар кишвари дигар.

**Рӯҳулқудс** — қудрати Худост, ки ба виҷдони мо таъсир мерасонад ва роҳи дурустро нишон медиҳад. Воситаи таъсири Худо бар одам (чӣ имондор ва чӣ беимон).

**Муқаддас** — одам ё ашёе ки аз дигарон бо он фарқ мекунад, ки мақсади мавҷудияти он хизмат ба Худо ва ҷалол додани қудрати абадии Худо мебошад.